# КОМИЛА

## китоби II

Нависанда: Кари Винйе

Китоби кӯдакона: Вафо ва Амина
Соли 2010

## *ХОНАИ ФРАНСЕН*

Биё! Ман мехоҳам туро ба хонаи Франсен даъват кунам, то ту воқеаеро бинӣ, ки чанд вақт пеш рӯй дода буд, чанде пеш аз оне ки ту таваллуд шудӣ.

Мумкин ту дар бораи Франсен он қадар намедонӣ. Лекин ман ба ту гуфтан метавонам, ки ӯ навакак соҳиби завод шуд. Яке ӯ соҳиби заводи бозичабарорӣ шуд! Чанд сол ӯ дар он ҷо коргари муқаррарӣ буд. Он вақтҳо завод ҳанӯз аз они ҷаноб Ҳербстблатт буд. Лекин баъд Ҳербстблатт сахт бемор шуд. Ӯ ин хел сахт касал шуд, ки фикр мекард, ки ӯ мемурад. Хешу табори ӯ инро ҳам фикр мекарданд. Аз ин сабаб аз ҳар тараф сафар карда ба пеши ӯ омаданд. Пештар онҳо барои ӯ парво намекарданд ва барои хабаргирӣ намеомаданд. Лекин акнун ҳама гирди кати касалӣ ҷамъ шуданд. Онҳо рӯйҳои ҷиддии меҳрубон доштанд, хешу табори ӯ. Ҳама дасташро гирифтанд ва орзу карданд, ки ӯ тез боз сиҳат шавад. Лекин Ҳербстблатт хуб медонист, ки онҳо чӣ орзу мекарданд! Онҳо ҳамаашро мерос гирифтан мехостанд, ки аз они ӯ буд. Хусусан заводи бозичабарорӣ. Ҳар каси онҳо орзу дошт, баъди мурдани ӯ, заводи бозичабарории ӯро мерос гирад. Ин аз афтҳояшон маълум буд.

Ки онҳо ин гуна андеша мекарданд, ба Франсен маъқул нашуд. Барои ҳамин ӯ қарор баровард, ки ягон хеш заводи бозичабарориро мерос намегирад. Онро бояд Франсен гирад, ва ӯ аллакай ҳозир мегирад! Бо ин тавр Франсен соҳиби завод шуд.

Лекин дигархел шуд, чун Ҳербстблатт бовар карда буд. Азбаски ӯ намурд. Ӯ ин хел чун пештар сиҳат шуд. Франсен пурсид, ки оё Ҳербстблатт боз заводро мехоҳад, акнун, вақте ки ӯ сиҳат шуд. Лекин ӯ инро нахост. Ӯ гуфт, ки ӯ ҳанӯз бисёр заводҳо дорад. Ин тавр Франсен соҳиби завод монд.

Ту хонаи заводсоҳиб Франсен тасаввур кардан метавонӣ? Ту акнун ба ҳар ҳол як хонаи калони сафедро мебинӣ, ин тавр нест? Хона дар боғи хуррам бо сабзаи калон, дарахтон ва буттаҳои садбарг мехобад. Зеро ин хел одамони бойи он вақтҳо зиндагӣ мекарданд-ку?

Лекин ин хел Франсен зиндагӣ накард! Ӯ ҳоло ҳам дар хонаи кӯҳнааш дар кӯчаи Мобайнӣ мезист. Франсен хизматгорон надошт, ки чангҳоро тоза мекарданд ва кулча мепухтанд. Инро ҳамааш ҳамсари Франсен мекард. Аз кадом сабаб инро ӯ бояд намекард? Ба ӯ хона ба тартиб даровардан ва кулча пухтан маъқул буд.

Франсен ҳам аз он вақте, ки соҳиби завод шуд кӯлоҳи нав нахарид. Зани Франсен куртаи нав нахарид, ва онҳо дивани нав нахариданд. Бо ин чизҳои нав чӣ кунанд, агар ҳозир ҳамааш соз буд?

Рӯзе, вақте онҳо дилгармона дар меҳмонхона шиштанд, касе ба дар тақ-тақ кард.

Он кас Ҳансен аз лагер буд, ки дар дар истод. Ӯ дар лагери заводи бозичабарорӣ кор мекард. Аз ин сабаб ҳама ӯро Ҳансен аз лагер меномиданд.

Ҳансен каллапӯшашро аз сараш кашида, дарав гап заданро сар кард.

«Ту аллакай шунидӣ?» баровaрда гуфт ӯ ва ба чашмони Франсен нигарист. «Себастиан Кок аз ҳабсхона озод карда шуд! Ҳамон дузде, ки маошҳои ҳама коргаронро аз заводи бозичабарорӣ дуздида буд. Акнун ӯ боз озод аст!»

«Ман инро аллакай медонам», гуфт Франсен оромона, «илтимос, шин!»

Ӯ бо чубуқаш ба курсие, ки пеши отащдон буд, нишон дод.

Ҳансен нишаст ва каллапӯши худро тоб доданро сар кард. Вай тезтар ва тезтар тоб мехӯрд. Баъд ӯ пурсид, ки мабодо Франсен барои заводи бозичабарорияш наметарсад. Себастиан метавонист ҳар вақт ба он ҷо дарояд-ку. Ӯ болои бом мисли санҷоб баромадан метавонист. Инро Ҳансен шунида буд. Ки медонад? Мумкин ӯ ҳанӯз дар ин ҷо мегардад ва дуздии навро ба нақша мегирад!

Франсен сарашро меҷунбонад.

«Вай бача дигар ҳеҷ вақт намедуздад», гуфт ӯ оромона. «Ӯ Себастиани тамоман дигархел шуд. Ту дигар ӯро нахоҳӣ шинохт.»

Ҳансен ба замин нигоҳ кард ва каллапӯшашро тоб дод. Акнун он аз ҳама тез тоб мехӯрд. «Ҳа!» аз ӯ овоз баромад. Овоз аз даруни даруни гардан баромад.

Ҳозир Франсен дасташро дароз кард ва аз ҷевон китоберо баровард. Ин Китоби Муқаддас буд. Ӯ оҳиста рӯи китобро сила дод. Баъд ӯ бо ҳамон овози оромона гуфт: «Ин китоб ба Себастиан ёрӣ расонд. Барои ҳамин ман ният дорам, то гӯям, ки ӯ ҳеҷ вақт дигар намедуздад.»

Ҳансен каллапӯшашро ба болои пойҳояш гузошт.

»Албатта ӯ боз медуздад! Мисли ӯ одам ҷои кор намеёбад. Фикр мекунӣ, ягон кас дар хонааш дузд мехоҳад?»

Франсен занашро нигоҳ кард. Вай сарашро бо розигӣ ҷунбонд, гӯё ки ишорате мекунад. Франсен вайро бо чашмонаш табассум кард. Баъд боз сӯи Ҳансен тоб хӯрда гуфт, ки Себастиан аллакай ҷои кор ёфта буд. Ӯ дар заводи бозичабарорӣ кор хоҳад кард.

Дар заводи бозичабарорӣ ...

Ҳансен дигар ҳеҷ чиз баровардан натавонист. Ӯ бо даҳони кушода шишта истод. Чашмони ӯ ба тамоми хона гаштанд, гӯё ки ӯ чизе барои худро доштан мекобад. Як лаҳза онҳо дар Китоби Муқаддас бозистоданд, ба дасти Франсен нигаристанд ва бадан боло то рӯй рафтанд.

«Ин заводи туст ва ту чӣ ки хоҳӣ, бо он кардан метавонӣ », ӯ сахтгирона гуфт. «Лекин агар чизҳоят дуздида шаванд, пеши ман шикоят накун, ки ҳеҷ кас туро огоҳӣ накард!»

Оё дар овозаш тадҳид набуд? Франсен аниқ надонист, лекин ӯ фаҳмид, ки Себастиан душманеро пайдо кард. Ҳам зани Франсен инро фаҳмид. Вай дар бофтани ҷӯроб машғул буд ва чизе нагуфт. Лекин вай ҳамаашро гӯш кард ва дид. Вай дид, ки рухсори мардаш сурх шуд, ва вай донист, ки ин чӣ маъно дорад. Маъно дошт, ки ба ӯ ин маъқул набуд. Лекин боз зиёдтар маъно дошт. Маъно дошт, ки ӯ ҳозир бисёр хашмгин мешавад. Дастҳояш дастаҳои курсиро медоштанд. Буҷулакҳояш сафед шуданд.

Акнун ӯ дигар худро доштан наметавонад, андешид ҳамсари Франсен. Ӯ сари сурх мегирад ва аз ҷояш мехезад ва дод мезанад ...

Лекин Франсен дод назад. Ҳеҷ кас нафаҳмид, ки овозаш меларзид, ҳатто ҳамсараш не.

«Агар ту исбот кардан метавонӣ, ки Себастиан медуздад, ман ӯро аз кор хориҷ мекунам, - гуфт ӯ оҳиста. - Агар не, не».

«Инро ман ба ту исбот мекунам, - миш-миш кард Ҳансен, вақте ӯ ба хона баргашт, - Ин хел ё он хел ман исбот хоҳам кард, ки Себастиан ҳоло ҳам медуздад. Ҳама бояд бинанд, ки ман рост гуфтам!»

# *МАКТУБ*

Ҳансен сад фоиз дилпур буд, ки Себастиан дар шаҳр мегашт ва фикри duздиданро мекард. Себастиан наздиктар будан метавонист, ки ту фикр мекунӣ! Ҳама ҷо дузди сурхмӯй сарашро аз кунҷи ягон хона баровардан метавонист. Ӯ дар як кӯча пинҳон шудан ва одамонро бо чашмони зирак мушоҳида кардан метавонист. Ҳама аз Себастиан Кок боянд битарсанд. Ин тавр Ҳансен аз лагер фикр мекард.

Лекин ин нодуруст буд. Оҳ, ин ин хел нодуруст буд!

Себастиан тамоман дар шаҳр набуд. Ӯ дури дур дар деҳае буд.

Ту як хонаи сурхи хурд, ки аз барф мебаромад, тасаввур кардан метавонӣ? Ин хел намуди Офтобхона буд. Он ҷо Себастиан буд. Ӯ чун меҳмон дар хонаи дугонаи ҷонияш буд.

Медонӣ, ки номи дугонаи ҷонии Себастиан Комила Питтен буд? Ту ҳам медонӣ, ки ӯ ҳаштсола буд? Мумкин боз дигар чиз медонӣ. Мумкин ту медонӣ, ки Китоби Муқаддаси суратдори Комила буд, ки ба Себастиан кӯмак расонд, то ӯ дигар duздӣ накунад. Вақте ӯ дар он хонд, ӯ қарор кард, ки ӯ Себастиани нав мешавад.

Ҳозир ҳарду дӯстон якҷоя дар мизи ошхона нишастанд ва аз қоғаз қурбоққа сохтанд. Ҳансен ҳайрон мешуд, агар мефаҳмид, ки чӣ хел дилкушой онҳо он ҷо доштанд. Онҳо хандиданд, вақте ки онҳо қурбоққаҳоро мепаронданд.

Яке Комила ҷиддӣ шуд.

«Медонӣ чӣ?» гуфт ӯ ба Себастиан. «Ман қариб бовар мекунам, ки Софи нағздида дорад.»

Софи апаи калонии Комила буд. Баъзе вақт ӯ мисли модар буд, ва ин мумкин зарур буд, зеро Комила на падар ва на модар дошт. Онҳоро Софи албатта ҳам надошт. Лекин Софи аллакай калонсол буд ва худро таъмин кардан метавонист, ва инро Комила наметавонист.

Себастиан ба боло нигоҳ кард.

«Барои чӣ ту инро бовар мекунӣ?» пурсид ӯ.

«Аз барои он ки ӯ мактуберо гирифт. Мо ҳеҷ вақт мактуб намегирем, танҳо аз язна Оле. Лекин ин ҳусни хати ӯ нест.»

Комила ба ҳуҷра даромада, мактубро овард, ки болои ҷевон мехобид. Ҳардуяшон онро нигоҳ карданд. Он тоза ва сафед буд ва рӯяш бо ҳарфҳои

зебо навишта шуд. Лекин ягон каси онҳо гуфтан натавонист, ки он аз куҷо меояд.

«Бовар мекунӣ, ки ин мактуби ошиқӣ аст?» пурсид Комила. Лекин инро Себастиан бовар накард. Ӯ гуфт, ки ин ҳусни хати занона аст. Мардон ҳеҷ вақт ин хел наменависанд. Ин хел Комила андешид, ки мактуб мумкин аз хола Лувизе буд. Софи аниқ аз ин хурсанд намешавад. Хола Лувизе ҳеҷ вақт чизи нағз наменавист. Вай танҳо ҳодисаи ғамгинеро менавист. Баъзе вақт ӯ чизеро фикр мекард, ки Софи ва Комила бояд кунанд, аз сабаби он ки ӯ бо пул ба онҳо ёрӣ мерасонд. Барои ҳамин ба Комила мактубҳои хола Лувизе маъқул намешуданд.

Чӣ хеле ки Комила фикр кард, ин тавр ҳам буд.

Мактуб аз хола Лувизе буд ва Софи аз он хурсанд нашуд. Комила фаҳмид, ки Софи вақти мактуб кушодан, чизеро миш-миш карда гуфт.

«Бо чӣ шуда бошад?» Инро ӯ миш-миш кард. Баъд чинҳояш ҷинҷ шуданд. Онҳо ҳангоми мактуб хондан ҷинҷтар шуданд, ва гирди лабҳояш ду хати рост пайдо шуданд. Хулоса, ӯ мактубро ба миз партофт, ва дастҳо дар сар ба курсӣ нишаст.

«Чӣ шуд?» пурсид Комила. «Чӣ ин хел бад аст? Ту бояд ба ман гӯӣ, Софи. Софи, маро шунида истодаӣ?»

Софи шунид. Вай мактубро бардошт ва ба Комила хонда дод:

*Софии азиз!*

*Ман касал дар катам хобам ва беқувватам. Ин хеле даҳшатнок аст. Ҳеҷ кас намедонад, чӣ хел ман азоб мекашам, зеро ман ҳеҷ вақт нолиш намекунам. Ман дардҳои худамро бо даҳони пӯшида тоқат мекунам. Духтур мегӯяд, ки ман грип дроам. Лекин ман дилпурам, ки ин рост нест. Бемории ман сахттар аст, ва ман ҳеҷ касро надорам, ки маро ғамхорӣ мекунад. Ман ду хизматгорро санҷидам, аммо онҳо чизе натавонистанд. Якумаш баъди ду рӯз аз кор баромад ва дигараш ман маҷбур будам, хориҷ кунам, барои он ки собунро бисёри бад сарф мекард. Акнун ман қарор кардам, ки ту ба Баккетун биёӣ, то якчанд ҳафта ба ман ёрӣ бирасонӣ. Ту Комиларо бо худ гирифтан наметавонӣ. Ман кӯдакон дар хона доштан наметавонам ...*

«Ман баъд ба куҷо равам?» пурсид Комила.

«Ин дар ин ҷо нависта шудааст». Софи давомашро хонд: «Ман барои вай як ҷо дар сағирахона тайёр кардам ...»

«Ман ба сағирахона намехоҳам!» фарёд зад Комила.

«Ин фақат барои муддати кӯтоҳ мебошад», дилбардорӣ мекард Софи. Вай низ ғамгин буд. Себастиан инро фаҳмид. Комила инро дидан натавонист, барои он ки чашмонаш пур аз ашк буданд.

«Ман бояд ба он ҷо сафар кунам», гуфт Софи бо овози паст.

«Ту инро бояд накунӣ! Ту бояд ин ҷо бимонӣ!» Овози Комила хеле аҷоиб буд, гӯё ки забонаш ин хел фарбеҳ шуд, ки он дигар овозе баровардан намемонд. Софи хост Комиларо ба оғӯш гирад, лекин Комила тоб хӯрд.

«Комила..» Софи оҳ кашид. «Комила ... ту намефаҳмӣ, ки ...»

Ҳа, Комила мефаҳмид! Хеле хуб мефаҳмид! Вай фаҳмид, ки хола Лувизе Софиро аз ӯ гирифтан хост. Бас набуд, ки ӯ падару модарашро гум карда буд? Акнун ҳам Софи бояд аз ӯ равад. Ҳатто ба вай апаи худро доштан мумкин набуд. Не! Вай ба як сағирахона бояд бурда шавад, азбаски ҳеҷ кас ӯро намехоҳад!

Комила ба ҳуҷра давид ва худро ба кат партофт. Дар бо овози баланд маҳкам шуд. Ин тарахи баланд буд, фикр кард Комила. Ин хел бояд тарах-парах кунад, агар ӯ хафа ва зиқ буд!

Комила гӯш кард. Вай фақат баъд гиря кардан мехост, ҳангоме ки Софи ба ҳуҷра дарояд. Лекин Софи наомад. Ва ҳақиқатан наомад? Не, вай бо Себастиан дар ҳуҷраи дигар гап зад. Овозҳо паст буданд. Комила нафаҳмид, ки онҳо чӣ гуфтанд. Лекин акнун ӯ дигар чизро шунид. Вай дар фарши ошхона овози қадамҳо шунид. Қадамҳо наздиктар омаданд. Акнун касе назди дари ҳуҷра буд. Акнун касе дар ҳуҷра буд!

Комила дар болои китфаш дастеро ҳис кард. Лекин он дасти Софи набуд. Он дасти Себастиан буд. Себастиан аввал чизе нагуфт. Ӯ фақат дар паҳлӯи кат нишаст ва фақат ин ҷо буд. Ҳозир ӯ бо пушти Комила гап заданро сар кард, азбаски ӯ сари ӯро дидан натавонист. Онро ӯ дар даруни болиштҳо пинҳон кард.

Себастиан гуфт, ки Комила бо ӯ ба шаҳр рафтан ва бо ӯ зиндагӣ кардан метавонад, дар вақте ки Софи хола Лувизеро нигоҳбин мекунад. Ӯ дар хонаи Франсен дар кӯчаи Мобайнӣ зиндагӣ хоҳад кард. Ӯ дилпур буд, ки Комила ҳам дар он ҷо зиндагӣ кардан метавонад.

Ҳозир Комила тоб мехӯрад, ин хел, ки Себастиан рӯи ӯро дидан метавонад. Ва акнун ӯ боз табассум мекунад.

Ин хел ҳамааш сар шуд, ҳама чизҳои аҷибе, ки ба Комила дар шаҳр рӯй хоҳад дод.

## *ОДАМОНИ ШАҲРӢ АҶИБАНД*

Ҳамааш ин хел тез шуд, ки Комила қариб ба чизе мешудагӣ фикр кардан натавонист, пеш аз он ки дар ҳақиқат воқеъ гашт. Ба вай менамуд, ки гӯё ӯ яке дар шаҳр буд. Яке ӯ дар истгоҳи қаторaҳо истод ва дид, ки чӣ хел Софи ба санка шишта рафт. Ва вақте ки вай ин хел истод, бе аз он ки аз ҷояш ҷунбад, ӯ андешид, ки ӯ мумкин Софиро дигар намебинад. Мумкин Софи дигар барнамегардад. Мумкин ӯ дар назди хола Лувизе мисли падару модар мемурад. Онҳо дигар зиндагӣ намекарданд. Онҳо дигар бо Комила гап задан наметавонистанд. Онҳо танҳо сурат дар девол буданд ...

«Биё, Комила», гуфт Себастиан, «биё, мо меравем!» Ӯ овози меҳрубон дошт. Мумкин ӯ донист, ки Комила фикрҳои ғамгинона дошт, ва мехост, ки ӯ фикри дигар чизро кунад.

Себастиан дасти Комиларо сахт қапид, то ӯ аз ӯ кашида нашавад. Комила дасти Себастианро сахт қапид, то вай аз ӯ кашида нашавад. Ин тавр ҳардуяшон ба кӯчаи Савдо рафтанд.

«Хайр», пурсид Себастиан, вақте онҳо мегаштанд, «ба ту шаҳри ман маъқул шуд?» Комила надонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Вай дилпур набуд, ки ба ӯ ин ҷо маҳқул буд. Вай андешид, ки одамон ин ҷо кам-кам аҷиб буданд. Вайҳо ҳама даҳшатнок ба онҳо нигаристанд. Баъзеашон ба Себастиан нишон доданд, гӯё ки ӯ чизи аҷибе аст. Онҳо сарашонро фароварда, пичиррос мезаданд.

«Барои чӣ ҳамаи онҳо моро ин хел нигоҳ мекунанд?» пурсид Комила.

Себастиан даҳонашро ба як табассуми кaҷ ҷунбонд. Фақат ними даҳон хандид, дигар нимаш қариб зиқ метофт.

«Ман охир як ... дузд будам», гуфт ӯ ҷиддӣ. «Ту инро медонӣ-ку, ё не?»

«Ҳа», аз Комила овоз баромад. Вай донист, ки Себастиан пештар дузд буд.

«Ва ман дар ҳабсхона шишта будам».

«Ҳа», боз Комила гуфт.

«Ва баъд ман боз гурехтам, чӣ хеле ту медонӣ».

«Ҳа-а».

«Ва ман бо рӯзнома кофта шудам, бо сурату ин хел ...»

«Сурати калон буд», гуфт Комила.

»Ҳа, сурати калон буд, ин хел, ки ҳама одамон маро боз мешиносанд. Акнун онҳо фикр мекунанд, ки дузди хатарнок Себастиан Кок ...»

«Ва дуздкӯдакаш», гуфт Комила ва хир-хир хандид.

«Ҳа, ин хел онҳо фикр мекунанд. Ҳозир онҳо куфлҳои калон мехаранд, ки бо он дарҳояшонро маҳкам кардан метавонанд ...»

«Агар не, мо меоем ва дар шабӣ барои дуздӣ ба хонаҳояшон медароем», хандида гуфт Комила. Ба вай хандаовар тофт, ки шаҳриён фикр мекарданд, ки ӯ кӯдаки дузд аст.

«Дуруст», гуфт Себастиан. «Ин ҷо мо ба тарафи чап меравем, ба он кӯчаи хурд. Номаш кӯчаи Тӯпфер аст».

Онҳо ба тарафи чап тоб хӯрда ба кӯчаи Тӯпфер даромаданд.

Лекин дар пушти онҳо касе буд, ки ҳам ба кӯчаи Тӯпфер даромад. Лекин инро Комила надид. Вай ҳоло ҳам дар бораи шаҳриён фикр кардан, машғул буд.

«Ва баъд?» давом карда пурсид ӯ. «Онҳо боз чӣ мекунанд?»

«Киҳо?» пурсид Себастиан.

«Одамони шаҳр!»

«Онҳо аз пушти мо мераванд ва аз пушти мо ҷосусӣ мекунанд».

Комила донист, ки ин фақат беақлӣ буд. Лекин ва бояд якбор ба қафо нигоҳ кунад. Ва бояд медид, ки касе аз пушти онҳо ҳаст. Ва он ҷо касе буд! Комила ҳис кард, ки дилаш як лаҳза истод. Вай рӯи бачаро хуб дид. Вай барои якчанд сония ин хел наздик буд, ки ӯ ӯро расидан метавонист. Баъд ӯ нест шуд ва худро пушти зинапояе пинҳон кард.

«Ин ҷо касе ҳаст, ки аз пушти мо аст», пичиррос зада гуфт Комила.

«Ман медонам, - пичиррос зада гуфт Себастиан, - ӯ ҳанӯз аз истгоҳи қаторaҳо аз пушти мо буд».

«Ман инро нағз намебинам», пичиррос зада гуфт Комила.

Ба Себастиан ин ҳам маъқул нашуд. Лекин ӯ ба Комила гуфтан нахост, ки ӯ чӣ фикр мекард. Баъд ӯ метарсид. Аз ба ҷои ин ӯ гуфт, ки онҳо ба зинапоя шиштан ва интизор шудан метавонанд, то вай бача аз назди онҳо гузарад. Лекин вай бача аз назди онҳо нагузашт. Ӯ ба зинапояе нишаст ва кам-ками поёнтари кӯча танаффус кард.

«Мо бояд аз ӯ халосӣ ёбем, - гуфт Себастиан бо он қадар овози паст, ки танҳо Комила ӯро мефаҳмид. - Ту он дарвозаи сурхро дидан метавонӣ? Он бо оҳани пои асп чун ороиш?»

Комила сарашро бо розигӣ ҷунбонд.

«Биё, ба он ҷо дароем», гуфт Себастиан. Баъд ӯ нақл кард, ки дар ҳавлӣ дарвозаи пинҳонӣ мавҷуд аст. Аз он ҷо Комила ва ӯ баромадан

метавонистанд. Лекин онҳо бояд, вақте ки аз ҳавлӣ гузаранд, хомӯш бошанд. Ба онҳо ҳам як овоз баровардан манъ буд. Агар не, бача мумкин мефаҳмид, ки онҳо дар куҷоянд.

Шиками Комила ғур-ғур мекард, вақте ӯ бо Себастиан якҷоя аз дарвозаи сурх гузашт. Вай фикр кард, ки онҳо ба ҳавлии аҷибе медароянд, барои он ки он дарвозаи пинҳоние дошт. Лекин ҳавлӣ оддӣ метофт. Дар тарафи рости ҳавлӣ девори хокистарранг мевҷуд буд, ки дар он ҷо якчанд қуттӣ меистоданд. Дар тарафи чап як дар ва зинапоя буд ва пешаш як дарвозаи хурде буд, ки ба як намуд боғ мебурд. Комила дидан наметавонист, ки дар он ҷо ягон зинапоя мавҷуд буд. Вай танҳо як деволи чӯбинеро дид, ки ба дарун нигоҳ кардан намемонд.

Себастиан як чӯбе аз деволи чӯбин пахш кард ва яке як шикофе дар байн пайдо шуд. Аҷиб! Яке шикоф дар девол пайдо шуд.

«Тез!» пичиррос зада гуфт Себастиан ва Комила ба шикофӣ даровард. Баъд ӯ чӯби дигаре пахш кард ва девол бо тарах-парахи паст маҳкам шуд. Ҳеҷ кас дигар дидан натавонист, ки он ҷо як шикоф буд. Девол ба боғ хеле наздик буд. Лекин ин хел наздик набуд, чунин Комила гумон мекард. Себастиан як сӯрохи хурде нишон дод, ки аз он ҷо нигоҳ кардан мешуд. Вақте Комила чашмашро ба сӯрох монд, ӯ як қисми ҳавлиро дидан тавонист. Вай буттаеро дид, ки назди деволи хона буд, ва ӯ дарвозаро дидан тавонист, ки ба ҳавлӣ мебурд.

Комила аз интизорӣ меларзид. Акнун ӯ дид, ки дарвоза кушода шуд. Ва ин ҷо – дар даҳони дар – ҳамон бача меистод, ки аз пушти онҳо буд. Комила ӯро хуб медид. Як лаҳза дилаш барои ӯ сӯхт. Ӯ бечора менамуд. Джемпир пур аз сӯрохҳо буд. Дастпӯшакҳояш низ сӯрохҳо доштанд, ва шимаш дӯхта шуда буд. Ӯ нафис буд ва рӯи хароб дошт. Дар болои сар ӯ каллапӯши чармие дошт, ки ин қадар калон буд, ки қариб чашмонашро мепӯшонд. Дар пойҳояш ӯ пойафзоли чӯбин пӯшида буд, ки пойёнаш барф дошт.

Бача хомӯш истод ва як дам гӯш кард. Чашмон аз поёни каллапӯши чармӣ зинда буданд. Акнун ӯ ба боғ даромад ва ба пушти бутта назди девол нигоҳ кард. Мумкин ӯ касеро ҷустуҷӯ мекунад? Ҳа, инро ӯ мекард! Ӯ Комила ва Себастианро меҷуст. Ӯ ин хел метофт, ки ӯ ҳайрон буд, ки ӯ дар он ҷо касеро наёфт. Ӯ дар фикр буд ва чилликҳояш чӯбҳои деволро мерасиданд. Каме баъдтар ӯ гум шуд ва Комила ӯро дигар аз сӯрох надид. Лекин ӯ медонист, ки ӯ ҳоло дар боғ аст, азбаски ӯ қадамҳои ӯро мешунид. Онҳо дар тарафи дигари девол аз пеши Комила мегузаштанд. Як лаҳза ӯ ин хел наздик буд, ки сояи ӯ ба сӯрох афтид. Оё ӯ нафаскашии ӯро фаҳмид? Ӯ тақ-тақи даҳшатноки дилашро шунид?

Не, ӯ нашунид. Соя аз сӯрох гум шуд ва қадамҳо дур рафтанд. Лекин онҳо тамоман нест нашуданд. Комила шунид, чи хел ӯ дар боғ мегашт.

Он ҷо! Он ҷо ӯ боз омад! Назди дарвоза! Ӯ кофтуковро бояд бас карда буд, зеро ӯ аз бутта гузашт ва аз пушташ нигоҳ накард. Ӯ аз боғ ба ҳавлӣ даромад. Комила ӯро дигар дидан натавонист.

«Акнун мо рафтан метавонем», гуфт Себастиан ва Комила дасташро гирифт.

Комила ба роҳ нигоҳ накард. Вай пур аз андешаҳо буд. Себастиан ҳам бисёр фикр кард, зеро ӯ Комиларо нигоҳ накард. Ӯ рост ба ҳаво нигарист.

Комила Себастианро дар вақти фикр, халал расонидан нахост. Барои ҳамин ӯ хомӯш буд, агар ҳам чанд савол дошт.

Ду дӯстон якҷоя хомӯшона гаштанд ва дигар дар бораи рафтори одамони шаҳрӣ гап назаданд.

Ба Комила он хонаи кӯҳнае, кучое ки ӯ зиндагӣ бояд мекард, маъқул шуд. Боғе, ки гирди хонаро иҳота мекард, маъқул шуд, ва ҳам Франсен ва занаш ба ӯ маъқул шуд. Франсен марди хароби хурд бо хатҳои хандаи зиёд дар рӯй буд. Ӯ хомӯшона мегашт ва қариб чизе намегуфт. Лекин хуб буд, ки ӯ ин ҷо буд.

Зани Франсен фарбеҳ ва доим хурсанд буд. Вай дастҳои фарбеҳ ва чашмони зинда дошт, ва мӯйҳоро ин қадар боло мебардошт, чунон ки Комила ҳеҷ вақт надида буд.

Зани Франсен гуфт, ки Комила ӯро апа Франсен наномад. Комила бояд Элизе гӯяд. Ба Франсен бояд Фридолф гӯяд. Ин номҳои онҳо буданд. Ҳа, Комила Элизе ва Фридолфро нағз медид. Лекин Себастианро аз ҳама бисёртар дӯст медошт. Ба ҳеҷ каси дигар бо ӯ дуои бегоҳӣ гуфтан мумкин набуд. Хонум Франсен пурсид, ки оё ӯ ҳам бо Комила баъзе вақт дуои бегоҳӣ гуфтан метавонад. Аммо Комила сарашро ҷунбонд ва не гуфт, зеро инро Себастиан бояд мекард. Танҳо ӯ.

Бегоҳи якум Комила дуои бегоҳиро фикр накард, ба ҳар ҳол на фақат. Вай ҳам қариб дар бораи Худо фикр накард, бо вуҷуди ин ки ба ӯ дуо мекард. Вай дар бораи бачае бо каллапӯши чармӣ ва дар бораи хона бо дарвозаи сурх фикр кард.

Дарав, баъди Омин гуфтанаш ӯ пеши Себастиан тоб хӯрд ва пурсид: «Ту аз куҷо дар бораи дарвозаи пинҳонӣ медонистӣ?»

«Ман онро медонам, азбаски ман онро худам сохта будам», гуфт Себастиан.

«Ту?» фарёд зад Комила бо тааҷҷуб.

«Ҳа, ман». Себастиан табассуми аҷибе кард. Баъд ӯ нақл кард, ки ӯ пештар, вақте ки ҳоло дузд буд, дар хона бо дарвозаи сурх зиндагӣ мекард. Ӯ он ҷо бо дузди дигар зиндагӣ мекард. Номаш Ёахим Дженсен буд. Ягонтаи онҳо кор надоштанд. Онҳо аз он чизе, ки медуздиданд, зиндагӣ мекарданд. Барои ҳамин милисаҳо доим аз пушти онҳо буданд. Аз ин сабаб Себастиан дарвозаи пинҳониро сохт, ки аз он ҷо ӯ ва Ёахим Дженсен гурехтан тавонанд, агар мабодо милисаҳо ба дар тақ-тақ мекарданд.

Комила фикр кард.

Ёахим Дженсен ... Вай дилпур буд, ки ӯ ин номро якбор аллакай шунида буд. Ёахим Дженсен ... Ҳа, акнун ба ёдаш расид! Вай якбор дар рӯзнома оиди

ӯ хонда буд. Ӯ бо мӯйҳои сиёҳ ва чашмони қариби сиёҳ даҳшатнок ва хатарнок тофта буд.

«Ӯ ҳоло ҳам дар он ҷо зиндагӣ мекунад, он дузди дигар?» пурсид Комила. Чашмони ӯ тарсон нигоҳ мекарданд. Себастиан сарашро ҷунбонд ва гуфт, ки дар он ҷо ҳеҷ кас дигар зиндагӣ намекунад. Хонаи нимвайрона бо дарвозаи сурх аз он сабаб холӣ аст, барои он ки канда бояд шавад. Барои ҳамин ҳама иҷорагирҳо кӯчида рафтанд.

Ин тавр Себастиан гуфт, ва ӯ фикр мекард, ки ростро гуфт. Ӯ донистан наметавонист-ку, ки хона бо дарвозаи сурх иҷорагирин пинҳонӣ дошт. Касе, ки оҳиста медаромад ва мебаромад, вақте ҳеҷ кас ӯро намедид. Иҷорагири пинҳонӣ мӯйҳои сиёҳ ва чашмони қариб сиёҳро дошт ва номаш ... ҳа дуруст, номаш Ёахим Дженсен буд.

«Ҳозир дар куҷо зиндагӣ мекунад?» пурсид Комила.

«Ёахим Дженсен? Ҳа ...» Себастиан сарашро хорид. «Ман фикр мекунам, ки ӯ тобистони гузашта ба Амрико гурехт. Ба ҳар ҳол ӯ гуфт, ки ба он ҷо гурехтан мехоҳад, ва аз он рӯз ман ӯро дигар надидам».

Ба Комила хуб метофт, ки Ёахим Дженсен ба Арико гурехт. Дилаш ба америкоиҳо сӯхт, аммо барои худаш хуб буд. Акнун ӯ бояд дигар натарсад, ки Ёахим Дженсен меояд ва бо чашмони даҳшатнокаш ӯро нигоҳ мекунад. Ҳозир ӯ тамоми шаб оромона хоб рафтан метавонад. Ҳеҷ чиз хатарнок набуд.

Вале мумкин ӯ бо вуҷуди ин ҳам каме тарсид. Вай дар бораи бача бо каллапӯши чармӣ фикр кард. Ӯ мумкин ҳам каме хатарнок аст.

Акнун ӯ аз Себастиан фаҳмидан хост, ки ӯ ин бачаро мешиносад. Барои чӣ аз пушти онҳо рафт? Ӯ тамоман чӣ хост? Ӯ ганда буд? Себастиан ӯро ягон бор дида буд?

Себастиан гуфт, ки ӯ ӯро чанд бор дида буд; номаш Оливер Ҳансен буд. Себастиан низ падарашро мешинохт. Падари Оливер дар лагери заводи бозичабарорӣ кор мекард, аммо ин аллакай ким-кай буд. Он вақт Ҳансен аз лагер дӯсти ӯ буд. Лекин баъд ...

Себастиан каме қурт кард, зеро акнун бояд чизи душворе нақл кунад. Як рӯз ... не, як шаб буд, ӯ ҳамаи маошҳои коргарони заводи бозичабарорӣ дуздид, ва аз Ҳансенро низ дуздид. Ин аз ҳама безеб буд! Ӯ аз Ҳансен дуздид, ки ин қадар камбағал буд ва ҳашт кӯдак дошт!

Аз ин сабаб ӯ андешид, ки мумкин Ҳансен барои кори кардагии Себастиан ӯро ганда мебинад. «Мумкин ...»

Себастиан истод.

«Чӣ мумкин?» пурсид Комила.

«Мумкин Ҳансен аст, ки ...»

«Чӣ мумкин?» боз Комила пурсид.

«Мумкин Ҳансен аст, ки мехоҳад, ки Оливер аз пушти мо равад».

«То ки қасд гирад?» пурсид Комила.

«Ҳа-а», бо фикр гуфт Себастиан. «Мумкин ин ба нақшаи ӯ дохил мешавад. Мо намедонем».

Инро Комила низ фикр кард. Ҳансен аз Себастиан хафа аст ва ин тавр ӯ нақшаи қасдиро фикр кард. Оливер бояд ба ӯ ёрӣ расонад. Ин хел бояд бошад.

Ба фикрам, Себастиан фаҳмид, ки Комила метарсад ва ӯ тез гуфт, ки ин гуна мумкин ҳам нест. Оливер мумкин чун шӯхӣ аз пушти онҳо рафт. Аниқ набуд-ку, ки Ҳансен Себастианро ганда медид. Ғайр аз ин хатарнок набуд, агар Ҳансен фикри қасдиёнаи хурде кунад. Вақти дароз даркор набуд, ва дере нагузашта Себастиан ҳамаашро баргардондан метавонист, ки аз коргарон дуздида буд. Ҳанӯз баъди маоши якумаш ӯ хонаи Ҳансен рафтан ва пул бо торт овардан хост. Баъд онҳо хурсанд мешаванд, Ҳансен ва занаш ва ҳашт кӯдаконаш, ва онҳо дигар аз пушти ӯ ҷосусӣ намекунанд.

Себастиан бо овози паст гап зад ва Комиларо тасалло медод. Лекин ин ёрдам надод. Комила донист: Чизи безебе бо Себастиан рӯй хоҳад дод. Лекин ягонкаси онҳо надонистанд, чӣ мешавад ...

Ин хел Себастиан калимаҳои зебое гуфт, ки Комила бояд дар ёдаш мемонд.

«Паррандаи хурдакак ...»

Ин хел сар кард. Баъзе вақт ӯ «Паррандаи хурдакак» мегуфт, агар чизи муҳимро гуфта мехост.

«Паррандаи хурдакак, ту медонӣ, ки ин чизе, ки зиндагии ман буд, ба Худо додам. Ман акнун аз они ӯ ҳастам!»

Себастиан дастҳояшро кушод, гӯё ки нишон бояд медод, чӣ хел калон ва тамоман сиҳат ӯ буд.

«Чизи ки аз они туст, ту хуб нигоҳ мекунӣ, ин тавр нест?»

Комила сарашро бо розигӣ ҷунбонд. Вай фаҳмид, ки Себастиан чӣ гуфтанӣ буд. Ӯ донист, ки Худо ӯро нигоҳ мекунад, то чизи безеб бо ӯ рӯй надиҳад.

«Агар ту кӯдаки Худо бошӣ, ту аз чиз бояд натарсӣ, - давом дода гуфт ӯ, - ту ҳеҷ куҷо танҳо нестӣ. Худо ҳамавақт назди туст ва ба ту ёрӣ мерасонад. Ба ин фикр кун, паррандаи хурдакак!»

Комила ин калимаҳоро дар ёдаш гузошт. Дар тамоми зиндагияш ин калимаҳоро дар хотир нигоҳ хоҳад дошт.

# *ТОРТИ ҚАЙМОҚӢ ВА КУЛЧАҲО*

Дар рӯзи оянда Себастиан маоши якумро гирифт.

Франсен меҳрубони хуб буд. Ӯ донист, ки Себастиан бепул буд. Ин тарз ӯ тамоми маошро дар аввал дод!

Себастиан ба Комила онро баъди аз хоб хестанаш нишон дод.

«Медонӣ, ин чӣ маъно дорад?» фарёд зад ӯ хушбахт. «Мо торт харидан метавонем, торти бисёр, Комила! Якбор фикр кун! Мо аллакай имрӯз пеши Ҳансен рафтан метавонем! Ту ҳам меоӣ, ё не?»

Ҳа, инро Комила хост. Лекин ӯ яке ҳиссиёти аҷибе дар шикамаш дошт. Вай бача бо каллапӯши чармиро фикр кард. Ӯ ҳам кӯдаки Ҳансен буд. Тасаввур кун, ки ӯ ва Ҳансен мумкин ҳам ганда буд. Тасаввур кун, ки онҳо ҳамаашон ганда буданд!

Себастиан хандид. Ӯ гуфт, ки ӯ дилпур буд, ки Ҳансен онҳоро намехӯрад. Онҳо бо худ торт доштанд-ку!

Албатта онҳо торт доштанд! Онҳо қариб ҳамаашро бардоштан натавонистанд! Себастиан дар дасташ бисёр кулчаҳо дошт, вақте ки бегоҳӣ назди Ҳансен рафтанд. Зани Франсен кулчаҳоро пухт. Вай гуфта буд, ки Себастиан торт нахарад. Ҳангоме, ки ӯ соқу саломат буд, ӯ меоазад. Ҳамсари Франсен боз як торти калони қаймоқӣ пухт. Онро Комила бардоштан хост. Лекин Себастиан бояд онро каме бардорад, барои он ки он ин қадар вазнин буд. Торти қаймоқӣ болои як табақи шишагини зебо буд, ки онро Себастиан ва Комила дар шаҳр харида буданд. Он низ як тӯҳфа барои Ҳансен ва оилааш буд.

«Ин ҷо бояд мо равем», яке Себастиан гуфт.

Онҳо дар пеши хонаи хокистарранге дар кӯчаи Иннсметтен рақами 3 истоданд.

«Ту он ду тирезаҳоро поёни бом дидан метавонӣ?»

Себастиан ба боло нишон дод.

«Он ҷо онҳо зиндагӣ мекунанд».

Дар пушти тирезаҳо чароғҳо даргирон буданд, ва Комила сояҳоро дидан метавонист, ки дар пушти парда ин сӯ ва он сӯ меҷунбиданд. Тамоми вақт дар пушти парда ҷунбишеро дидан мешуд.

Себастиан дар пеш буд. Комила дар пушти ӯ аз мобайни дарвоза гузашта болои зинапоя баромад. Баъд онҳо дар пеши дари Ҳансен меистоданд.

Себастиан як лаҳза, пеш аз тақ-тақ кардан, истод. Рӯи ӯ дар поёни мӯйҳои сурх сафед шуданд. Акнун ӯ дигар намехандид, чунонки инро саҳар карда буд. Ӯ оромона дар ҷояш истод ва дар бораи он фикр мекард, ки гуфтанӣ буд. Аввал ӯ бояд бо онҳо саломалейк кунад ва ба онҳо бегоҳии хуб орзуманд бошад. Ӯ бо меҳрубонӣ ва нағзӣ гап задан хост. Баъд ӯ ба Ҳансен тортро ва пулро додан мехост. Боз гуфтан фаромӯш накунад, ки баъдтар биёртар пул медиҳад. Ҳансен дилпур бояд буд, ки ӯ ҳар дирамро бармегардонад. Ин гап хуб буд, агар ӯ мегӯяд: ҳар як дирамро. Аниқ ана ҳамин калимаҳоро ӯ истифода хоҳад бурд. Баъд Ҳансен аниқ хурсанд мешавад. Ӯ аниқ дарро мекушояд ва онҳоро ба даромадан даъват мекунад, то онҳо тортро чашанд. Дар ин ҳолат Себастиан нақл кардан метавонад, ки ӯ ин қадар афсӯс мехӯрад, ки пулро дуздида буд ва бахшиш мепурсад.

Ҳеҷ кас ба тақ-тақи Себастиан ҷавоб надод. Лекин дар пушти дар яке хомӯш шуд. Себастиан боз тақ-тақ кард, аммо ин даъфа ӯ инро баландтар кард. Акнун онҳо як овози пастро шуниданд, ки гуфт: «Касе тақ-тақ дорад!»

Баъд оннҳо дар тарафи дигари дар қадамҳо шуниданд. Ин бояд Ҳансен мебуд, ки омада истода буд. Ҳа, Ҳансен буд! Комила ӯро ҳеҷ вақт дида набуд, аммо ӯ инро бе ин ҳам донист. Ҳеҷ каси дигар будан наметавонист.

Ҳансен ба зинапояхона даромад ва дарро аз пушташ маҳкам кард. Ӯ хеле фахр дошт, Ҳансен аз лагер. Ӯ дарро каме ҳам кушода намемонд, то одамони бегона ба даруни хонааш нигоҳ кардан метавонистанд. Ҳеҷ кас ин бетартибӣ ва бечорагиро дидан ҳуқуқ надошт. Агар касе бо ӯ гап задан мехост, ӯ инро низ дар долон иҷро кардан метавонист.

«Салом», гуфт Себастиан ва аз соя баромад.

Нав ҳозир Ҳансен фаҳмид, ки кӣ ба дараш тақ-тақ карда буд. Ӯ талхакаф шуд ва як қадам ба қафо рафт.

«Ту!»

Ӯ ин калимаи хурдро ба мисли овози мор гуфт.

«Ту!»

Себастиан қурт кард. Яке ҳамааш ин хел душвор намуд.

«Мо...», сар кард ӯ, «мо якчанд тортҳо барои ту ва оилаат овардем. Торти қаймоқӣ ...», ӯ бо сараш сӯи Комила ишора кард. «Ва ... эҳм ... Кулчаҳо. Марҳамат!»

Ҳансен ягон ишорае накард, ки ин чизҳоро гирифтанӣ буд. Ӯ дастҳоро дар пушт дошт ва Себастианро нигоҳ кард. Чашмони ӯ ба Комила маъқул нашуд. Ин хел метофт, ки онҳо ба рӯи Себастиан мепаронданд. Онҳо тамоми хурсандии ӯро мепаронданд. Комила дид, ки Себастиан дудила шуд. Ӯ

сеткаҳоро ба замин монд ва пулро кофт. Акнун овозаш ҳатто меларзид. Ин ба ӯ ҳеҷ вақт рӯ надода буд.

«М-ман б-ба ту п-пул овардам, барои он ки ...» Давомашро ӯ гуфтан натавонист. Ба ӯ дигар он гапҳои хуш ба хотир наомад, ки ӯ пешакӣ тайёр карда буд. Ӯ танҳо даст бо пул дароз кард.

Лекин Ҳансен пулро қабул накард. Мумкин ӯ онро надид? Не, ӯ бояд онро медид! Ӯ дар таги бинияш буд-ку!

Ҳансен онро ҳам дид. Ӯ ҳам дасти Себастианро дид, ки вақтҳои пеш маоши ӯро гирифта буд. Ва ӯ боз бисёртар чизҳоро дид. Дар дарунаш ӯ рӯи кӯдакони худро, ки ба хотири Себастиан хӯрок нахӯрданд, дид. Ӯ рӯзу шаб онҳоро дид: ҳашт рӯйҳои хароби сафед ...

Оҳ, чӣ хел ӯ Себастиан Кок ганда медид! Ҳеҷ вақт дар умраш ӯ ин одамро мебахшад! Як рӯз ӯ аз ганда дидан мемурад, инро ӯ ҳис мекард.

Яке ӯ худро дигар идора кардан натавонист. Ӯ кулчаҳоро зад ва онҳо ба замин афтиданд. Дар фикр ӯ хандаи даҳшатангезро баровард.

«Ҳоло исто, ҷаноб Кок!»

Ӯ баланд нагуфт. Ин фақат фикр буд.

«Фақат каме исто. Ман ҳоло мекунам, ки ту ин хел сафед мешавӣ, ки чунон ҳеҷ вақт набудӣ. Ман ҳоло ба ту нишон хоҳам дод, то ту аз тарс биларзӣ! Ҳоло исто, ҳоло исто ...»

Ӯ ҳис кард, ки ин калимаҳои қасдгирона, ки ба Себастиан гуфтан мехост, баромадан хостанд. Ӯ қариб худро медаронд, ин қадар ӯ хашмгин буд! Ӯ хост ин гапҳоро ба зидди дузд ва дуздкӯдакаш, ё ҳамон кӯдак, ки бо ӯ буд, ба рӯй занад. Ҳозир, ҳа ҳозир ин бояд рӯ диҳад.

Лекин дигар чиз рӯ дод. Яке дар бо як тарахи баланд кушода шуд ва ҳашт кӯдакони Ҳансен бо ченҳои ҳархела давида баромаданд. Пеш аз оне ки Комила фикр карда метавонист, ки бо торти қаймоқӣ чӣ рӯй медиҳад, онро касе аз дастонаш кашида гирифт. Дар лаҳзаи дигар ҳама дар замин шиштанд ва барои торти қаймоқӣ ҷанг карданд. Комила ҳеҷ вақт ин хел хӯрдани касро надида буд. Онҳо худро ба торт партофтанд, гӯё ки он душман аст. Оҳ, чи хел онҳо хӯрокро заданд! Хулоса, онҳо чилликҳояшонро лесиданд, ва хушбахтарини онҳо табақи тортро лесид. Баъд онҳо ин хел тез нест шуданд, чуноне ки омада буданд. Табақи торт ҳоло ҳам дар замин буд, ки тоза лесида буд.

Акнун Ҳансен ин хел хашмгин шуд, ки ӯ дигар чӣ кор кардани худро намедонист.

«Табақи тортро ту хӯрдан метавонӣ!» дод зад ӯ ва онро ба сӯи рӯи Себастиан партофт. Комила дид, чӣ хел он ба ҳаво парида омад, лекин ӯ

онро ҳанӯз гирифтан натавонист. Акнун ӯ мемурад, фикр кард Комила. Вай донист, ки ӯ мемурад. Табақи шишагин ӯро мобайни пешонааш мезанад! Ӯ як шикоф дар сар хоҳад гирифт ва пур аз хун ба қафо хоҳад афтид ... Не, ӯ ба тарафе парид ... Ӯ тавонист! Табақи шишагин аз пеши гӯши чапаш гузашт ва ба зинапоя афтид. Дар поён ким-куҷо овозӣ ҷаранг баромад. Дере нагузашта Комила боз ҷаранги дигарро шунид. Он аз дар омад, ки аз пушти Лудвиг Ҳансен маҳкам шуд. Ӯ дигар дар он ҷо набуд. Ӯ ба хона даромад.

Нав ҳозир Комила фаҳмид, ки боз ҷунбидан метавонад. Вай худро ба синаи Себастиан партофт ва гирист. Аввал сахт гиря кард, барои он ки ӯ қарибӣ кӣ мемурд. Баъд ӯ аз таскин гиря кард, барои он ки Себастиан намурд. Ӯ зинда буд! Ӯ сиҳат ва бе захм буд.

Ҳа, ӯ сиҳат буд, Себастиан Кок, лекин ҳам мурдагӣ. Дар дарунаш чизе бояд мурда буд, зеро рӯи ӯ чун санг буд. Ин хел буд, вақте ӯ ба худ омад ва Комиларо дид. Рӯи ӯ мулоимтар шуд ва ӯ Комиларо ба оғӯш гирифт. Ин хел онҳо истоданд ва ҳамдигарро тасаллӣ доданд, он ду дӯст дар пеши дари Ҳансен. Ман намедонам, чанд вақт онҳо ин хел истоданд, лекин ман медонам, ки Себастиан аввалин буд, ки чизе гуфт.

«Мо, ба фикрам бояд ... шишапораҳоро ҷамъ кунем, то ... бачаҳо ... захмдор нашаванд», гуфт ӯ.

Хуб буд, ки ӯ гап зад. Ин тавр аниқ буд, ки ӯ намурд. Мурдаҳо дигар гап задан наметавонанд ...

## *ВАЗИФАИ МАХФӢ*

Комила ва Себастиан даст ба даст ба хона баргаштанд. Онҳо қариб калимае бо ҳамдигар гап назаданд. Онҳо фикр карданд. Онҳо калимаҳо, барои он чизе, ки рӯй дода буд, наёфтанд. Барои ҳамин хап карданд.

Ман фикр мекунам, ки Себастиан каме дар бораи он андешид, ки мумкин ӯ мемурд. Ӯ пеши дари Ҳансен дар мобайни шишапораҳо хоб рафтан метавонист. Лекин ӯ боз дигар чизро фикр кард. Ба қарибӣ ӯ бо кор сар хоҳад кард. Баъд ӯ боз бо Ҳансен вомехӯрад. Ӯ доим дар наздикии Ҳансен мешавад ва гандабинии ӯро бояд тоқат кунад. Акнун ӯ донист, ки Ҳансен ҳеҷ вақт дигар дӯсти ӯ намешавад. Ҳансен ҳеҷ гоҳ он пулро, ки Себастиан барои ӯ аниқ кардан хост, қабул намекунад. Ин хел метофт, ки ба Себастиан барои ислоҳ намудани кораш имконият дода намешавад. Ӯ ҳам дузд мондан метавонист. Тамоми умраш ӯ ин борро кашол мекунад, ки ӯ дузд буд. Азбаски Ҳансен ин хел қарор кард.

Себастиан надонист, ки ӯ оҳ кашид. Ба фикрам, ӯ ҳатто худаш нашунид. Лекин Комила шунид. Вай ба Себастиан нигоҳ кард ва қариб чизе гуфт. Вай қариб мегуфт, ки ӯ бояд зиқ набошад. Ӯ вайро дошт-ку! Вай Себастианро паноҳ хоҳад дод, то Ҳансен ҳеҷ чиз кардан натавонад.

Комила як фикри нав дошт: Вай аз пушти Оливер ҷосусӣ кардан хост! Ин хел ё он хел ӯ бояд фаҳмад, ки ӯ аз кадом сабаб аз пушти Себастиан буд ва ки мехост, ки ӯ инро мекард ...

Ҳа, онҳо гаштанд ва ҳардуяшон фикр карданд, Комила ва Себастиан. Ҳеҷ каси онҳо ба пушт нигоҳ накард. Барои ҳамин онҳо нафаҳмиданд, ки сояи хурде аз хонаи кӯчаи Иннсметтен рақами 3 баромад. Ӯ худро бо деволҳо як кард, чуноне ки намехост, ки касе ӯро бинад. Баъзе вақт дар мобайни сояҳои бисёри бегоҳӣ дида намешуд. Вале баъд ӯ аз равшании чароғи кӯча бояд мегузашт, ва баъд дидан мешуд, ки ӯ соя набуд. Ӯ инсонкӯдак бо каллапӯши чармӣ дар сар буд. Ӯ ... ҳа, ҳақиқатан! Ӯ Оливер Ҳансен буд!

Оливер дар вазифаи махфӣ равона буд. Ӯ бояд мефаҳмид, ки куҷо Себастиан зиндагӣ мекунад. Баъди ин ӯ бояд ба ҷое бо номи «Сатили Сиёҳ» равад. Он ҷо ӯ бо марде хоҳад вохӯрд, ки ба ӯ ин вазифаи махфиро дода буд. Оливер то ҳозир ӯро ҳанӯз якбор дида буд. Ин ҳамон рӯзе буд, ки Комила ва Себастиан ба шаҳр омада буданд. Он вақт Оливер ба истгоҳи қатораҳо омад, то қатораҳоро тамошо кунад. Он ҷо ӯ як мардро дид, ки аҷоиб рафтор мекард. Мард дар кунҷи ҳуҷраи интизорӣ шишта буд. Он ҷо шишта буд ва

дар пеши рӯяш рӯзнома буд, гӯё ки ӯ мехонд. Лекин ӯ тамоми вақт фақат як варақро хонд. Ин аҷоиб буд.

Хайр, ин хел буд, ки дар хонаи Оливер пул барои рӯзнома харидан намерасид. Аз ин сабаб ӯ оддат дошт, ки агар имконият мешуд, рӯзномаи дигар одамонро ҳам мехонд. Он мард бо рӯзнома ба ҳар ҳол нахоҳад фаҳмид, ки Оливер наздиктар омад. Ин хел метофт, ки ӯ тамоман бо рӯзнома хондан машғул буд. Ҳа, ин хел имконият шуд, ки ҳардуяшон рӯзнома хондан тавонистанд. Мард саҳифаи даруниро ва Оливер беруниро хонд.

Лекин он рӯзномаи муқаррарӣ набуд, ки Оливер онро хондан сар кард. Ӯ тез мушоҳида кардан тавонист, ки касе ба рӯзнома ду шикоф бурида буд. Онҳо каме аз ҳамдигар дур буданд, гӯё ки рӯзнома чашм дорад. Яке Оливер донист, ки ин чӣ буд. Онҳо сӯроххо барои нигоҳ кардан буданд! Марди бегона тамоман рӯзнома намехонд! Акнун Оливер фикр кард, ки аз ҳама роҳи хуб гурехтан буд. Лекин пеш аз оне ки ӯ пойҳояшро ҷунбонидан тавонист, мард рӯзномаро ҷамъ кард ва рост ба чашмони Оливер нигоҳ кард.

«Барои чӣ ту маро ин хел нигоҳ мекунӣ? - пурсид мард бо овози душворфаҳм. - Ту маро ягон вақт дида будӣ?»

«Не», гуфт Оливер. Ӯ ҳис кард, чӣ хел пойҳояш ҷунбидан хостанд. Як тараф ӯ метарсид ва гурехтан мехост, аз тарафи дигар ӯ кунҷков буд ва истодан мехост. Кунҷковиаш ғалаба кард.

«Барои чӣ ту дар рӯзномаат сӯрох дорӣ?» пурсид Оливер.

Мард ҷавоб надод. Ӯ рӯзномаро ҷамъ кард ва ба кисаи ҷомааш андохт. Оливер дид, чӣ хел он нест шуд. Он то поёни киса даромад. Мард каме табассум кард, чуноне ки ӯ ба чизе фикр карда истода буд, ки ба ӯ маъқул буд.

«Ту чашмони хуб дорӣ, бачаам, - гуфт ӯ бо ҳамон овоз. - Ана ҳамин ба ман даркор, ана ҳамин ба ман даркор, - миш-миш кард ӯ. - Ту кор гирифтан мехоҳӣ?»

«Ман барои ин чӣ мегирам?» пурсид Оливер. Ӯ савдо карданро хуб метавонист.

«Ин ба ин тааллуқ дорад, ки чӣ хел хуб ту кор мекунӣ. Агар ту хуб кор мекунӣ, ту маоши хуб мегирӣ. Ба ин розӣ ҳастӣ?»

Оливер бо розигӣ сарашро ҷунбонд. Ӯ андешид, ки ин фикри хуб буд.

«Ман барои ту чӣ кунам?» пурсид ӯ.

Мард каме хам шуда миш-миш карда гуфт:

«Ту ҷосуси ман шав!»

«Ҷ - Ҷосус?» Оливер дилпур набуд, ки ӯ дуруст шунид ё не.

«Ҳа, ҷосус».

Овози душворфаҳм ба гӯшҳои Оливер сих заданд.

«Ту аз пушти марди ҷавон, ки он ҷо пеши тиреза истодааст ҷосусӣ бояд кунӣ. Он мард бо мӯйҳои сурх».

«Себастиан Кок?»

«Дуруст. Мам ҳамааш дар бораи ӯ фаҳмидан мехоҳам. Фаҳм, ки вай дар куҷо зиндагӣ мекунад ва бо кӣ мегардад ва чӣ ӯ рӯзу шаб мекунад. Ҳамааш! Фаҳмо?»

Оливер фаҳмид.

«Лекин ...» сар карда гуфт ӯ.

«Ту медонӣ, ки «Сатили Сиёҳ» дар куҷост?» гапи ӯро бурид бегона.

«Ҳа», гуфт Оливер.

«Хуб. Баъд мо пагоҳ бегоҳ соати нӯҳ дар он ҷо вомехӯрем».

«Лекин ...»

«Хап кун ва маро гӯш кун! Ин вазифаи махфӣ аст, фаҳмидӣ? Агар ту ба ягон кас нақл кунӣ...»

Мард то охир гап назад, аммо дар ҳаво таҳдидро ҳис кардан мешуд.

Рӯи Оливер беранг шуд. Ӯ дарде дар худ фаҳмид. Вале гуфтан натавонист, ки он чист. Ӯ фақат донист, ки ӯ метарсид.

«Акнун рав!»

Марди бегона ӯро аз дар берун кард, ва ӯ пешпо хӯрда ба ҳавои барфӣ баромад.

Баъдтар Оливер аз рафтан ба истгоҳи қатораҳо пушаймон шуд. Ӯ бисёртар ва бисёртар пушаймон шуд. Лекин ҳозир ӯ бояд чӣ кунад? Ӯ бояд ҷосусӣ кунад, ҳам агар хоҳад ё нахоҳад. Ин хел буд-дия.

Оливер дар бораи Себастиан ҳанӯз бисёр шунида буд ва боз бисёртар хоҳад шунид. Мард аз истгоҳи қатораҳо бо ӯ розӣ хоҳад шуд. Ӯ ба китфи Оливер мезанад ва мегӯяд, ки ӯ кори хуб кард. Ва баъд пулро хоҳад дод...

Пештар Оливер фикр мекард, ки агар соҳиби пул бошад, ӯ ҳаррӯз хурсанд хоҳад буд. Акнун ӯ пул хоҳад гирифт, аниқ бисёр пул. Лекин ӯ хурсанд набуд. Ӯ ҳиссиёти безеб дар шикамаш дошт. Ӯ худро, чун ба қапгон даромада ҳис кард.

# *ҚАСДГИР*

«Сатили Сиёҳ» бар буд. Он ҷо одамоне меомаданд, ки худро маст мекарданд ва онҳое, ки арзон пиво харидан мехостанд. Он ҷо duздон ва фиребарон мерафтанд, то бо ҳамдигар вохӯранд ва нақшаҳоро тартиб диҳанд. Дар як рӯзи шанбеи бегоҳӣ низ Оливер ба он ҷо даромад.

Оливер то ҳол ба «Сатили Сиёҳ» надаромада буд. Ба ӯ ба он ҷо даромадан манъ буд. Падараш гуфта буд, ки он ҷо ҷои безеб аст ва чизҳои расво воқеъ мешаванд. Он ҷо мастон ва гуштингирон буданд ва ҳама дигар чизҳои хаарнок. Ҳа, одами бечора, ки ба он ҷо медаромад.

*Лекин* акнун Оливер дар он ҷо буд. Ӯ дар долон истод ва худро тайёр кард. Ин ин тавр рӯ гашт, ки ӯ аз сӯрохии қуфли дар нигоҳ кард. Ин хел ӯ тасаввурот дар бораи ин, ки он ҷо ӯро интизор буд, пайдо кард ва ӯ беҳтар тайёр мешуд.

Оливер гумон кард, ки он ҷо бисёр одамон шиштаанд ва ҷанг мекунанд. Аммо ӯ дар бар танҳо ду одамро дид. Ин хел тофт, ки онҳо ҳамдигарро мешинохтанд, азбаски дар як миз шиштанд. Якеи онҳо мард аз истгоҳи қаторахо буд. Ӯ тамоку кашид ва пиво нӯшид. Дигари онҳо зан буд. Вай ҳам тамоку кашид, аммо пиво нанӯшид.

Дар болои мизи онҳо як ҷароғ буд, ки бо оташи паст равшанӣ медод. Равшанӣ ба рӯи онҳо каме нур медод. Оливер андешид, ки онҳо монанд буданд. Ҳардуяшон пӯсти хира доштанд. Зан пешонии майда, бинии тез ва лабҳои борик дошт. Мард аз зан дида ҷавонтар тофт. *Лекин* ӯ бояд хеле пир бошад, зеро ӯ мӯйҳои хокистарранг дошт. Оливер мӯйҳои занро дидан натавонист. Онҳо дар поёни рӯймоли калон пинҳон шуда буданд. Ӯ фақат рӯйро ва қисми дасте, ки тамокуро қапида буд, дид. Бадани боқимондаи ӯ дар торикӣ нонамоён буд.

Зан наздиктар ба назди мард шишт, ва ҳардуяшон бо ҳамдигар гуфтугӯ мекарданд. Оливер калимаҳоро фаҳмидан натавонист, вале ӯ дид, ки онҳо ба ду чизи сиёҳ дар болои миз нишон доданд. Он чиз чӣ буд? Ҳа, акнун ӯ онро дид. Оливер мушоҳида кард, ки ин дастпӯшаки мард буданд, зеро ӯ ҳозир онҳоро гирифта пӯшид. Як *лаҳзаи* хурде даст дар равшанӣ буд. Оливер дар ин *лаҳзаи* хурде чизеро дид, ки аниқ барои чашмони ӯ тааллуқ набуданд. Ӯ дид, ки мард дар дасташ татовирунг дошт. Татовирунг кабуд бо каме сурх буд ва ба море монанд буд, ки аз остини ҷомааш мебарояд.

Акнун Оливер дарро кушод ва ба бар даромад. Ӯ тез будан хост, то вай морро бинад, пеш аз он ки мард дастпӯшакро пӯшонад. Лекин мард хеле кӯшиш кард, ки дастпӯшакҳоро тез пӯшонад. Вақте Оливер даромад, ӯ бо дастпӯшак буд. Зан ба дигар миз нишаста буд. Ин низ тез ба амал омада буд. Зеро курсие, ки зан дар он ҷо шишта буд, аз миз кашида шуда буд. Ҳеҷ кас вақт надошт, ки онро боз ба ҷояш гузаронад.

Мард тамокуро дар мобайни ду чилликҳои дастпӯшак меқапид. Ӯ ба ҳуҷра дудҳои калон пуф мекард.

«Ту барвақт омадӣ», гуфт ӯ ба Оливер. «Шин, бачаам! Чӣ хел ту дида истодаӣ, ман ба ту курсиро тайёр кардам».

Оливер нишаст. Ӯ худро ба нодонӣ зад, гӯё ки гармии курсиро ҳис намекард.

«Барои чӣ ту ҳам дар дарун дастпӯшак мепӯшӣ?» пурсид ӯ.

Рӯи мард торик шуд.

«Манам, ки савол медиҳад», сахтгирона гуфт ӯ. «Ту бояд ҷавоб диҳӣ. Барои ин ту пул мегирӣ. Хайр, ту ба ман чӣ нақл кардан метавонӣ? Ту дар бораи Себастиан Кок чӣ медонӣ?»

Оливер ба зан назар андохт. Лекин ӯ рӯи ӯро надид, фақат пушти ӯро. Ва баъд ӯ дуди борикро дид, ки то болои ... хона мерафт.

«Вай моро мешунавад», миш-миш кард Оливер ва ба тарафи зан нишон дод.

Мард табассум кард. «Ту ба вай аҳамият надеҳ. Вай ... вай кар аст. Вай ягон овозро намешунавад. Нақл кардан гир!»

Оливер ҳамаашро, ки аз Себастиан медонист, нақл кард. Ин он қадар бисёр буд, ки мард аз хурсандӣ дастҳояшро ба ҳамдигар пахш карда ҷунбонд.

«Хуб кардӣ! Бисёр хуб, бачаам!» гуфт ӯ ва аз пулмонакаш як сомон баровард. Ин Оливер барои кораш хоҳад гирифт.

Оливер ба дасти дастпӯшак, ки ба ӯ пулро дароз кард, нигоҳ кард.

«Ту дастпӯшакатро ҳеҷ вақт намекашӣ?» пурсид ӯ.

«Не, ҳеҷ вақт».

«Барои чӣ?»

«Барои он ки дастҳои яряҳои бисёр доранд. Ман ядаҳои тарсовар дорам. Бисёр даҳшатнок аст, ки ин хел бисёр ярахо дорам».

«Мумкин ман ярахоятро бинам?» пурсид Оливер. «ман ягонбор яра дар даст надида будам».

Оливер дод буд. Ӯ ҳамон вақт пурсид, ҳангоме ки мард нағз ва розӣ буд. Лекин яке ӯ дарозтар нағз ва розӣ набуд. Дар мобайни чашмҳояш хати росте пайдо шуд.

«Не», ӯ бо овози ганда гуфт. «Ту яраҳои маро нахоҳӣ дид! Ҳеҷ гоҳ! Ғайр аз ин ту рафтан метавонӣ. Барои имрӯз мо тамом. Даф шав!»

Оливер аз ҷояш хест. Аммо ӯ набаромад. Ӯ пеши миз истода монд.

«Ту рафтан метавонӣ, ман гуфтам!»

Мард ба дар нишон дод.

«Дигар шанбе боз биё. Фаҳмидӣ? Шанбеи оянда соати 9.00!»

Оливер наҷунбид. Як савол ӯ ҳоло пеш аз баромадан бояд мегуфт. Ӯ муддати дароз ҳеҷ чиз нагуфт.

«Агар ман барои ту кор кунам, ман бояд номи туро донам».

«Чӣӣӣ?»

«М-ман бояд н-номи туро донам», базӯр бароварда гуфт Оливер.

Мард тамоку навро гирифта онро даргиронд. Ӯ Оливерро нигоҳ накард. Ӯ танҳо тамоку кашид.

«Ту маро Қасдгир ном мондан метавонӣ», баъди чанд вақт гуфт.

«Қа-асдгир?» бароварда гуфт Оливер.

«Дуруст. ҚАСДГИР. Ман аз он кас қасд мегирам, ки бисёр гап мезанад. Ту мефаҳмӣ, ки ман чӣ гуфтаниям?»

«Ҳа», гуфт Оливер.

Ӯ ҳа гуфт. Лекин ӯ нафаҳмид.

## НАҚШАҲОИ МАХФӢ

Оливер дар роҳ ба берун буд. Лекин Қасдгир бо дасташ ишора кард, ки ӯ баргардад.

«Боз як бор ин ҷо биё», гуфт ӯ бо овози меҳрубон. Аҷоиб буд, ки чӣ қадар тез ӯ дигаргун шудан метавонист. Акнун ӯ ҳатто ба тарафи Оливер табассум кард.

«Наздиктар биё, бачаам. Боз наздиктар. Натарс! Ман ҳозир ба ту як чизи махфии калон нақл карданиям».

Ӯ нақл кард, ки ӯ амаки Себастиан Кок буд.

«Неее!» гуфт Оливер. Инро ӯ ҳеҷ вақт фикр намекард.

«Ман ҳамин бачаро ҳамеша дӯст медоштам, - Қасдгир давом дод – вақте ӯ хурд буд, ӯ фақат дар аҷоқи ман мешишт ва дастони хурди худро гирди гарданам мемонд. Ва ман бо дастони калонам мӯйҳои ӯро сила мекардам...»

Оливер андешид, ки он вақт ӯ аллакай дастпӯшакҳо мепӯшид. Аммо ӯ аз пурсидан тарсид. Ӯ хап кард ва монд, ки Қасдгир гап занад.

Қасдгир гуфт, ки ӯ хеле бой аст. Ҳа, ӯ дар даруни дилаш одами хуб буд. Оливер намедонист-ку, чӣ қадар ӯ ба камбағалон медод! Ин ҳақиқатан пули майда набуд! Акнун ӯ фикр карданро сар кард, ки баъди мурдани ӯ кӣ ин пулҳоро мерос мегирад. Ӯ Себастиан Кокро интихоб кард. Лекин аввал ӯ бояд фаҳмад, ки Себастиан барои ин гуна тӯҳфа гурифтан қадр дорад ё ин ки не. Барои ҳамин ба ӯ ҷосус даркор буд. Агар Себастиан хуб рафтор кунад, рӯзе ӯ хеле бой хоҳад шуд. Ва агар Оливер хуб ҷосусӣ кунад, низ аз мерос мегирад...

Қасдгир дар вақти гап задан рӯи Оливерро хуб мушоҳида кард. Ӯ аз чизе, ки медид хеле хурсанд буд. Оливер ҳар калимаашро бовар кард. Инро ӯ аз рӯяш хонда метавонист.

Ҷосуси хурд ин хел сабук шуд, вақте ки фаҳмид, ки барои чизи нағз ҷосусӣ мекунад. Ӯ ба Себастиан бояд ёрӣ расонад, ки вай бой шавад! Мумкин ӯ ҳам бой мешавад! Ин ин хел номумкин набуд. Қасдгир гуфт-ку, ки агар хуб ҷосусӣ кунад, ӯ ҳам чизеро мерос мегирад. Оҳ, ӯ корашро хуб хоҳад кард! Ӯ шабу рӯз аз пушти Себастиан ҷосусӣ мекунад!

Оливер вақти ба хона баргаштан аз хурсандӣ хандид. Ӯ ба он чизҳо фикр кард, ки бо як сомон харидан тавонист. Ва ҳамаи чизҳое, ки баъди бой шудан харидан метавонист.

Агар ӯ якбор ба қафо тоб мехӯрд, ӯ мумкин дар пушти пардаи бар як рӯйро медид, рӯи Қасгир.

Агар ӯ чашмони ӯро медид, хурсандии ӯ ногаҳон гум мешуд. Баъд як ларза баданашро ба ҷунбиш медаровард ва ӯ ҳайрон мешуд, ки чаро ӯ аз ин хел амаки нағзи пир метарсад.

Лекин ин нашуд.

Оливер ба пушт нигоҳ накард. Ӯ рӯйеро дар пушти парда надид ва ӯ натарсид.

Рӯй дар тиреза танҳо он вақт гум шуд, вақте ки Оливер ҳанӯз аз «Сатили Сиёҳ» дур рафта буд. Танҳо дар ин вақт Қасдгир пардаро маҳкам кард ва ба ҷояш баргашт.

«Акнун ту боз омадан метавонӣ, Тикка!» фарёд кард ӯ занро. «Бача рафт».

Зан дарав  аз ҷояш хест, зеро ӯ тамоман кар набуд. Вай хеле хуб мешунид. Ӯ ҳамаашро шунид. Ҳозир ӯ боз ба мизи Қасдгир мешинад ва аз пиво як қурт менӯшад.

«Мо аз вафодории ӯ бовар доштан метавонем?» пурсид ӯ.

«Ҳа», гуфт Қасдгир. «Акнун мо ӯро дорем».

«Лекин агар ӯ бо вуҷуди ин ҳам чизеро гӯяд?»

Қасдгир бо овози паст хандид. Ин хел метофт, ки ӯ аз сирре хурсанд буд, ки ҳеҷ кас намедонист.

«Ӯ аввал дар хона мегӯяд», гуфт Қасдгир розӣ. «Ин тавр нест?»

«Ҳа», гуфт зан, ки бо номи Тикка номида шуд.

«Аввал ба падараш?«

«Ҳа, эҳтимол».

«Лекин агар падар ҳам айбдор аст...»

Тикка Қасдгирро нигоҳ кард. Вай даҳонашро кушод, то чизеро гӯяд. Лекин баъд истод, зеро ба бар як меҳмони дигар даромад.

Қасдгир миш-миш кард: «Ана Марелиус Кок омада истодааст. Вайро хуб нигоҳ кун, Тикка! Ӯ падари Себастиан аст.  Ба ёдат ҳаст, ки ман якбор дар бораи ӯ гап задам? Ҳозир хуб гӯш кун».

Қасдгир акнун бо пасттар гап зад. Тикка қарибе ки гапҳояшро намефаҳмид. Ӯ ҳамаи нақшаҳои махфии худ ба гӯши ӯ пичиррос зад. Аммо тамоми вақт бо як чашм Марелиус Кокро нигоҳ мекард. Ӯ дар назди пешдӯкон буд ва кисаҳои худро мекофт. Мумкин ӯ пул меҷуст.

«Ман орзу дорам, ки ӯ бепул аст», миш-миш кард Тикка, »баъд мо ӯро дорем».

Албатта ӯ бепул буд, вай Марелиуси камбағал! Ӯ дигар ягон тангаи панҷдирамаро дар кисааш наёфт. Бо вуҷуди ин ҳам ӯ ба «Сатили Сиёҳ»

даромад. Пойҳои ӯ он ҷо рафтан хостанд. Ӯ онҳоро манъ кардан натавонист. Ин хел буд, ки ӯ дигар бар бадани худ роҳбарӣ надошт. Акнун ӯ арақ хост. Баданаш арақ хост. Ӯ барои қатраҳои ялтрасдор, ки дар «Сатили Сиёҳ» фурӯхта мешуд, дод мезад. Марелиус ин доди баданро доштан натавонист. Барои ҳамин ӯ он ҷо рафт. Ӯ ба «Сатили Сиёҳ», бо вуҷуди ин ҳам ки бепул буд рафт. Мумкин ягон мӯъҷиза мешавад! Мумкин касе қатраи хурде дар истакани худ фаромӯш карда буд ё мумкин ... ҳа, мумкин ӯ ин хел хурсанд буд, ки ӯ арақро бо қарз харидан метавонист ...

Марелиус кӯшиш кард, ки бо онҳо хуб гап занад. Ӯ ин хел хоксорона барои як истакани хурдакак илтимос кард ... фақат якчанд қатраҳое, ки гарданашро тар мекарданд ... Ӯ баъдтар пулашро медиҳад. Ӯ аниқ пул медиҳад ...

Не, ин намешуд, ин тамоман намешуд.

Акнун ӯ ин ҷо истод. Ин ҷо Марелиус Кок истод. Ӯ беумед ба ҳар тараф нигоҳ кард ва надонист, ки чӣ кор кунад. Ӯ тамоман маъюс буд.

Вале яке чизе рӯй дод. Оҳ, ин мӯъҷиза буд! Тасаввур кун, ӯ аз як мард ва як зан, ки ҳатто тамоман намешинохт, арақ гирифт! Онҳо ӯро ба мизи худ даъват карданд ва ба ӯ як истакан арақ доданд. Ӯ ҳамаи чизро, ки мехост гирифт. Боз ва боз онҳо ба ӯ арақ доданд. Хулоса, ӯ дигар дар болои пойҳояш истодан натавонист. Чашмонаш ба ҳар тараф тоб доданд, ин қадар ӯ маст буд! Лекин ин одамони меҳрубон ӯро ба хонааш дар кӯчаи Шмалстрассе оварданд. Ҳардуяшон аз ҳар тараф ӯро такя карданд. Онҳо ӯро на фақат то дар бурданд. Не, онҳо ӯро то даруни хона оварданд ва ба кат гузоштанд. Чӣ хел онҳо меҳрубон буданд! Онҳо ин хел хуб дар бораи писараш, ки дар роҳҳои нодуруст ғалтида буд, гап заданд. Марелиуз ба ҳар ҳол хеле бисёр гап зад аммо дар охир дар ёдаш набуд, ки чӣ гап зада буд.

Ӯ вақте ки онҳо ҳоло дар хона буданд, бояд хоб рафта буд. Баъдтар дигар дар ёдаш набуд, ки онҳо рафтанд. Ӯ дилпур буд, ки қадамҳо дар зинапоя нашунида буд. Ба ҷои ин ӯ дигар чизро шунида буд. Ӯ аниқ гумон кард, ки дар ошхона касе тарақ-пароқ мекунад. Наход, ки ин дӯстони нави ӯ буданд. Онҳо ин хел нағз буданд-ку...

Лекин он ҷо касе буд, ки кисаҳояшро мекофт! Ӯ як овозро нашунид – овоз аз ҷисме, ки ба замин ғалтид? Он ҷо як овози душворфаҳм набуд, ки миш-миш кард: «Ана калид аз он бачаи бечора!»

Не, не. Ин аниқ фикрҳояш буданд, ки омехта буданд. Охир, ӯ ин бегоҳ ин хел маст буд! Ҳа, ҳиқс ... ӯ мумкин то ҳол ин хел ... ҳиқс ... сахт маст нашуда буд.

## *ДУЗДКӮДАК*

«Имрӯз ман бояд чизе кунам, ки ту бо ман рафтан наметавонӣ», гуфт Себастиан.

«Чиро?» пурсид Комила.

Шанбе баъди нисфирӯзӣ буд, ва онҳо дар мизи гирдшакли меҳмонхона шиштанд ва Лоттои суратдор бозӣ карданд.

«Ман падарамро меҳмонӣ меравам», гуфт Себастиан.

Комила Себастианро ҳайрон нигоҳ кард. Падарам, гуфт ӯ. Ӯ, ки дар бораи падараш ҳеҷ гоҳ гап задан намехост! Дар бораи модараш ӯ гап мезад. Ӯ дар бораи модараш бисёр чизҳои хуб нақл мекард. Аммо баъд ӯ мурд. Себастиан дар вақте, ки ӯ мурд, ҳоло хурд буд, ва ӯ бе вай калон шуд.

Якбор Комила пурсид, ки падараш низ вафот кардааст. Он вақт яке рӯяш сангин шуд. «Падарамро ҳеҷ вақт ба даҳон нагир, - гуфта буд ӯ – ман ӯро ганда мебинам!»

Комила қариб тарсид, зеро Себастиан қариб хатарнок тофта буд.

Аз он вақт ӯ дигар дар бораи падари Себастиан гап назад. Вай пурсидан тарсид. Агар рӯяш боз ин хел сангин шавад!

Себастиан низ дар бораи падараш гап намезад. То имрӯз ӯ оиди ин хап мекард. Барои ҳамин бисёр аҷоиб буд, ки Комила ӯро ин хел нигоҳ кард?

«Ман фикр мекардам...» сар карда гуфт Комила.

«Ту чӣ бовар мекардӣ?» пурсид Себастиан.

«Ман бовар мекардам ... ман бовар мекардам, ки ...»

Себастиан ба Комила назар андохта интизор шуд.

«...ки ту ӯро ганда мебинӣ!»

«Ман инро ҳам мекардам. Ман ӯро сахти сахт ганда медидам. Пештар. Лекин баъд ман ба Худо дуо кардам, медонӣ, он вақт, ки ман ба ӯ зиндагиямро додам. Дар ёдат ҳоло ҳаст, Комила, ё не?»

Комила сарашро бо розигӣ ҷунбонд.

«Он вақт ман бо Худо дар бораи кинаам гап задам, - давом дод Себастиан. – Ман ин кинаро дарозтар дар худ бардоштан нахостам. Барои ҳамин ман аз ӯ пурсидам, ки ӯ онро аз ман гирад».

«Инро ӯ чунон кард?» пурсид Комила.

«Ҳа, инро ӯ кард. Барои ҳамин ман назди падарам рафтан ва меҳмонӣ кардан метавонам».

«Барои чӣ ман бо ту рафтан наметавонам?» пурсид Комила.

«Барои он ки падарам ... Ин хел ҳаст, ки падарам ... Ӯ менӯшад».

«Менӯшад - гуфт Комила – чиро?»

«Ӯ арақ менӯшад, мефаҳмӣ? Аз ин одам маст мешавад. Ва агар ӯ маст аст, ӯ хатарнок шудан метавонад. Ӯ тамоман ваҳшӣ ва девона шудан метавонад, падари ман. Аз ин сабаб ту бо ман рафтан наметавонӣ. Лекин ту ками роҳ бо ман рафтан метавонӣ».

Инро Комила кардан хост. Вай чанде ки тавонист бо ӯ рафтан хост. Себастиан гуфт, ки ӯ бо вай то дӯкони ширфурӯшии хола Монсен рафтан метавонад. Он ҷо ӯ бояд тоб хӯрад ва ба хона равад.

Вақте онҳо дар роҳ буданд, Себастиан нақл кард, ки ӯ дар кӯдакиаш аз дӯкони ширфурӯшии хола Монсен нон ва шир мехарид. Лекин акнун ӯ дигар ба он ҷо рафтан намехост, зеро ӯ гумон дошт, ки хола Монсен одами кунҷков буд.

«Вай аниқ дар пеши тиреза мешинад ва аз пушти мо ҷосусӣ мекунад», гуфт ӯ ба Комила.

Баъд Комила андешид, ки агар хола Монсен аз пушти онҳо ҷосусӣ кунад, ӯ ҳам аз пушти хола Монсен ҷосусӣ кардан метавонад. Лекин инро ӯ нагуфт.

Себастиан дар ҳақ буд. Хола Монсен ҳақиқатан кунҷков буд. Вай низ ҳақиқатан дар пеши тиреза мешишт.

Хола Монсен болои дӯкони ширфурӯшӣ зиндагӣ мекард. Аз дӯкони ширфӯруши ба хона як зинапоя буд. Дар хонааш ӯ як тирезае дошт, ки аз он рост ба кӯчаи Пфлауменстрассе нигоҳ кардан метавонист. Аз ин сабаб ӯ ҳамаашро, ки дар кӯча рӯй медод, мушоҳида кардан метавонист.

Яке ӯ чинҳояшро бардошт. Вай чашмонашро калон кушод, зеро он ҷо поён ... Не, ин ҳақиқат набуд ... Не, ӯ  буд! Ӯ дар ҳақиқат Себастиан Кокбуд, дузди калон! Ӯ аз пеши тирезаи вай мегузашт! Хола Монсен тубаки гулро аз ҷояш ҷунбонд, то боз беҳтар бинад.

Ту ягон бор ин хел аҷоибрпо дида будаӣ? Ӯ бо як кӯдак якҷоя буд! Куҷо дар ин ҷаҳон ӯ ин кӯдакро ёфт? Оҳ, ин аниқ як дуздкӯдак буд, кӯдаке, ки ӯ ба ӯ дуздиро ёд медод. Хола Монсен аз ин хел кӯдакон ҳанӯз шунид буд. Дуздкӯдакон бо баданҳои хурдашон ба тирезаҳои анборҳо медаромаданд, ва агар онҳо даромаданд, онҳо боянд танҳо дарро барои дузд кушоянд ...

Хола Монсен ба тиреза боз наздиктар омад. Бинӣ дар тиреза пачақ шуд, зеро акнун ӯ дуздкӯдакро хуб дар ёд доштан хост. Лекин акнун чизе шуд, ки вай ба ин тайёр набуд. Яке кӯдак ба боло, рост ба рӯяш нигоҳ кард. Чашмон дар поён кабуд ва бегуноҳ, мумкин каме якрав буданд. Лекин ин хел бераҳм набуданд, чунон чашмони дуздкӯдакон боянд мебуданд.

Хола Монсен ин хел саргум шуд, ки каме ба қафо рафт. Лекин баъд ӯ андешид, ки аз кӯдаки бетарбия худро девона намекунад. Ин хел ӯ боз ба тиреза баргашт. Себастиан дигар дар он ҷо набуд. Дуздкӯдак дар кӯча танҳо меистод. Рухсори хола Монсен сурх шуданд, зеро акнун фаҳмид, ки чӣ воқеъ шуд. Духтарак қаравулӣ меистод! Себастиан ӯро қаравул монд, то ба дӯкони ширфурӯшӣ дарояд ва дуздӣ кунад! Ӯ фикр кард, ки ҳеҷ кас дар он ҷо намешавад, зеро имрӯз Якшанбе буд. Лекин ӯ вайро, хола Монсенро фаромӯш кард!

Хола Монсен аз дари ҳуҷра давида аз зинапоя бо либоси парон фаромад. Ба ӯ фақат якчанд сония даркор буданд. БАъд ӯ дар дӯкони ширфурӯшӣ буд. Лекин ӯ чизе, ки интизор буд, надид. Дар дӯкон дузд набуд. Дари берунӣ, чуноне ки маҳкам карда буд, қуфл буд, ва низ тирезаҳо маҳкам буданд. Вай дуздро пеш аз дуздинаш тарсонд. Оҳ, чӣ хел доно ва тезақл ӯ рафтор карда буд!

Хола Монсен хомӯш истод ва гӯш кард. Не, аз ягон кунҷ овоз набаромад. Ҳеҷ кас дар ҷевон ва поёни миз пинҳон нашуд. Ҳеҷ кас кулчаҳои шанберо нарасид. Барои аниқ будан ӯ кулчаҳоро дар миз гузошт ва онҳоро ҳисоб кард. Лекин яктоаш ҳам гум набуд.

Вақте хола Монсен дар дӯкон буд ва кулчаҳоро ҳисоб мекард, як фикри нав ба ёдаш омад. Вай ба берун рафтан ва бо дуздкӯдак гуфтугӯ кардан мехост! Вай барои ӯ як кулча бо худ мегирад. Вақте ки духтарак кулчаро мехӯрад, ӯ ҳамаашро, ки донистан мехост, мефаҳмид.

Хола Монсен халтаи кулчаҳоро кофтуков кард. Ӯ як кулчаро ҷуст, ки на калони бад буд, лекин ин хел калон, ки кӯдакро ба гап задан водор менамуд.

Хайрат як кулчае ёфт, ки на калон ва на хурд буд. Аммо боз чизи дигаре буд, ки ӯ намеёфт. Вай дуздкӯдакро наёфт.

Чи хел хшмовар! Дуздкӯдак дигар дар назди дӯкони ширфурӯшӣ намеистод. Вай рафта буд.

## *ХОНАИ ВОҲИМАНОК*

Ту медонӣ ва ман ҳам медонам, ки Себастиан тамоман ба дӯкони ширфурӯшӣ барои дуздӣ нарафта буд. Ӯ дар роҳ назди падараш буд-ку! Ва Комила ҳам дуздкӯдак набуд. Вай қаравул набуд, чунон хола Монсен фикр карда буд. Ғайр аз ин бояд бо зудӣ равад. Вай танҳо як лаҳза аз пушти Себастиан нигоҳ кардан хост. Агар ӯ пушти ӯро дигар намебинад, ӯ тоб хӯрда ба хона бармегардад. Ҳа, ин хел Комила фикр мекард. Лекин баъд чизе рӯй дод, ки Комиларо ба як фикри нав овард. Яке ӯ бачаи харобе, ки аз дарвозаи кӯчаи Пфлауменстрассе мебарояд, мебинад. Комила ӯро дарав шинохт. Ӯ Оливер Ҳансен буд! Бачаи ҷосусгар! Ҳамон, ки аз пушти Себастиан буд. Акнун ӯ боз дар ин ҷо ва аз пушти ӯ ҷосусӣ мекунад. Ӯ дар сояҳои хонаҳо мегашт, ана ҳамин хел чӣ хел одаме, ки дида шудан мехост, бояд мекард. Лекин  Оливер фақат Себастианро фикр кард. Себастиан бояд ӯро набинад. Оиди ин ӯ тамоми вақт фикр кард. Ӯ гумон надошт, ки як ҷосуси дигар дар пеши дӯкони ширфурӯшӣ меистод. Лекин ин тавр буд. Комила он ҷо меистод ва рост ба гардани ӯ нигоҳ мекард.

Дар ёдат ҳаст, ки Комила, кай ки имконият шавад, аз пушти Оливер ҷосусӣ кардан хост? Акнун вақти дуруст омада буд, андешид ӯ. Барои ҳамин ӯ ба хона нарафт. Вай дар пеши дӯкони ширфурӯшӣ тоб нахӯрд. Аз ба ҷои ин ӯ аз пушти Оливер ҷосусӣ кард.

Акнун баъд аз нисфирӯзӣ ду ҷосусон дар роҳ будан. Оливер аз пушти Себастиан ҷосусӣ кард ва Комила аз пушти Оливер.

Комила надонист, ки чӣ тавр ҷосусон дар вақти кор рафтор мекунанд. Вай танҳо донист, ки пойҳояш бoянд хомӯш гарданд. Агар не Оливер тоб хӯрда вайро мебинад.

Тоб нахӯр, Оливер, орзу мекард ӯ. Илтимос, Оливер, тоб нах... Оҳ, не! Ӯ бо вуҷуди ин ҳам тоб мехӯрад! Не, хайрат ӯ пурра тоб намехӯрад. Ӯ танҳо ба чап тоб мехӯрад, то ба Шмалстрассе равад. Он ҷо ӯ пушти як деволи хонае гум мешавад. Комила бояд каме давад, то ӯро боз ёбад. Лекин вақте ки ба Шмалстрассе медарояд, ӯро дигар дидан наметавонад. Вай фақат ду қатори хонаҳо мебинад, ки ҳамдигарро қариб мерасанд. Аммо Оливер дар куҷо? Ӯ худро дар пушти зинапоя пинҳон кардан метавонад?

Комила бо чашмонаш қатори хонаҳоро мекобад. Он ҷо! Он ҷо ӯ буд! Ӯ ҳозир ба як хонаи кӯчаи Шмалстрассе медарояд. Ба ин Комила фикр накард. Вай гумон надошт, ки Оливер ба ягон хона медарояд ва боз ба ин хел хона!

Комила ягон бор ин хел хонаро надид, ки ин гуна безеб буд. Ӯ ба ҳайвони ваҳшӣ монанд буд. Тирезаҳо чашм буданд, дар даҳон буд ва аз болои дар як боме буд, ки дамаш шудан метавонист.

Комиларо ларза гирифт, зеро ин сурати зебо набуд. Хона ӯро бо чашмони хунук нигоҳ мекард. Як лаҳза ӯ андешид, ки хона Оливерро боз туф карда мебарорад. Лекин ӯ дар он ҷо монд, ва хона нагуфт, ки он бо ӯ чӣ кард. Хона хап кард ва хап кард! Чуноне ки Оливерро аллакай хӯрд ва ҳозир Комиларо интизор буд.

Комила сахт тарсид! Дили ӯ сахт мезад, аммо ӯ бо вуҷуди ин ҳам ба хона даромад. Агар не, ӯ чӣ бояд ҷосусӣ кунад?

Оҳиста Комила дарро кушод ва сарашро даровард, то бинад, ки он ҷо чизи хатарнок буд. Лекин чизе рӯ надод. Вай ба долони мӯътадил даромад. Пеши ӯ як дари ҷигарӣ буд ва дар тарафи рост як зинапоя бо зинаҳои каҷу килеб буд. Аввал Комила надонист, ки ба дар дарояд ё ба зинапоя барояд. Лекин баъд ӯ дар болои зинапоя каме барфро дид. Ин тавр ӯ ба боло рафт. Вай аниқ овозҳоро аз боло мешунид. Лекин вақте ки барои гӯш кардан меистод, ҳамааш хомӯш буд.

Дар болои зинапоя ҳам як намуд долон буд ва як дари ҷигарӣ. Дар дар як қоғазчаи хурд бо ду мехчаҳо часпонда шуда буд. Комила ба дар рафта, чизе ки дар қоғазча навишта буд хонд. Он ҷо «Марелиус Кок» навишта шуда буд. Марелиус Кок! Ҳа, лекин ин падари Себастиан-ку! Ӯ, ки маст буд ва ваҳшиёна ва хатарнок буд ...

Комила як қадам ба қафо рафт, зеро акнун як овози баланди гандаро шунид, ки аз тарафи дигари дар меомад. Он касе ки гап зад, бояд Марелиус Кок бошад. Баъди ин ӯ овози Себастиан Кокро шунид. Он паст ва ором буд, лекин аз ҳамавақта дида каме дигархел. Дар он як ларзиш буд, гӯё ки ӯ беумед ва ғамгин буд. Ё мумкин ӯ тарсид? Акнун боз овози ганда омад. Ҳозир он боз баландтар ва гандатар, ва ба дар наздиктар буд.

Комила аз даромадан тарсид. Ҳеҷ кас ӯро маҷбур кардан наметавонист, ки дарро кушояд! Лекин вай ба хона барнагашт. Вай худро дар пушти якчанд либосҳо пинҳон кард, ки дар долон овезон буданд. Либосҳо ин хел поён буданд, ки қариб заминро мерасиданд. Ин хуб буд, зеро бо ин тарз пойҳои ӯ наметофтанд. Ҳеҷ кас дар дунё намедонист, ки ӯ дар он ҷо буд.

## *ДУ ҶОСУСОН*

Комила худро дар пушти либосҳо тақрибан қотеъ ҳис мекард. Аммо фақат барои муддати хурд. Акнун ӯ хоҳад тарсид. Ҳух, чӣ хел вай ҳозир метарсад! Лекин инро ӯ ҳоло надонист. Ана ҳозир фикрҳои бад ҳоло надошт. Ба вай фақат каме танг буд. Бӯи либосҳои кӯҳна буд, ки аз болои ӯ кашол буданд. Вай онҳоро каме ба тараф ҷунбондан хост, то ки бисёртар ҷой барои худ пайдо кунад, ва дар ин вақт ...

Комила бояд қариб дод мезад. Вай чизеро расид, ки ... ки зинда буд! Дасти инсонӣ! Комила ҳис кард, ки ин дасти инсон буд!

Яке тамоми кӯҳи либос ҷунбид. Касе ӯро дошт ва ба замин кашид. Вай худро муҳофизат кардан хост, аммо ин ёрдам надод. Он кас, ки ӯро мекашид, боқувваттар буд.

Комила надонист, ки чиро дидан интизор буд. Вай ба ҳар ҳол Оливерро интизор набуд. Лекин ҳақиқатан ӯ буд, ки он ҷо меистод ва ӯро медошт. Мӯйҳои ӯ ҷинҷ буданд, ва ӯ бо чашмони норозӣ ба ӯ нигаристанд. Каллапӯши чармӣ аз сараш ғеҷида буд. Он дар мобайни либосҳо кашол буд.

«Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?» пурсид ӯ.

Комила ҷавоб надод.

«Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – саволашро такрор кард ӯ ва вайро аз дасташ боз сахтар дошт.

«Ман ... ман ҷосусӣ мекунам», пичиррос зада гуфт Комила.

Дасте, ки ӯро медоштанд каме систтар шуд.

«Ту ҳам?» бо ҳайрат пурсид Оливер. «Ӯ тамоман чандто ҷосус дорад?»

«Намедонам», гуфт Комила ва сарашр ҷунбонд. Вай надонист, ки Оливер дар бораи кӣ гап мезад ва аз ин сабаб намедонист, ки ӯ чанд ҷосус дошт!

«Ман ҳам намедонам».

Оливер нағзтар шуд ва ӯро ҳам фақат каме медошт.

«Ту аллакай чанд вақт барои Қасдгир кор мекунӣ?» пурсид ӯ меҳрубон.

Комила хомӯш монд.!

«Инсон, ту ҷавоб додан метавонӣ! Мо ҳардуямон ҷосус ҳастем-ку. Гӯй охир! Аз кай ту ҷосусӣ карданро сар кардӣ?»

«Аз имрӯз», гуфт Комила бо овози паст.

«Оҳ, ин хел бошад ту нав ҳастӣ! Ман ҳанӯз аз ҷумъа ҷосусӣ карда истодаам. Дидан мехоҳӣ, ки ман аллакай чанд пул кор кардам?»

Оливер яксомонаашро аз кисааш баровард ва ба Комила нишон дод. Ӯ онро тоб дод, то ки Комила ҳам поёни тангаро дидан тавонад.

«Як сомон», гуфт ӯ розӣ. «як сомони пурра. Аз нуқра, ба фикрам. Ин қадар ба хаёлам ту нахоҳӣ кор кард?»

«Нее», ҷавоб дод Комила. Ӯ тамоман пул намегирифт-ку!

Оливер яксомонаашро боз ба кисааш андохт.

«Ман ҳанӯз аз ту калон ва донотар ҳастам-ку, - давом дод ӯ – Ғайр аз ин ман ҷосуси боварнок ҳастам. Ман аллакай мори ӯро дидам. Вайро ту ба хаёлам надидӣ?»

Комила сарашро ҷунбонд.

«Инро ман ҳам фикр кардан метавонстам», гуфт Оливер муҳим. «Боз ин қадар аниқ нест, ки ту вайро ягон рӯз хоҳӣ дид. Ту бояд бовар накунӣ, ки Қасдгир вайро ба ҳар кас нишон медиҳад. Ӯ вайро дар даруни дастпӯшакаш пинҳон мекунад.

«Вай ин хел хурд аст?» пурсид Комила.

«Инсон, ин мори ҳақиқӣ нест, мефаҳмӣ? Ин танҳо як тетовирунг дар даст аст. Ана!»

«Бовар кун, вай даҳшатнок аст!»

Ӯ чашмонашро тоб дод ва худаш як рӯи даҳшатнок гирифт. Ҳатто овозаш даҳшатнок буд. Ӯ кӯшиш кард, ки чун мор овоз баровард, то Комила фаҳмад, чӣ хел он мор, ки ӯ дид, воҳиманок буд. Вай ... ҳа, вай аз мори зинда ҳам воҳиманоктар буд, инро Комила акнун фаҳмид.

«Вай меҷунбад ва тоб мехӯрад», гуфт бо овози мор. «Вай ...»

Оливер яке хомӯш шуд, зеро ин хел метофт, ки Комила дигар ба ӯ гӯш намедод. Вай бо чашмони калон ба чизе нигоҳ кард, ки аз пушти ӯ рӯ медод. Оливер тоб хӯрд. Акнун ӯ инро ҳам дид. Ҳардуяшон диданд, ки дастаи дар ба поён фароварда шуд, гӯё ки касе дарро кушодан мехост. Аммо дар ин хел тез кушода шуд, ки ҳеҷ каси онҳо пинҳон шудан натавонистанд. Онҳо худро фақат ба девол часпонда нафас намекашиданд.

Себастиан буд, ки баромад. Ӯ дарро маҳкам кард ва як лаҳза ба девол такя кард. Комила шунид, ки ӯ оҳ кашид.

«Ҳозир ӯ моро мебинад», фикр кард Оливер.

«Ӯ моро мебинад», фикр кард Комила.

Лекин Себастиан тамоман ба он тараф нигоҳ накард. Ӯ аз зинапоя фаромад ва аз хона баромад, бе ин ки онҳоро мушоҳида кунад.

Акнун Оливер аз пушти Себастиан рафтан ва ҷосусӣ кардан хост. Аммо Комила худро дар пушти либосҳо пинҳон кард ва бо ӯ рафтан нахост. Вай

фикр кард, ки мумкин боз касе аз дари ҷигарӣ мебарояд. Падари Себастиан, ки ваҳшӣ ва девона буд, баромадан метавонист. Ва ана ҳамин корро ӯ кард!

Оливери бечора! Ӯ қариб ба шиками Марелиус Кок давид. Пеш аз он ки ба ҳуш омад, ӯ бо дасти калон бардошта шуд. Комила инро надид. Вай танҳо як овозро шунид, ки баланд ва хатарнок буд. «Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, бача?»

Ва тақрибан дар ин вақт вай овози Оливерро шунид: «Маро фарор!»

Оливер бояд худашро халос карда бошад, зеро каме пас ӯ қадамҳои тез, ки аз зинаҷоя фаромаданд шунид. Баъд даре дар куҷои хона тарах зад. Оливер нопадид гашт.

Комила гӯш кард.

Не, ҳеҷ кас аз пушти Оливер нарафт. Марелиус Кок дар долон монд. Комила ҳис кард, ки ӯ хеле наздик буд. Ӯ пойҳои ӯро дидан метавонист? Ӯ нафаскашии ӯро шунидан метавонист? Ӯ бо вай чӣ хоҳад кард, агар ӯро меёфт? Шояд ӯро аз зинапоя мепартофт?

Яке хомӯшии том шуд. Ӯ даромад ё ҳоло меистод ва гӯш мекард?

Комила нафас кашиданро бас кард.

Не, ӯ надаромад.  Дар долон буд. Қадамҳои вазнинӣ ӯ заминро мерасиданд. Ӯ ҳақоратҳо миш-миш мекард. Яке Комила сабаби гандабинии Себастиан нисбати падараш фаҳмид. Вай ин хел падарро низ ганда медид. Вай дар дарунии шикам ҳис мекард, ки чӣ тавр ӯ ӯро ганда медид ...

Оҳ, хайрат ӯ боз ба хонааш баргашт. Оқибат, оқибат ӯ аз ҷои пинҳонаш баромадан ва гурехтан тавонист. Вай ягон бор ин хел хомӯш гашта буд? Аҳ! Қариб ӯ болои чизе меафтид. Як либос. Лекин ... лекин ин курткаи Оливер буд-ку! Акнун ӯ фаҳмид. Оливер худро аз куртка бароварда аз Марелиус Кок гурехт! Ин хел Марелиус танҳо бо куртка истода буд. Ӯ онро танҳо аз пушташ партофт.

Комила курткаро бардошт ва бо худ ба берун гирифт. Баъзе вақт каме меистод ва гӯш мекард. Лекин дар пушти дарҳои ҷигарӣ хомӯшӣ буд ва ҳеҷ кас аз пушти ӯ нарафт.

Берун аз хона Оливер меистод ва хунук мехӯрд. Ӯ дигар ба даромадан далерӣ надошт, азбаски падари Себастиан ин хел ганда буд. Барои ҳамин ӯӯ меистод ва хунук мехӯрд. Ӯ рухсораҳои тар дошт, аммо ӯ ба худ гуфт, ки ин ашк набуд. Ин ашк набуд, ин танҳо барфе буд, ки дар рӯяш об шуд. Ҳа, намешуд-ку, ки ҷосуси боваринок дар як деволи хонае меистод ва гиря мекард! Ин хел чиз дар Шмалстрассе воқеъ бояд намегашт-ку! Лекин ана ҳамин хел Комила Оливерро ёфт. Ӯ дар назди деволи хона истод ва чашмонашро пок мекард, ва баланд ва ҳақиқатан гиря мекард.

Ҳозир Комила фаҳмид, ки аз Оливер дигар бояд натарсад. ӯ дигар калон ва хатарнок набуд. Ӯ одами хурди бечора буд, ки аз сабаби гум кардани курткааш гиря мекард.

«Марҳамат!» гуфт Комила ва ба Оливер курткаро дод.

Ин хел онҳо дӯст шуданд. Онҳо ин хел дӯстони хуб шуданд, ки бо ҳамдигар ба хона баргаштанд. Тамоми вақти роҳ рафтан онҳо гап заданд. Оливер якчанд навигариҳо оиди Себастиан гирифт, ва Комила бисёр маълумот оиди Қасдгир пайдо кард. Ин хел ҳардуяшон розӣ буданд.

«Куҷо дар ин дунё ту будӣ?» пурсид Себастиан, дар вақте ки Комила ба дар даромад. Ӯ аллакай дар тамоми хона кофта буд.

«Ман бо Оливер якҷоя будам», ҷавоб дод ӯ. Лекин ӯ  нагуфт, ки дар бораи чӣ гап заданд. Зеро ин сир буд. Вақте ки Қасдгир мурад ва Себастиан тамоми меросашро гирад, ҳоло ҳам гуфтан метавонист.

## ҚАСДИ ҲАНСЕН

Душанбе буд. Лекин агар ту фикр мекунӣ, ки ин душанбеи муқаррарӣ буд, ту нодуруст фикр мекунӣ. Дар ин душанбе Себастиан коркуниро сар хоҳад кард. Себастиан худро ба он чизе, ки меояд, тайёр кард. Ӯ чакон кор карда хост, то Франсен бо ӯ розӣ бошад. Агар Ҳансен ҳам аз ӯ хашмгин бошад, гурехтан нахост. Агар Ҳансен бо ӯ ҷанг мекунад, ӯ ҳам ҷанг карданӣ набуд. Аммо ӯ низ ба қафо рафтан нахост. Ӯ рост ба чашмонаш нигоҳ кардан хост.

Чашмонаш! Ҳа, ин буд, ки ӯ аз ҳама метарсид. Ӯ аз ин чашмон метарсид, ки дар заводи бозичабарорӣ ӯро нигоҳ хоҳанд кард. Ҳама фикр хоҳанд кард: Ана Себастиан Кок меояд. Ана вай дузд меояд, ки маошҳои ҳамаро дуздида буд ...

Себастиан фикр кард, ки агар ба ин чашмон нигоҳ кунад, бадтарин чиз мегузашт. Лекин инро Себастиан фақат бовар мекард. Ӯ донистан наметавонист-ку, ки Ҳансен кадом фикрҳоро бо худ мебардошт!

Ҳансен орзуи ваҳмнок дошт. Ӯ орзу дошт, ки ... Ман қариб гуфтан наметавонам. Лекин ӯ орзу мекард, ки Себастиан як ҷинояти ин хел калон кунад, ки дар ҳама рӯзномаҳои Норвегия навишта шавад. Баъд онро Франсен ҳам хондан метавонист. Охир Франсен ба Себастиан ин қадар боварӣ дошт. «Вай бача дигар нахоҳад duздид», ӯ гуфта буд. Лекин баъд ӯ ҳамаи калимаҳояшро бояд бармегардонд. Ин тавр Ҳансен исбот кардан метавонист, ки Себастиан медуздид. Хулоса, ӯ ба мақсадаш расид. Ҳансен як нақша тартиб дод, ки тамоман хато шудан наметавонист. Аз ҳама беҳтар буд, ки дигар коргарон аз заводи бозичабарорӣ дар пушти ӯ буданд. Албатта ӯ нақшаи пурраро гуфтан наметавонист. Ҳансен гуфтан нахост, ки ӯ ба Себастиан қапгон мемонад. Не, ин хел беақл ӯ набуд. Не. Ӯ танҳо бегуноҳ гуфта буд, ки онҳо Себастианро тафтиш карданианд. Агар не онҳо нахоҳанд фаҳманд, ки ӯ дуздиданро бас кард. Вале инро бояд онҳо донанд. Онҳо тамоми рӯз Себастианро мушоҳида кардан наметавонистанд-ку! Ин ҳама мефаҳманд! Агар ҳақиқатан ин тавр буд, ки Себастиан медуздид, онҳо бо ӯ кор кардан намехостанд. Онҳо талаб кардан метавонистанд, ки ӯ бо кор бас кунад. Агар не онҳо ҳама коркуниро бас хоҳанд кард. Лекин агар Себастиан зиндагии нав сар карда бошад, ҳа, баъд ин дигар гап буд. Баъд онҳо ҳамаашро, ки буд, фаромӯш хоҳанд кард ва бо ӯ дӯст шудан хостанд. Ҳансен дар аввал дастро дароз хоҳад кард. Инро Ҳансен оромона гуфтан метавонист, зеро ӯ медонист, ки ҳамааш чӣ тавр тамом хоҳад шуд!

Ҳансен чизе ки мехост гирифт. Барои ҳамин ӯ рӯзи душанбе, вақте ки ба кор мерафт хеле тоби хуб дошт. Ҳама коргарон аз ҳарвақта дида барвақтар омаданд. Ҳама ба ғайр аз Себастиан. Ин ҳам дар нақша буд, ки ӯ аз ҳама дер меомад. Вақте ӯ ба дари берун ояд, ӯ дар даҳони дар пулмонак меёбад. Ин хел онҳо Себастианро тафтиш кардан хостанд. Онҳо дидан хостанд, ки Себастиан аз пулмонак пул мегирад ё не.

Ҳансен хост, ки онҳо пулмонаки ӯро истифода мебурданд, азбаски дар он номаш навишта буд. Зиёда аз ин ӯ навакак пулашро ҳисоб карда буд ва аниқ донист, ки дар он чанд қадар буд. Он ҷо як панҷдирама, як дудирама ва як даҳсомонаи нави нав буд. Ҳама пули ӯро ҳисоб кардан метавонистанд ва диданд, ки ин тавр буд. Марҳамат! Ғайр аз ин ӯ ба даҳсомона нишоне гузошт. Ҳама онро дидан тавонистанд? Онҳо он крестики хурдро дидан тавонистанд? Оё ин доно набуд? Ин тавр онҳо пулро боз мешинохтанд, агар Себастиан онро медуздид. Ӯ онро ба кисааш монда гуфтан наметавонист, ки ин аз они худ буд.

Ин хел Ҳансен гап зад. Ҳама инро нақшаи бомаънӣ андешиданд. Албатта пулмонак бояд ном дошта бошад. Албатта бояд даҳсомона ном дошта бошад ва албатта Ҳансен онро ба замин бояд монад. Ин аз они ӯ буд-ку.

Ҳа, ин тавр Ҳансен давида рафт, то ки ҳамаашро тайёр намояд. Дилаш мезад, зеро акнун ӯ чизи пинҳонӣ бояд мекард. Ҳеҷ кас инро надонист. Ҳеҷ кас ӯро акнун дидан ҳақ надошт. Ҳеҷ кас!

Чиро ӯ дар долон мекофт?

Ӯ пулмонакро мекушод! Ҳа, инро ӯ кард. Баъд ӯ даҳсомонаро баровард. Лекин ... лекин инро ӯ кардан наметавонист-ку! Ҳама бовар хоҳанд кард, ки Себастиан ... Ҳа, дуруст! Ин буд, ки Ҳансен мехост! Бо ин тарз ӯ исбот кардан мехост, ки Себастиан медуздид. Ва барои дилпурӣ ӯ даҳсомонаро ба кисаи ҷомаи Себастиан мондан хост. Баъд ба ӯ дигар исботҳо даркор набуданд. Ҳеҷ кас шубҳа нахоҳад дошт, ки Себастиан пулро дуздид. Онҳо ӯро нигоҳ хоҳанд кард ва фикр мекунанд, ки ӯ пеши ҳама чун дузд бароварда шуд. Баъд ӯ он ҷо меистад – дузд Себастиан Кок!

Ҳансен пулмонаки тунукро боз ба замин мегузорад. Ӯ ба худ мегуфт, ки он чизе, ки ӯ мекард, тамоман хатарнок набуд. Ӯ аз касе чизе намедуздид-ку. Он пули худ буд. Ва пулмонаки худ. Ӯ бо даҳсомонаи худ чизе ки мехост кардан метавонист-ку! Агар ӯ онро ба кисаи ҷомаи Себастиан андозад, ҳеҷ кас чизе гуфтан наметавонист. Манъ набуд-ку, ки пулро ба кисаҳои дигар одамонро гузорӣ.

Не, Лудвиг Ҳансен виҷдони соф дошт. Лекин бо вуҷуди ин ҳам дастҳояш дар вақте ки ӯ даҳсомонаро медошт, меларзиданд. Онҳо сахт меларзиданд!

Ҳозир ту мумкин фикр мекунӣ, ки Ҳансен ганда буд ва фақат ин тавр фикрҳои безеб дошт. Не, не, не! Ҳансен ганда набуд! Гандагӣ фақат дар дарунаш калон шуд. Ин хурсандии хурд ӯ ба худ додан метавонист. Ин гандагӣ дар Ҳансен ин хел калон шуд, ки аз болояш ҳукмронӣ мекард. Дар шаб ӯ дигар аз фикрҳои қасдгирӣ хоб рафтан наметавонист. Лекин акнун ҳамааш ҳал хоҳад шуд. Ба наздикӣ, вақте ӯ қасдашро мегирад, ӯ боз ором хоҳад шуд. Имшаб ӯ аниқ мисли кӯдак хоб меравад. Аз ин ӯ котеъ буд.

Аммо Ҳансен! Агар ту медонистӣ ...!

# ***ПУЛМОНАК***

Вақте ки Себастиан дар рӯзи душанбе ба кор омад, дар долон пулмонакеро ёфт. Албатта ӯ ёфт! Вай дар пеши зинапоя, ки ба заводи бозичабарорӣ мебурд, мехобид. Онро надидан намешуд.

Себастиан пулмонакро бардошт ва онро аз ҳар тараф нигоҳ кард. Баъд ӯ номро дид, ки дар рӯи чарм навишта шуда буд. Дар рӯяш «Лудвиг Ҳансен» навишта буд.

Лудвиг Ҳансен! Ин ном ба дили Себастиан зад. Ӯ ба ин рӯй фикр кард, ки аз хашм суп-сурх шуда буд. Ин тавр афти Ҳансен, вақте ки Себастиан пулро доданӣ буд, буд.

Себастиан дасташро ба кисаи ҷомаи худ андохт. Он ҷо то ҳол он пул буд, ки ӯ ба Себастиан додан хост. Он даҳсомона буд. Азбаски Ҳансен онро қабул кардан нахост, ӯ ҳоло ҳам дар кисааш мехобид.

Мумкин ту фикр мекунӣ, ки даҳсомона кам пул аст. Лекин дар он вақт ин кам набуд. Он вақт барои даҳ сомон бисёр чиз харидан метавонистӣ. Ҳам Себастиан инро кардан метавонист. Лекин ӯ даҳсомонаи Ҳансенро сарф кардан нахост. Онро ӯ расидан ҳам нахост. Ӯ як крестики калон кард, то ки ӯ доим донад, ки ин пул аз они Ҳансени легер мебошад.

Себастиан як қисми зинапоя ҳанӯз баромада буд, вақте ки ӯ як фикри нав пайдо кард ва истод. Ба ӯ дарозтар даҳсомонаи худро нигоҳ доштан лозим набуд. Ӯ онро танҳо ба пулмонаки Ҳансен андохтан метавонист! Ин хел онро ӯ хоҳад гирифт. Ки оиди ин ӯ пештар фикр накард!

Не, ин намешуд-ку. Агар Ҳансен аз Себастиан пулмонакро гирад, ӯ даҳсомонаро даррав меёбад. Ӯ хоҳад донист, ки Себастиан онро андохт ва онро қабул нахоҳад кард. Мумкин аз пештара дида боз хашмгинтар мешаавад. Не, ин намешуд ... Ҳа, мешавад!

Себастиан пулмонакро дар корхона додан метавонист! Баъд Ҳансен намефаҳмад, ки кӣ онро ёфт. Ӯ ҳайрон ва хурсанд мешавад, лекин хашмгин не.

Ин тавр Себастиан кард. Ӯ даҳсомонаро ба пулмонак андохт ва онро бо худ ба корхонаи Франсен бурд.

Франсен Себастианро хеле хуб мефаҳмид. Ӯ гуфт, ки Себастиан бояд дигар дар бораи пулмонак фикр накунад. Инро Франсен ҳал мекунад. Не, не ӯ намегӯяд, ки кӣ онро ёфт. Себастиан ба ӯ бовар кардан метавонад.

«Ба пеши дигарон даромадан гир. Ман ҳам ҳозир меоям», гуфт ӯ ва дар ин лаҳза чашмонаш механдиданд.

Себастиан оҳиста долонҳоро мегузашт. Дар пеши дар ӯ як лаҳза истод. Баъд ӯ қоматашро бардошт ва даромад. Ҳамон вақте ки Себастиан даромад Ҳансен баромад. Ҳансен кори муҳим ва махфӣ бояд иҷро мекард. ӯ қари нафас кашидан наметавонист, ин хел муҳим ва махфӣ он кор буд, ки бояд ҳозир мекард.

Ҳансен оҳиста ба пеши либосҳои кашол рафт. Ӯ боэҳтиёт ҷомаҳоро мекофт. Ин хел метофт, ки ӯ чизеро меҷуст. Ту бояд боварӣ накунӣ, ки ӯ пул меҷуст. Инро ӯ намекард. Ҳансен касе набуд, ки медуздид! Не! Ӯ танҳо ҷомаеро мекофт. Агар аниқтар гӯям: ӯ ҷомаи Себастиан меҷуст. Ана ин ҷо буд-ку! Як лаҳзаи дигар ва баъд ӯ кори худро иҷро намуд. Ҳеҷ кас бояд намедонист, ки ин ҷомаи Себастиан буд. Не, ҳеҷ кас ӯро дар пеши ҷомаҳо надид. Ҳама бо Себастиан нигоҳкунӣ машғул буданд!

Лекин мумкин касе ӯро бо вуҷуди ин ҳам дид? Мумкин Франсен дар лаҳзаи махфитарин дари корхонаи худ каме кушод? Ин будан метавонист? Ӯ дидан метавонист, ки ҷомаи Себастиан каме меҷунбид, ва як даст чун барз тез ба кисаи ҷома даромад? Ӯ ин ҷунбиши хурди Себастианро дид?

Ман намедонам. Франсен инро ягон вақт нагуфт. Аммо мумкин ин хел буд. Лекин ин хел буд, ки Франсен ба ҳуҷраи корӣ даромад, як лаҳза баъдтар дар вақте ки Ҳансен даромад. Ҳансен тарс пайдо кард, зеро ӯ андешид, ки мукин Франсен ... Не, Франсен онро нафаҳмида буд. Ӯ чун ҳарвақта буд. Ӯ чун ҳарвақта хандид ва гуфт, ки касе дар поён пулмонакашро гум карда буд. Ёбандаи росткор онро ба корхона супурда овард.

«Марҳамар», гуфт ӯ ба Ҳансен, «ин пулмонаки туст».

Лекин Ҳансен пулмонакро қабул накард. Ӯ хост, ки Франсен пулро ҳисоб кунад. Ҳама бояд нигоҳ кунанд ва шоҳид бошанд, вақте ки Франсен пулмонакро кушод ва онро ба миз гузошт. Баъди ин онҳо гап задан метавонистанд, ки вай ёбанда росткор буд ё не.

Франсен гуфт, ки ӯ пулро бо ҷону дил ҳисоб мекунад. Ӯ панҷдирамае баровард ва ба миз гузошт.

«Панҷ дирам», гуфт ӯ баланд.

«Ду дирам».

«Ман боз даҳ сомон доштам», гуфт Ҳансен акнун.

«Дар рӯяш як нишон буд. Як ... як крестик!»

Франсен ҳайрон буд. Ӯ дар рӯи Ҳансен як табассуме дид, ки ӯ нишон додан намехост. Ӯ дид, ки Себастиан даҳонашро аз тааҷуб кушод. Ӯ шиддат дар

чашмони дигарон дид, ва фаҳмид, ки ҳама чизе донистанд. Ҳама чизе донистанд!

Франсен дасташро боз ба пулмонак андохт ва як даҳсомонаро баровард.

«Даҳ сомон!» фарёд зад ӯ.

Китфҳои Ҳансен ба поён фаромаданд. Ин ҳақ будан натавонист! Даҳсомона дар пулмонак дигар набуд-ку! Ӯ ба хаёлам хуб нашунид. Ӯ инро фақат хоб дида истода буд! Не, ӯ хоб намедид! Дар рӯи миз як даҳсомона хоб буд. Як даҳсомона! Ҳамоне, ки ӯ ба кисаи Себастиан андохта буд! Ӯ дар болои миз мехобид ва дар рӯяш як крестик кашида шуда буд. Оҳ, чӣ хел ин ваҳмнок буд!

Ҳансен бо чилликҳои ларзон пулашро ҷамъ кард. Ӯ гумон кард, ки пул каме дар дигар ҷо буд. Ва он каме калон нашуда буд? Ҳа, он калон шуда буд. Ки ӯ ин хел чизи воҳиманокро бояд медид! Як крестик, ки калон мешуд ва меҷунбид! Тамоми даҳсомона ҷунбид! Ки ин мӯъҷизаро ба амал овардан метавонист? Фариштаҳои Худованд аниқ пулро аз кисаи Себастиан гирифта ба пулмонак андохтанд. Ин тавр бояд шуда буд.

Ҳансен ором нашуд, то он ки баъзе чизҳоро аз назар гузаронд. Ӯ хост донад, ки он даҳсомона ҳоло ҳам дар ҷомаи Себастиан буд ё ин ки гум шуд. Аз ин сабаб ӯ кай ки имконият дошт, аз ба овезаки либосҳо давид. Лекин ӯ ин хел тез натавонист. Ӯ аввал бояд ба баромадани Франсен интизор шавад. Аммо Франсен хеле дароз истод. Ӯ аввал ба Себастиан бояд кор медод ва бисёр чизҳои дигари нодаркор иҷро кунад, пеш аз оне ки боз ба корхона баргардад.

Рухсораҳои Ҳансен месӯхтанд, дар вақте ки ӯ кисаҳои ҷомаи Себастианро мекофт. Даҳсомона дигар дар он ҷо набуд! Ӯ дигар дар он ҷо набуд!

Ҳансен ҳамаи кисаҳои ҷомаро кофтуков кард. Ӯ як шонаро ва як рӯймолчаро, қоғази қандеро ва қоғазчаи дигарро, як ресмонро, тугмаеро ва се дирамро ёфт.

Лекин даҳсомонаро наёфт!

## *МАРДИ БЕГОНА*

Ман гуфтам, ки Ҳансен даҳсомонаро наёфт. Лекин ин дуруст набуд. Зеро дар бегоҳ, вақте ки ба хона омад, ӯ онро ёфт. Он дар кисаи ҷомааш буд. Дар ҷомаи худ як даҳсомона бо як крестик дар рӯяш буд! Ҳансен онро вақте дар кушодан ёфт. Ӯ калидро аз кисааш бе ягон фикр баровард. Тамоман бегуноҳ ӯ инро кард. Ва яке даҳсомонае дар калидаш кашол буд. Баданаш як ларза кард, гӯё ки касе ӯро газид.

«Оҳ, не! – оҳ кашида гуфт ӯ, - ҳамон даҳсомона не! Боз якбор не! Ман инро дигар тоқат намекунам. Ман девона мешавам!»

Ӯ ба девол такя кард аз сабабе ки пойҳояш ғалтидан мехостанд. Лекин ӯ худро ором кард, ки ҳамааш ин қадар аҷоиб набуд. Даҳсомона бояд аз пулмонакаш ғалтида бошад. Ҳа, ин хел бояд буд!

Ҳансен бо дастҳои ларзон пулмонакашро кушод. Ӯ нафас аз ҳайрат накашид, зеро дар пулмонак ҳам даҳ сомон буд. Ду даҳсомона бо крест мавҷуд буд!

Яке Ҳансен воқеаро фаҳмид. Себастиан ӯро фиреб кард! Себастиан он касе буд, ки даҳсомонаро ба пулмонак монда буд. На фариштаҳо! Себастиан пулро, ки ӯ қабул кардан нахост ба он ҷо андохт. Ҳансен марҳамат онро қабул кунад, хоҳ хоҳад, хоҳ не. Ин тавр Себастиан фикр кард. Лекин ин ҳақ набуд, ҳақ набуд!

Ҳансен ҳис кард, ки ӯ сахт хашмгин шуда истода буд. Дастонаш мехориданд. Ӯ орзу мекард, ки касеро задан тавонад, ин қадар дастҳояш мехорид. Ӯ даҳсомонаи Себастианро гирифт ва ба қоғазчаи бисёр даронд. Баъд ӯ қоғазпораҳо ба замин пошид ва аз болояш бо пойҳояш пахш кард. Сахттар! Пахш кардан! Ин тавр ӯ бояд мекард. Пахш кардан! Пахш кардан! Ҳамааш, ки аз они Себастиан буд, бояд пахш карда шавад. Пахш кардан! Пахш кардан!

Оҳ, ин ҳаловат буд! Ҳансен ҳис кард, ки хашмаш кам шуд. Ӯ боз ба худ омад. Вақте ки ӯ боз ба худ омад, ӯ фикр карданро сар кард, ки кӣ даҳсомонаро ба кисаи ҷомааш андохта буд. Касе аз кисаи ҷомаи Себастиан ба кисаи ӯ андохт. Ин кас Себастиан будан наметавонист. Ҳам ягон коргари заводи бозичабарорӣ будан наметавонист. Ин кас Франсен ё ягон фариштаи Худованд бояд мебуд. Ҳансен орзу кард, ки фариштаи Худованд ин корро кард. Зеро онҳо бузӣ намекарданд. Вале Франсен буд.

Дар ин шаб Ҳансен хоб рафтан натавонист. Ӯ он қадар бисёр чиз дошт, ки аз он хашмгин буд. Занаш хоб мерафт. Вай бо овози тунуки ҳушток хоб мерафт. Кӯдакҳояш ҳам хоб буданд. Танҳо ӯ он ҷо мехобид ва бо чашмони сурх ба торикӣ менигарист. Акнун ӯ сахт пушаймон шуд, ки даҳсомонаро ба қоғазпораҳои хурд даронда буд. Ӯ барои чӣ ин хел беақл буд? Ӯ онро боз ба Себастиан бояд бармегардонд. Ҳа, ин тавр ӯ бояд мекард. Аз ба ҷои ин ӯ пули қиматро даронд, ва ин тарз ӯ дигар қимат набуд. Аҷоиб набуд, ки хобаш дигар намебурд?

Мобайни шаб ӯ хест ва ба зинапояхона рафт. Ӯ донист, ки чӣ бояд кунад. Ӯ ҳамаи қоғазчаҳое, ки ба даҳсомона таалуқ доштанд, ҷамъ кардан хост. Пагоҳ ӯ онро ба кисаи ҷомаи Себастиан андохтан хост. Себастиан ҳар як қоғазпораро бояд мегирифт. Ин тавр ӯ хоҳад дид, ки чӣ мешавад, агар ӯ Ҳансенро фиреб карданӣ буд!

Лекин Ҳансен дар ин шаб толеъ надошт. Вақте ки ӯ ба зинапояхона медарояд, қоғазпораҳоро намеёбад. Он қадар ки ӯ мекофт, ӯ ҳеҷ чизро намеёфт. Онҳо нест шуданд. Касеро онҳоро гирифт. Ҳа, ин тавр буд. Касе ҳар як қоғазпораро чид. Касе ҳамаи пораҳоро рост ба ҳамдигар часпонд, то ин ки боз ҳамон даҳсомона пайдо шавад. «Касе» зани Ҳансен буд.

Дар рӯзи оянда аксарияти кӯдакони Ҳансен либосҳои нав гирифтанд. Аммо инро Ҳансен нафаҳмид. Ӯ ин қадар бисёр чиз дошт, ки аз ин хашмгин буд. Ҳансен фикр кард, ки чӣ хел ноформ кор кардан буд. Ҳама ба Себастиан нағзӣ хостанд. Ин хел метофт, ки онҳо кӣ будани ӯ ва чӣ кардани ӯро фаромӯш кард буданд. Онҳо ба китфи ӯ мезаданд ва бо ӯ дӯстони хуб буданд. Ҳеҷ кас дигар гап назад, ки ӯ якбор маошҳоро дуздида буд. Он чизҳое, ки Себастиан месохт онҳоро ба ҳайрат меандохт ва ҳамааш ин хел зебо буд, ки ин тоқатнопазир буд.

Дар хона Ҳансен ҳам қариб тоқат намекард. Ӯ дар як кунҷ мешишт ва дар бораи ин фикр мекард, ки чӣ хел ӯ аз Себастиан қасд гирифтан метавонист. Ӯ фикр мекард ва меандешид, то рӯяш тамоман хокистарранг шуд. Бо вуҷуди ин ҳам чизе ба ёдаш наомад.

Лекин баъд чизи номумкин вуқӯъ гардид! Як марде, ки ӯ намешинохт, ба ӯ ёрӣ расонд. Як марди тамоман бегона ба кӯчаи Иннсметтен 3 омад ва ба дари Ҳансен тақ-тақ кард. Худи Ҳансен кушод. Ӯ як марде дар ҷомаи хокистарранг бо як каллапӯши ҷигарӣ ва дастпӯшакҳои сиёҳро дид. Аз поёни биниаш мард як риши калони ғафс дошт, ки қариб тамоми лаби поёнро мепӯшонд. Вақте салом додан ӯ каллапӯшашро набардошт. Ӯ ддастпӯшакҳояшро низ накашид. ӯ фақат каме бо сараш ҷунбид ва бегоҳии хуб орзу буд. Зеро бегоҳ

буд, вақте ки ӯ омад. Ҳамаи дигарон аллакай хоб рафтанд. Фақат Франсен ҳоло хестагӣ буд ва фикр мекард.

«Ту маро намешиносӣ, ин тавр нест?» пурсид вай бегона.

«Не», ҷавоб дод Ҳансен.

«Лекин ман туро мешиносам!»

Ҳансен хомӯш монд.

«Ман дар бораи ту ҳама чизро медонам, - давом дода гуфт вай марди бегона, - ман ҳам медонам, ки ту душмане дорӣ».

Ҳансен сап-сафед шуд. «Ту инро аз куҷо медонӣ?» пурсид ӯ. «Ин кори ман аст, - гуфт бегона, - номаш Себастиан Кок, ин хел нест?»

Ҳансен ҷавоб надод.

Бегона боз як қадам ба пеш рафт. «Ман медонам, ки ту Себастиан Кокро ганда мебинӣ», гуфт ӯ бо овози паст.

Акнун Ҳансен тарсид ва дарро зада маҳкам кардан хост. Вале бегона пояшро ба дари кушода гузошт, то ин ки дар маҳкам нашавад.

«Ором шав, - пичиррос зада гуфт ӯ. – Ман ӯро ҳазорбор зиёдтар гфандатар мебинам! Мо ҳамдигарро мефаҳмем».

Акнун Ҳансен далертар шуд. Ӯ ба зинапояхона рафт ва дари хонаро маҳкам кард, то касе гапҳои онҳоро нафаҳмад.

Бегона нақл кард, ки ӯ нақшае дорад, ки дар он Себастиан ба ҳабсхона бояд равад. Лекин ба ӯ ёрии касе даркор буд, ки вафодор буд. Ӯ дилпур буд, ки Ҳансен одами дуруст буд. Тасаввур кун, ки чӣ хел имконият ин барои Ҳансе н буд! Ӯ қасд гирифтан тавонист! Ӯ ҳатто барои ин пул хоҳад гирифт. Бисёр пул! Ӯ ҳатто бой шудан тавонист! Ғайр аз ин тамоман бехатар буд. Ҳансен аз ин дилпур шудан метавонад!

Ҳансен лабҳояшро тар кард.

«Чӣ ... эҳм. Ин чист ... эҳм ..., дар чӣ ман ба ту ёрӣ расонам?»

«Ту ба ман як халтаро бардоштан ёрӣ расон».

«Халтаи мӯътадил?»

«Ҳа, як халтаи тамоман мӯътадил. Ӯ танҳо каме вазнин мешавад. Ту мефаҳмӣ, ки ман чӣ гуфтаниям?»

Ҳансен инро нафаҳмид. «А-аммо», сар кард ӯ.

«Розӣ?» гапашро бурида гуфт бегона.

Ҳансен як лаҳза фикр кард. Баъд ӯ як Ҳа-ро баровард.

«Хуб, - гуфт бегона. – Ман боз бармегардам, агар вақташ шавад».

Баъд ӯ тоб хӯрд ва рафт. Ҳансен қадамҳои ӯро дар зинапоя шунидан наметавонист. Воҳиманок буд, ки касе ин хел хомӯш роҳ гаштан метавонист.

«Ҳей!» аз пушташ фарёд зад Ҳансен. Яке ба ёдаш зад, ки бегона номи худро нагуфт.

«Ҳей, дар поён!»

Лекин бегона нопадид гашт, ва ҳеҷ кас ҷавоб надод.

## *МЕҲМОН*

Пеш аз он ки марди бегона ба кӯчаи Иннсметтен 3 расида буд, боз дигарҷо рафта буд. Мумкин ту бовар намекунӣ. Лекин ӯ дар хонаи Франсен буд. Ӯ ҷомаи хокистарранг ва каллапӯши ҷигарӣ пӯшида буд, вале риш надошт. Ӯ онро пеш аз даромадан кашида буд.

Ту мумкин фикр мекунӣ, ки ӯ ҷаноб Франсен ва хонум Франсенро меҳмонӣ карданӣ буд, аммо ин тавр набуд. Ӯ аз пеши дари меҳмонхона гузашт ва ба зинапоя баромад. Франсен ва занаш гумон надоштанд, ки бегона дар хона буд. Онҳо оромона дар меҳмонхона мешиштанд. Зани Франсен ҷӯробҳои Себастианро медӯхт, ва Франсен барои ӯ рӯзнома мехонд. Комила навакак барои хоб кардан дароз кашид. Себастиан нав бо ӯ дуои бегоҳӣ гуфт ва бӯсаи хоби хуш дод. Баъд ӯ ба ҳуҷраи худ даромад. Ӯ ором мешишт ва фикр мекард. Ман намедонам, ки ӯ чӣ фикр мекард, вале ман медонам, ки ӯ фикр накард, ки меҳмон меояд. Ана дар ин вақт дараш кушода мешавад. Ҳеҷ кас дарро тақ-тақ накард. Яке касе дар даҳони дар истод.

Себастиан ҳайрон шуд.

«Оҳ, ин ту ҳастӣ?» тааҷубона фарёд зад ӯ.

Аммо ин тааҷуби зебо набуд, зеро ӯ хурсанд наметофт.

Меҳмон ба болои кати Себастиан нишаст.

«Чӣ хел ту мебинӣ, - гуфт ӯ ва чашмакӣ зад. –Ман меоям ва меравам, чӣ хеле ки мехоҳам. Ман инро ин хел ҳамавақт мекардам».

«Ту аз ман чӣ мехоҳӣ?» пурсид Себастиан.

Дигараш даррав ҷавоб надод. Ӯ як сигараро аз кисааш баровард ва кашиданро сар кард. Тамоми хона пур аз дуд шуд.

«Ман як нақшаро фикр кардам, -хулоса гуфт ӯ. – Ман ва ту бой шудан метавонем!»

Комила дар хонааш дароз кашида буд ва гӯш мекард. Вай гумон дошт, ки дар наздикӣ овозҳоро мешунид. Дар ин вақт ӯ ҳам як дуди борикр аз сӯрохии дар даромаданро медид. Аввал ӯ бовар дошт, ки чизе месӯхт. Лекин ин бӯи сӯхтор набуд. Бӯяш – бӯяш – ҳа, бӯи сигара буд!

Комила оҳиста ба сӯрохии дар чашмакӣ мезад. Вай фаҳмидан мехост, ки дуд аз куҷо меояд. Дуд аз хонаи Себастиан меомад. Овозҳо низ аз хонаи ӯ меомад. Акнун Комила фаҳмид, ки Себастиан дар хонааш меҳмон дошт. Аз ҳама кам якто ё якчандто одам дар пеши ӯ буданд, гап мезаданд ва сигара мекашиданд.

Комила ба дар наздик шуда аз қуфли дар чашмакӣ зад. Вай сояи марди хароб бо як сигара дар дасташ дид. Сояи сигара ин дудро пайдо кард, ки ба девол то ба бом мебаромад. Комила аз сӯрохии қуфл Себастианро дида натавонист. Ӯ танҳо овози ӯро мешунид.

«Ман дигар намекунам, - гуфт ӯ, - барои як миллион ҳам не! Ман бо ҳаёти пештарам тамом кардам».

Соямард ба поён хам шуд. Комила каме мӯи сиёҳро ва як қисми рӯйро дид. Рӯяш як бинии тез ва як даҳони борик, ки бо овози душворфаҳм гап мезад, дошт. Овозаш ин хел паст буд, ки Комила калимаҳояшро намефаҳмид. Лекин вай шунид, ки Себастиан ҷавоб дод.

«Ҳеҷ вақт, - ҷавоб медод ӯ, - пеш аз ин кор кардан ман беҳтараш мемурам!»

«Ҳа, кошки ту ҳозир дар ин ҷо мемурӣ!» дод зад овози душворфаҳм. Соямард аз девол нест шуд, ва чизи калон ва хокистарранг тамоми сӯрохии қуфлро пур кард.

Овози душворфаҳм ба дигар ҷо рафт. Акнун вай дар назди дар буд. Вай Себастианро бо калимаҳои безеб дод мезад.

Баъд – пеш аз оне ки Комила фикр кардан тавонист, ки чӣ мешавад – дар бо як ҷунбиш кушода шуд, ва як мард ба долон давид. Комила ин хел тез пинҳон шудан наметавонист. Вай фақат ба як соя парид. Он ҷо аз тарс истод. Замин дар пойҳои лучаш ях менамуд. Аммо вай фикр намекард, ки вай хунук мехӯрад.

Мард берун дар назди дар меистад ва чизеро аз кисааш мебарорад. Намудаш чун риштаи хокистарранг буд. Вале ин набуд. Ин риши сунъӣ буд. Комила мардро бо чамшони кулӯла нигоҳ мекард. Аҷоиб! Ӯ ба худ риш мечаспонд!

Дар ин лаҳза Комила дид, ки ӯ дар дасташ тетовирунг дошт. Ана ҳамон вақте, ки ӯ ришашро ба ҷои поёни бинӣ гузошт, онро дид. Лекин ... лекин ин мор буд-ку! Ин ҳамон мор буд, ки Оливер дар бораи он нақл карда буд. Сари мор қариб тамоми пушти дасташро пур мекард, ин қадар калон буд ӯ. Ва як думи фарбеҳи даҳшатнок ба даруни остини ҷома медаромад.

Комила бояд як овози ҳайроноваре аз худ баровaward бошад.

Мард тарафҳои даҳонашро чун табассум бардошт. Лекин танҳо даҳонаш табассум мекард, чашмонаш не. Онҳо ин хел воҳиманок истоданд.

«Натарс, - гуфт ӯ бо ҳамон овози душворфаҳм, чунон ки ӯ бо Себастиан гап зада буд. – Ман хатарнок нестам. Ман танҳо як амаки пири ... эҳм ... як амаки меҳрубон, ки ... ки ... Ғайр аз ин ман бобои барфӣ ҳастам. Ин ман ҳақиқатан ҳастам. Бобои барфии меҳрубон, ки ба кӯдакон тӯҳфа меорад. Барои ҳамин ман риши сунъӣ дорам. Танҳо, ки ман дигархел пӯшонда бошам ва хандаовар тобам. Инро ту мефаҳмӣ?»

Ӯ боз як қадам ба пеш омад ва Комила як қадам ба қафо рафт. Натарс, ӯ гуфта буд. Аммо вай бо вуҷуди он ҳам метарсид, зеро акнун ӯ донист, аз куҷо ӯ ӯро ҳанӯз дида буд. Вай рӯи ӯро дар рӯзнома дида буд. Ӯ Ёахим Дженсен буд!

«Эй, эй, ман кӯдакони майдаро намехӯрам», гуфт ӯ ва боз наздкитар омад. Лекин ана ҳамин хел ӯ менамуд. Ӯ ин хел манамуд, ки ӯ кӯдакони хурдро хӯрдан метавонад. Даҳонаш ҳоло ҳам механдид, лекин чашмонаш хатарнок буданд. Онҳо борик ва зирак буданд.

«Ана, ҳаминро ту чун тӯҳфа аз ман хоҳӣ гирифт, - гуфт ӯ ва дар пеши бинии Комила яксомонаро меқапид. – Дида истоадӣ? Як сомон! Инро ту хоҳӣ гирифт, агар ту ба ман ваъда медиҳӣ, ки ба ҳеҷ кас дар бораи ман намегӯӣ. Ин як сире ҳаст, ки ману ту дорем, мефаҳмӣ? Фаҳмида истодаӣ?»

Комила ҷавоб надод. Вай ҳам яксомонаро нагирифт. Акнун Ёахим Дженсен хафа шуд ва ӯро аз дасташ сахт дошт.

«Ту намедонӣ, ки ман бо одамони хурде мекунам, ки аз пушти ман ҷосусӣ мекунанд, - гуфт ӯ таҳдидона. – Агар ту ...»

«Вайро сар деҳ!»

Ин овози дигаре буд, ки гапашро бурид. Хатарнок ва ваҳшиёна. Касе дасти сахтро озод кард, ин тавр, ки Комила халос шуд. Себастиан буд. Оҳ, Себастиан буд! Ӯ Комиларо ба худ кашид ва дастҳояшро чун салиб ӯро медошт, гӯё ки ӯ ӯро паноҳ медод. Баъд ӯ бо ҳамон овози хатарнок гуфт: «Ман намемонам, ки ту Комиларо расӣ!»

«Не, не, ман фақат шӯхӣ мекунам», миш-миш кард Ёахим. Ин хел метофт, ки ӯ аз Себастиан метарсид.

«Агар ту Комиларо боз якбор тарсонӣ, медонӣ, ки ман чӣ кардан метавонам», гуфт Себастиан.

Ёахим дандонҳояшро бо ҳам зер карда хомӯш буд.

«Беҳтараш ту ҳозир меравӣ, - давом дод Себастиан. – Ман туро ба поён пешвоз мекунам».

«Ман роҳро худам меёбам», гуфт Ёахим хашмгин. Ӯ каллапӯшашро чуқур ба рӯяш кашида дастпӯшакҳояшро пӯшонд. Баъд ӯ аз зинапоя фаромаданро сар кард.

«Ёахим!» фарёд зад Себастиан аз пушташ.

«Ҳа», аз поён ҷавоб омад.

«Дар оянда дигар ба ин хона набиё!»

Ким-куҷо дар поён ҷавоби Ёахим омад: «Ман дигар ба ин ҷо нахоҳам омад. Инро ба ту ваъда медиҳам!»

Ин даъфа Себастиан бовар кард, ки Ёахим рост гуфт. Комила инро ҳам бовар кард. Лекин ҳардуяшон нодуруст фикр мекарданд.

Вақте ки Ёахим аз ҳавлӣ баромад, тоб хӯрд ва мушташро ба хона бардошт. Ӯ ин хел безеб ҳақорат кард, ки мӯйҳои Комила бардошта мешуданд, агар ӯ инро мешунид.

«Не, ман боз меоям!, - миш-миш кард ӯ, - Ту ин хел осон аз корат намебарой. Ба ин фикр кун, Себастиан Кок!»

## *АМАК, МОР ВА ЯК ҲАЙВОНИ ХУРД*

Дар ин бегоҳ Себастиан бояд то тамоман хоб рафтани Комила дар кати Комила шинад. Ин хел тарс вай аз Ёахим Дженсен дошт.

«Лекин ӯ дигар ба ин ҷо намебиёяд», ӯро дилбардорӣ мекард Себастиан. «Медонам, медонам, лекин ман бо вуҷуди ин ҳам метарсам».

Инро Комила гуфт, бе аз он ки донад, ки чӣ Ёахим фикр мекард. Вай шунидан наметавонист-ку, ки вай дар кӯча рафта чӣ мегуфт. «Вай духтарак, ҳа ... Ман бо ӯ чӣ кунам? - Ин тавр ӯ миш-миш мекард. – Ман ӯро бо ин ё он тарз бояд нест кунам. Вай ба ман халал мерасонад ... Ӯ номашро чӣ хел гуфт? Комила буд. Комила, ҳа. Ман бояд ин номро дар ёд монам. Комила, Комила ...»

Не, Комила ёахимро шунидан наметавонист. Лекин ӯ фақат ҳис кард, ки ӯ хатарнок буд. Барои ҳамин ӯ хост, ки онҳо боз якбор дуои бегоҳиро гӯянд. Вайҳо дуо кунанд, ки фариштаҳо ҷаноб Франсен ва хонум Франсен ва Себастиан ва Комиларо дар паноҳашон нигоҳ доранд, то ки Ёахим наояд ва онҳоро бо худ гирад. Себастиан гуфт, ки онҳо ҳам як дуо барои Ёахими бечора бояд гӯянд. Вале инро Комила нахост. Вай барои одамони ганда дуо кардан нахост. Аз ин сабаб Себастиан танҳо барои Ёахим дуо кард.

Комила дар вақте ки Себастиан дуо гуфт, чизе нагуфт. Лекин аз ҳамон вақт, ки ӯ тамом кард, вай аз ҷояш хест ва пурсид: «Тамоман барои чӣ омад?»

«Кӣ? Ёахим?»

«Ҳа, ӯ чӣ хост?»

«Ӯ ... ӯ хост, ки ман боз бо ӯ дуздам».

«Ту инро нахостӣ ё не?» бо овози тарсон пурсид Комила.

«Не, - ҷавоб дод Себастиан, - не, паррандаи хурдакак, инро ман нахостам».

«Барои чӣ баъд вай ин хел хашмгин буд? – пурсид Комила. – Ман чизеро шунидам, ки ӯ гуфт. Ӯ гуфт, ки ӯ қасдашро мегирад. Барои чӣ ӯ ин хел гуфт? Ӯ ҳеҷ чиз надорад-ку, ки қасдашро гирифтан метавонист! Ин тавр не?»

Себастиан ҷавоб надод. Ин хел метофт, ки ӯ зиқ буд.

«Ӯ чизе дошт?» гизела мекард Комила ӯро.

Ин тавр Себастиан гуфт, ки Ёахим чизе дошт, ки қасд гирифтан метавонист. Себастиан гуфт, ки ӯ дар он вақте, ки бо дуздидан бас кард, дуздинани худро дар пеши полис бояд мегуфт. Лекин ӯ тамоми вақт худаш танҳо намедуздид. Ӯ бисёр дуздиҳои гандаи зиёд якҷоя бо Ёахим Дженсен мекард. Инро Себастиан ҳам гуфта буд. Ин тавр ӯ ба ҳабсхона омад. Лекин на

фақат ӯ ба ҳабсхона омад. Ҳам Ёахим Дженсен дастгир карда шуд. Ва ин айби Себастиан буд. Ёахим ба ҳабсхона даромад, азбаски Себастиан зидди ӯ гап зада буд. Барои ҳамин Ёахим хафа буд ва қасд гирифтан мехост.

Комила як лаҳза ором хоб мерафт ва фикр мекард. Вай ба он номе, ки Оливер гуфта буд, фикр мекард. Қасдгир. Як лаҳза ӯ андешид, ки мумкин Қасдгир Ёахим буд. Лекин ҳамааш дуруст набуд, зеро Қасдгир мӯйҳои хокистарранг дошт, ва инро Ёахим надошт. Ғайр аз ин Ёахим ганда буд ва Қасдгир нағз. Оливер гуфта буд, ки Қасдгир амаки меҳрубон буд, ки ҳамаашро ин тарз кардан мехост, то ки Себастиан бой шавад ...

«Ту амак дорӣ?» яке Комила пурсид.

«Ҳа, дуто, - гуфт Себастиан. – Барои чӣ ту мепурсӣ?»

«Ҳамту. Онҳо мӯйҳои хокистарранг доранд?»

«Ҳа-а, яктои онҳо мӯйҳои хокистарранг дорад. Дигараш мӯйҳои сурх дорад, мисли ман, ва як риши дарози сурх».

«Амакат, - бофикр гуфт Комила, - бо мӯйҳои хокистарранг ... Вай бисёр бой аст?»

Себастиан сарашро ҷунбонд ва не гуфт. Ӯ амаки бой надошт.

«Ӯ дар дасташ мор дорад? Мисли Ёахим?»

Себастиан ҳам ин даъфа не гуфт. Ӯ ҳеҷ касро намешинохт, ки дар дасташ мор дошт, танҳо Ёахим Дженсен.

Акнун Комила фикр кард, ки Қасдгир аз Оливер бароварда шуд ба ҳақиқатан тамоман мавҷуд набуд.

Лекин дар рӯзи оянда чизе вӯқуъ гашт, ки аз ин Комила дигар фикр кард. Ин дар саҳар шуд, дар вақте ки Себастиан ба кор рафт. Ӯ дар фарши долон чизи аҷоибе ёфт. Чун ҳайвони хурд бо пашми хокистарранги дароз метофт. Ҳайвон тамоман намеҷунбид, гӯё ки мурдагӣ буд. Комила онро хуб нигоҳ кард, лекин он наҷунбид. Баъд ӯ чӯби сайругашти Франсенро гирифт ва оҳиста онро расид. Вай бисёр, бисёр эҳтиёткорона буд, то ки ба ҳайвон дард накунад, агар он ҳоло зинда буд. Вале баъд ӯ тамоман тунук шуд. Он фақат пашм буд. Не, он пашм набуд. Он парик буд. Парики хокистарранг! Он бояд аз кисаи Ёахим афтида бошад, зеро он ҳамон ҷое буд, ки ӯ истода ва пулро бароварда буд.

Комила парикро бардошт ва онро нигоҳ кард. Акнун ӯ донист, ки Қасдгир кӣ буд. Ӯ амаки Себастиан набуд, не! Ӯ меҳрубон ва бой набуд, зеро Қасдгир Ёахим Дженсен буд.

Ёахим Оливерро фиреб дод. Ӯ ба худ парики хокистарранг пӯшонд, то ки Оливер бовар кунад, ки ӯ пир аст. Ин тавр ӯ Оливерро дурӯғ кард. Ҳамааш, ки ӯ ба Оливер гуфта буд, дурӯғ буд. Оливер бовар мекард, ки ӯ барои чизи

хуб ҷосусӣ мекунад, лекин инро ӯ намекард. Ӯ барои чизи ганда ва даҳшатнок ҷосусӣ мекард. Аммо инро ӯ надонист.

Комила сахт хафа шуд. Вай қарор кард, ки Ёахим Дженсен парики худро дигар нахоҳад гирифт. Ӯ марҳамат мӯйҳои худро нишон диҳад, агар бо Оливер гап мезад. Баъд Оливер хоҳад фаҳмад, ки ӯ дурӯғгӯй буд. Ғайр аз ин Комила инро худаш ба Оливер хоҳад гуфт. Ҳамон вақте ки ӯ бо Оливер вомехӯрад, дар бораи парик нақл карданӣ буд.

Аммо дар ин рӯз ӯ Оливерро надид, ҳам дар рӯзи оянда не. Ва вақте ки ӯ ӯро вохӯрд, аллакай дер буд.

## *РОЗИТА ТСИММЕР*

Дар рӯзи чоршанбее Комила парик аз Ёахим Дженсенро ёфт. Лекин дар рӯзи панҷшанбе ҳам чизи аҷибе шуд. Он вақт хонум Франсен яке дугонаи навро гирифт. Ин бисёр мешуд-ку, ки занони пиртар дугонаҳои нав мегиранд. Аммо ин гуна дугона не чун Розита Тсиммер!

Вақте ки Розита ба хонаи Франсен омад, вай як мӯинаи кабуд пӯшида буд, ки қариб то ба замин мерасид. Аз поёни мӯина вай як куртаи абрешими сиёҳ бо гулдӯзӣ пӯшида дошт. Дар ҳар яки чилликаш чалла пӯшида буд ва ӯ аз ҳама кам чор ҳалқа дар гардан кашол дошт. Вай дар ҳақиқат бояд хеле бой бошад!

Розита ҳамту ба дар даромад ва ба беҳтарин курсии паҳлӯдор нишаст. Ин ҳамон курсии паҳлӯдор буд, ки Франсен дар вақте чубуққашӣ ба он ҷо менишаст. Розита як рӯмолчаи абрешимӣ бароварда гиряю нолакуниро сар кард. Вай ин хел сахт гиря кард, ки тамоми баданаш меларзид. Ҳамаи ҳалқаҳояшон дар ҷунбиш буданд, зеро ӯ ин хел сахт гиря кард.

«Оҳ, ман ин хел бадбахт ҳастам, - нолиш бароварда гуфт ӯ ба даруни рӯймолчаи абрешимаш, - Оҳ, оҳ, оҳ!»

Франсен эҳиёткорона дасташро сила дод ва пурсид, ки чӣ шуда буд. Розита рӯймолчаашро бардошт, гӯё ки аз ашкҳо тап-тар буд. Баъд ӯ гуфт, ки ӯ ба хонум Франсен ҳаёти ғамгинонаи худро нақл хоҳад кард.

Аввал ӯ нақл кард, ки номаш Розита Тсиммер буд. Вай бо як миллионер дар Италия оиладор буд. Он ҷо ӯ дар як қаср бо бисёр хизматгорон зиндагӣ мекарданд. Лекин баъд ҷаноб Тсиммер мурд. Марди дӯстдоштаи ӯ аз ӯ гирифта шуд! Баъд аз ин ӯ дигар дар қаср зиндагӣ кардан нахост. Вай боз ба Норвегия кӯчид, куҷое ки ӯ таваллуд шуда буд. Аммо ӯ дар Норвегия дӯстон надошт ва вай ин хел танҳо буд, ин хел танҳо. Вай дугонаи ҳар кас шудан наметавонист-ку, вай, ки ин хел наҷиб ва бой буд. Ба вай дӯстон даркор буданд, ки қадр доранд.

Розита аз курсии паҳлӯдораш парид ва хонум Франсенро оғӯш кард.

«Вале ту қадр дорӣ! – фарёд зад ӯ. – Ту дугонаи ман будан метавонӣ! Ана бин ...»

Розита яке аз ҳалваҳояшро мегирад ва онро ба гардани хонум Франсен кашол мекунад. «Инро ту аз ман чун дугона ба дугона хоҳӣ гирифт, - вай бо овози идона гуфт. – Ин бриллантҳои ҳақиқианд!»

Пеш аз он ки хонум Франс тамоман дар бораи ин фикр кардан метавонист, онҳо дугонаҳо шуданд.

Баъд Розита дар хона мегашт, гӯё ки он аз худаш бошад. Вай гуфт, ки дугонаҳо ин тавр мекарданд. Дар Италия ин хел мекарданд. Розита ҳатто дар ҳуҷраи Себастиан буд, бо вуҷуди ин ҳам ки ӯ дугонаи ӯ набуд. Ин тавр Комила орзу дошт, ки Розита ҳеҷ вақт ба хонаи Франсен намеомад ва дугонаи хонум Франсен намешуд. Мумкин хонум Франсен низ ин хел фикр мекард, аммо ӯ инро намегуфт, аз сабаби ки дилаш ба Розитаи бева месӯхт.

Розита ҳам дар ҷумъа ва дар шанбе меҳмонӣ меомад, фақат дар рӯзи якшанбе намеомад. Вай ҳеҷ гоҳ меҳмонӣ намеомад, агар Себастиан ва ҷаноб Франсен дар хона буданд.

Розита ҳамавақт тӯҳфа барои хонум Франсен дошт. Онҳо чизҳои нуқрагин, ҳалқаҳо ва сангҳои қиматбаҳо буданд. Ба ҳар ҳол ӯ мегуфт, ки онҳо сангҳои қиматбаҳо буданд. Вай бояд медонист, зеро ӯ зани миллионер буд. Лекин баъзе аз ин тӯҳфаҳо гоҳ-гоҳ гум мешуданд. Ин хеле аҷоиб буд! Баъдтар хонум Франсен бисёртар чизро гум кард. Ҳамаашон бо тарзи аҷоиб гум мешуданд. Ҳамааш дар поёни матраси Себастиан ёфта мешуд, ва ҳамавақт Розита буд, ки онҳоро меёфт.

«Акнун ту ақаллан медонӣ, ки кӣ дар ин хона медуздад», гуфт Розита хеле розиёна. Вай бо шаш қошуқи нуқрагин аз зинапоя мефаромад, ки аз поёни кати Себастиан ёфта буд. Розита ҳоли хеле хуб дошт. Ин хел менамуд, ки ба ӯ маъқул буд, ки Себастиан қошуқҳои нуқрагин дар каташ дошт.

Аммо хонум Франсен хурсанд набуд. Хонум Франсен зиқтар ва зиқтар мешуд, вақте ки Розита бо бисёртар чиз меомад, ки аз хонаи Себастиан ёфта буд.

«Ин хел ҳоли бад бояд надошта бошӣ» гуфт Розита ва хандид. «Ман ба ту ҷевони пул мехарам. Инро ман ҳақиқатан мекунам! Баъд ту ҳамаи нуқраро, ҳамаи ҳалқаҳоро ва ҳамаи ганҷҳоро он ҷо нигоҳ доштан метавонӣ. Ба фикрам, вай дузд дар боло ҳайрон хоҳад шуд!»

Хонум Франсен гуфт, ки ба вай ҷевони пул даркор нест, ва ба вай ҳам қошуқҳои нуқрагин зарур нестанд, агар ба Себастиан онҳо даркор бошанд.

Лекин Розита бо вуҷуди ин ҳам ҷевони пул овард. Вай гуфт, ки ин ҷевони пул як аст. Тамоман аз duздон бехатар! Агар Франсен доно буд, тамоми пулаш аз бонк бояд мегирифт ва дар ҷевони пул нигоҳ медошт. Он ҷо ӯ аниқ дуздида намешуд, аниқ ...

Хонум Франсен андешид, ки агар аллакай ҷевони пул доштанд, онро низ бояд истифода мебурданд. Барои ҳамин ӯ Франсенро ҳамгап кард, ки ӯ ба бонк равад ва пулро биёрад. Ҷаноб Франсен занашро хурсанд кардан хост.

Вай дар ин вақтҳо ин хел ғамгин буд. Бо вуҷуди ин ки ӯ дигар фикр дошт, ӯ он чизро кард, ки вай мехост. Мумкин ҳамааш дигар мешуд, агар ӯ инро намекард. Аммо ӯ инро кард.

## ТЕЛЕГРАММ

Ҳозир ман дар бораи чизи даҳшатноке нақл мекунам, дар вақте ки Франсен дар Кристианиа дар сафари хидматӣ буд. Ман қариб фикр мекунам, ки ӯ аллакай аз Кристианиа боз бармегашт. Ӯ мумкин дар қатора мешишт ва роҳ ба сӯи хона буд.

Франсен бо қатора дар соати даҳи бегоҳӣ ба хона расидан хост. Ва ин аниқ дуруст буд. Лекин ӯ зуд хоҳад фаҳмид, ки чизе нодуруст буд. Аҷоиб буд, ки ҳамаи чароғҳои хона ҳанӯз кушта буданд. Элизе дар куҷо буд? Вай ҳанӯз хоб набуд, агар ӯ медонист, ки ӯ меомад? Мумкин вай касал буд? Ё ... вай бо намурда набошад, Элизеи ӯ! Даҳони Франсен қоқ шуд, вақте ки ӯ фақат ба ин фикр мекард. Чизе нодуруст буд. Чизе тамомани воҳиманок нодуруст буд!

Франсен ба хона парид, бе аз он ки фаҳмад, ки дарвозаро аз пушташ маҳкам кард ё ин ки не. Ӯ ҳатто надонист, ки ӯ дари хонаро кушод ё не. Пойҳои ӯ мулоим буданд, гӯё ки онҳо шикастанӣ буданд. Ӯ бо вуҷуди ин ҳам то ба меҳмонхона омад ва гӯгирдеро даргиронд, то чароғеро дар гиронад. Ӯ як овози тарсони паст баровард, зеро дар нури чароғи паст ӯ ... Ӯ дид... Не, ман нақл кардан наметавонам, ки ӯ чӣ дида буд. Ман бояд аз сар нақл кунам.

Аввал ҳамааш чун ҳарвақта буд. Вақте Комила саҳарӣ аз хоб хест, ӯ фикр мекард, ки ин рӯз ҳам чун рӯзҳои дигар мешавад. Дере нагузашта Розита ба меҳмонӣ хоҳад омад. Вай боз бисёртар тӯҳфаҳо барои хонум Франсен хоҳад овард. Вай аниқ хонум Франсенро ба ёд меоварад, ки аз рӯзе ки онҳо ҷевони пулмонак дар хона доштанд, ҳеҷ чиз дар хонаи Себастиан ёфтан намешуд.

Аммо дар ин рӯз Розита тӯҳфаҳо наовард. Ба ҷои ин ӯ барои хонум Франсен як телеграмм овард. Вай гуфт, ки ӯ онро аз хаткашон гирифта буд. Он ба ҳар ҳол ягон хабари муҳим буд. Хонум Франсен бояд онро дарров хонад. Агар не, мумкин ҳанӯз дер мешуд.

Хонум Франсен телеграммро кушод ва дар дилаш хонд. Вай сарашро ба дастҳояш такя кард. Ин хел менамуд, ки сараш тоб мехӯрд.

«Чӣ шуд? – бо тарс пурсид Комила. – Он ҷо чӣ навишта шудааст? Барои чӣ ту ин хел аҷиб рафтор мекунӣ?»

Хонум Франсен телеграммро дубор, чорбор, ҳаштбор қад кард ... Вай қад кард ва қад кард, то телеграмм як чоркунҷаи хурдакак шуд ва онро ба кисааш андохт.

«Он ҷо навишта шудааст, ки ... эҳм ... Он ҷо навишта шуд, ки ... ки ту ва ман бояд ба сафар бароям».

«Барои чӣ?» пурсид Комила ҳайрон.

«Барои он ки ... Барои он ки дар телеграмм ин навшта шудааст».

«Мо ба куҷо сафар бояд кунем?» пурсид Комила.

Хонум Франсен аҷоиб менамуд. Чашмонаш чашмак мезаданд ва ӯ Комиларо нигоҳ кардан намехост.

«Мо бояд ...» сар кард ӯ. Вале ӯ нагуфт, ки ба куҷо бояд раванд. Аз ба ҷои ин ба Комила гуфт, ки вай бояд тез ба боло барояд ва либоси хубашро пӯшонад. Овози хонум Франсен сахт буд. Вай қариб ягонбор ин хел овози сахт надошта буд.

Комила қариб чизе мегуфт. Аммо баъд ӯ онро қурт кард ва ба боло баромад.

Хонум Франсен ором истод, то ӯ овози зинапояро шунид. Баъд ӯ телеграммро баровард ва бо дастҳои ларзон онро боз тахт кард. Вай боз якбор ин калимаҳои воҳиманокро хонд, ки дар он ҷо навишта буд:

*Комила дар хатар аст. Даррав ба меҳмонхонаи «Айнҳорн» дар Крилл*
*сафар кун ва дар он ҷо маро интизор шав. Комиларо бо худ гир, вагарна,*
*мо ӯро наҷот додан наметавонем. Муҳим! Онро махфӣ нигоҳ дор ва бо ҳеҷ*
*кас оиди ин гап назан. Салом, Софи.*

Розита тамоми вақт оромона шишт ва хонум Франсенро нигоҳ мекард. Акнун ӯ аз ҷояш бархост ва рухсорҳои хонум Франсенро сила кард.

«Имрӯз ҳолат ин қадар хуб наметобад, - ӯ меҳрубон гуфт. – Ман ба ту ягон чиз кунам».

«Ҳа, агар метавонистӣ», гиря мекард хонум Франсен.

«Албатта ман инро метавонам, - гуфт Розита, - ман хонаро посбонӣ кардан метавонам, вақте ки ту нестӣ».

«Ту нон пухтан метавонӣ?» пурсид хонум Франсен. Вай хамир карда буд, ки дар ошхона барои дамшудан меистод.

«Ҳа, албатта», ҷавоб дод Розита.

«Ту либос шуштан метавонӣ? Не, ту инро аниқ наметавонӣ, ту зани миллионер-ку».

«Оҳ, ҳа, - гуфт Розита, - ман нон пухтан ва либос шуштан, ба гулҳо об додан ва барои Себастиан хӯроки нисфирӯзӣ пухтан метавонам. Ту ба ман фақар калидро деҳ ва ман ҳамаашро мекунам».

«Оҳ, ту ин хел нағзӣ!» фарёд зад хонум Франсен ва дастҳояшро ба гардани Розита монд. «Инро ман ҳеҷ вақт фаромӯш намекунам!»

Ин дуруст буд, ки хонум Франсен Розитаро ҳеҷ вақт фаромӯш нахоҳад кард. Лекин сабаб дар меҳрубонии ӯ набуд. Сабаб дар тамоман дигар чиз буд.

Вақте ки Розита танҳо буд, тамоми хонаро мушоҳида намуд ва ҳамаашро хуб нигоҳ кард. Вай кашакҳои ҷевонҳоро мекушод, дарҳои ҷевонҳо мекушод ва ба ҳама қуттиҳою ҷевонҳо нигоҳ кард. Вай бисёр вақт бо хондани хатҳои ошиқона аз ҷаноб Франсен ба хонум Франсен сарф менамуд, ва вай худро бо хӯроквории болаззат пур кард, ки аз анбору ҷевонҳои хӯроквории меёфт.

Аммо ӯ набояд нон пазад? Ӯ набояд либос шӯяд, ки дар таҳхона дар об буданд? Ва набояд ӯ ба гулҳо об диҳад?

Тамоман не! Розита Тсиммер бояд дигар чизҳоро кунад! Дар вақте ки ӯ сер буд, нишаст, то ба Себастиан хати нодуруст нависад. Он хат бояд аз хонум Франсен бошад.

«Комила ва ман ба сафар баромаданд, то ба ту як чизро тайёр кунем», навишт Розита. «Аз хона набаро ва моро интизор шав!»

Баъд ӯ навишт, ки шояд Себастиан ин хел меҳрубон мебошад, ки нон мепазад, ба гулҳо об медиҳад ва он либосҳоеро мешӯяд, ки дар таҳхона дар об хоб буданд. Баъд ӯ тӯҳфае хоҳад гирифт, ки то охири умраш фаромӯш нахоҳад кард.

«Ҳа, ман ба ту тӯҳфае медиҳам», миш-миш кард Розита ва табассум кард. Вай дар поёни варақ «Салом, Элизе» навишт ва хатро ба ҷое монд, куҷое ки Себастиан онро аниқ хоҳад ёфт.

Баъд ӯ аз хона баромад ва дарро аз пушташ маҳкам кард. Вай ба куҷо рафтан мехост.

Оҳ, вай албатта ба он меҳмонхонаи зебо рафтан хост, ки дар кӯчаи Принтсен мехобид! Не, вай аз он ҷо гузашт. Вай ҳам аз пеши «Сатили Сиёҳ» ва аз пансионати хурде, ки «Сулҳи бегоҳ» ном дошт, гузашт. Баъд ӯ ба кӯчаи танге даромад, ки дар кӯчаи Кӯчаи Тӯпфер тамом шуд. Он ҷо ӯ дар назди дари сурхе истод. Оё ин ҳақиқат будан метавонист? Ҳа, он ҳамон дарвоза буд, ки барои ороиш паи пойро дошт! Ҳа, он ҳамон буд!

Розита гирди атрофро тез мушоҳида кард. Баъд ӯ аз дарвоза гузашта нопадид гашт.

## *ҚАСДГИР САР КАРД*

Ҳеҷ кас гумон намекард, ки дар боғи Франсен ҷосусе буд. Оливерро қариб дар пушти дарахти булути калон, куҷое ки ӯ худро пинҳон кард, дидан намешуд. Ин хел метофт, ки дарахт шохаҳое каме аҷоиб дорад ва ин ччизе нест, ки одамро ба ташвиш медарорад. Ин хел шоха на гӯш кардан ва на дидан метавонад. Лекин инро Оливер албатта метавонист! Барои ҳамин ӯ худро дар боғи Франсен пинҳон кард. Ӯ бо мақсади гӯш кардан ва дидан омад, ки ин тавр ҷосусон бояд мекарданд.

Оливер дигар аз пушти Себастиан ҷосусӣ кардан хуш надошт. Қасдгир ин хел вазифаҳои душвор медод. Ӯ тамоми вақт навигариҳои нав мехост, вагарна, пул намедод. Лекин чизи навро фаҳмидан душвор буд.

Акнун ӯ ним соат пушти дарахти булут истода буд, аммо чизе рӯ нагашт. Ҳамааш хомӯш буд. Фақат як равшании пасте аз ҳуҷраи Сеабстиан дида мешуд. Хонаи боқимонда торик буд. Ҳеҷ кас надаромад ва набаромад.

Агар рост аст, ки дарахтон гап задан метавонанд, ман шарт мекунам, ки дар ин бегоҳ булути калон якчанд калимаҳо гуфт. Аз тарафе, ки дарахт меистод як оҳкашии баланд шунида мешуд. Тақрибан ба оҳкашии бачае, ки хеле бекор буд, монандӣ дошт. Баъд булут бо овози фаҳмо пичиррос зада гуфт: «Агар ман то даҳ ҳисоб кардам ва ин ҷо ҳеҷ чиз нашавад, ман ба хонабармегардам! Я-як, ду-у, се-е, чо...»

Яке чизе шуд! Аз дарвоза овоза паст меомад. Ману ту дар вақти ҳисоб кардан мумкин инро намешунидем, лекин Оливер шунид. Зеро ҷосусон гӯшҳои хуб доштанд. Он ду гӯшҳое, ки аз пушти булут гӯш мекарданд, аллакай овози қадамҳои занонаро мешуниданд. Ҳа, ҳақиқатан як хонум дар роҳи ҳавлӣ меомад. Оливер ӯро аз дарахт медид, лекин танҳо чун соя. Торики бад буд, то рӯи ӯро мушоҳида кунад. Хонум рост ба хонаи Франсен рафт ва дарро кушод. Аҷоиб! Як зани бегона дарро мекушод, дар вақте ки хонум Франсен ва ҷаноб Франсен набуданд! Оё Себастиан нағздида дошт? Оливер дар бораи ин фикр кард. Вале ӯ бо фикрҳояш тамом набуда дарвоза боз якбор овоз баровард. Акнун ду мардон ба боғ даромаданд. Онҳо дар наздикии булут истоданд. Оливер аз ҷояш онҳоро дидан наметавонист, аммо онҳоро мешунид.

«Ана ин кӯлоҳро бояд ба болои сарат пӯшонӣ», як овозе гуфт, ки Оливер онро мешинохт. Қасдгир! Он кас ки гап мезад, қасдгир буд!

«Барои чӣ ман кӯлоҳро ба болои сарам пӯшонам? – дигарияш пурсид. – Мо тамоман чӣ мекунем?»

Акнун оливер фаҳмид, ки дигар фикр кардан наметавонист. Он овоз овози падараш буд! Падараш дар боғи Франсен чӣ кор карда истода буд? Ва аз кадом сабаб ӯ ҳамроҳи Қасдгир буд? Инро Оливер аниқ донистан хост. Ӯ бо гӯшҳои шунаванда меистод ва ҷавоби Қасдгирро интизор шуд.

«Ту ҳоло ҳам нафаҳмидӣ? - гуфт Қасдгир бо овози нафратангез. – Мо бояд ...»

Лекин Оливер нафаҳмид, ки онҳо чӣ бояд мекарданд, зеро Қасдгир акнун фақат пичиррос мезад. Ҳатто гӯшҳои беҳтарини ҷосусӣ фаҳмидан наметавонистанд, ки ӯ чӣ мегуфт. Оливер танҳо як калимаро фаҳмид: Себастиан. Мумкин ӯ боз як калимаи дигарро фаҳмид: Ғалла ё Халта. Лекин ӯ дилпур набуд.

Мардон боз каме пичиррос заданд. Баъд ба хона даромаданд.

Оливер интизор буд, ки чизе мешавад. Лекин чизе нашуд. Ӯ нафасашро гирифт ва гӯш мекард. Ӯ қадамҳои баланд нашунида буд? Як овози баланд набуд, гӯё ки чизе афтид? Не, ӯ инро ба хаёлаш нашунид. Ягон овоз аз хонаи Франсен набаромад. Не, акнун як сояе дар пушти тирезаи Себастиан пайдо шуд. Бисёр сояҳо! Дар пушти парда як галла одам буданд. Ин хел метофт, ки онҳо ҳамдигарро гӯштин мегирифтанд. Баъд яке ҳама сояҳо нест шуданд, ҳамин хел тез, гӯё ки касе шамъеро кушта бошад.

Каме дертар дар кушода шуд ва зан боз баромад. Аз пушташ ду мардон буданд. Оливер дид, ки онҳо як халтаи калон мебардоштанд. ӯ бо чашмони калон ба халта нигарист. Он ин хел шакли аҷоиб дошт. Дарунаш мумкин одам будан метавонист. Мӯйҳои Оливер ба боло рафтанд, дар вақте ки ӯ фикр мекард, ки он мард мумкин Себастиан буд ва вай мумкин мурд. НЕ! НЕ! НЕ! Ин ҳақиқат будан наметавонист! Падараш бо онҳо ҳам буд-ку! Падараш ҳеҷ гоҳ ... Ё ӯ мехост? ӯ Себастианро ин хел сахт ганда медид, ки ӯро ...? Не, Оливер ба ин фикр кардан метарсид. Ӯ ҳамту намехост!

## *ДУЗДОН ДАР ХОНАИ ФРАНСЕН*

Он ду мардон халтаро аз дарвоза баровარданд. Оливер онҳоро дигар намедид. Хато, вай зан бо яке аз мардон боз баргаштанд! Вайҳо боз якбор ба хона баргаштанд. Ӯ дид, ки дар меҳмонхона чароғ даргиронда шуд. Аммо ӯ боз чизи дигарро дид. Ӯ дид, ки дар байни пардаҳо як шикофии хурде буд. Ба он ҷо нигоҳ каран мешуд, агар ҷасур буд. Дар ин бегоҳ Оливер ҷасур буд! Ӯ ҷасури бад буд, лекин инро ӯ ҳанӯз баъдтар фаҳмид. Тирезаи меҳмонхона ӯро ин хел ба тарафи худ мекашид, ки ӯ худро доштан натавонист. Ӯ ба деволи хона рафт ва аз он шикофии хурд ба дарун нигоҳ кард. Оливер мард ва занеро дид, ки онҳо ба ӯ пушти худро нишон медоданд ва дар пулҳо мекофтанд. Яке ӯ донист, ки онҳо чӣ кор мекарданд: Вайҳо медуздиданд! Инро онҳо мекарданд! Зан як халтаро медошт ва мард нуқра ва пул ба даруни он ғунҷонд. Дар муддати кам онҳо тамом карданд. Баъд онҳо тоб хӯрданд ва Оливер рӯйҳои онҳоро хуб дидан тавонист. Ӯ Қасдгир буд! Ӯ хуб дид, ки ӯ қасдгир буд! Ва зан ... ӯ ҳамон зане буд, ки Оливер ӯро дар «Сатили Сиёҳ» дида буд! Ҳамон зане, ки бояд кар мебуд. Лекин вай кар набуд, зеро Оливер дид, чӣ хел ӯ бо Қасдгир гап мезад ва ҳам чизе ки ӯ мегуфт мефаҳмид.

Оливер даҳонашро аз ҳайрат кушод, зеро акнун чизе номумкин рӯ дод. Зан худро ба замин хобонд ва мард ӯро аз дасту пойҳояш баст. Ин хел тофт, ки ба зан ин маъқул буд, зеро ӯ тамоми вақт табассум мекард ва механдид. Вай хост, ки ӯ ӯро мебаст! Ин хел чизи аҷиберо Оливер надида буд. Вай ҳам даҳонашро кушод, то ки Қасдгир рӯймолчаеро ба даҳонаш андозад! Ҳамааш ин хел тез шуд, ки Оливер фикр кардан натавонист. Яке Қасдгир чароғро кушт. Ӯ ҳозир ба ҳар ҳол мебарояд ва Оливер ин ҷо меистод!

Оливер аз ба пушти булут баргаштан метарсид. Қасдгир ӯро шояд медид, агар ӯ ба он ҷо медавид. Ин тавр ӯ худро ба барф партофт ва хомӯш дароз кашида истод.

Вақте ки ӯ он хел хоб мерафт ва нафасашро мегирифт, ӯ шунид, ки дар кушода ва қуфл карда мешуд. Калиде дар қуфл тоб дода шуд. Баъд Қасдгир бо халтааш дар даст аз наздаш гузашт.

Муддати дароз Оливер аз ҷунбидан метарсид. Ӯ он қадар вақт дар барф истод, то он ки дилпур буд, ки Қасдгир рафт. Баъд нав ӯ аз ҷояш хест ва ба

дарвоза рафт. Аммо ӯ ба хона нарафт. Оё ӯ ягон вақт боз ба хона баргаштан метавонад? Оё ӯ баъди ин ҳамааш, ки шуда буд, боз бо падараш якҷоя шудан метавонист?

Оливер надонист. Ин хел буд, ки гӯё ӯ падарашро дигар намешинохт. Танҳо лаҳзаи хурде буд, лекин падараш ба ӯ бегона шуд. Ҷинояткор.

Оливер қарор кард, ки ба пеши полис равад ва нақл кунад, ки чӣ шуд. Вале баъд ӯ нақшаашро дигар кард. Падараш ҳам дар он ҷо буд. Оливер падари худро фурӯхтан наметавонад-ку! Инро ӯ наметавонист!

Оҳ, ин чӣ хел талх буд! Баъд аз он ки ӯ якбор ҷинояти ҳақиқиро дид, ӯ онро бояд дар худ нигоҳ дорад! Мумкин як сурати ӯро дар рӯзнома дидан мешуд! Баъд дар он ҷо бо ҳарфҳои калон навишта мешуд: Бачаи ҷасур ҷиноятеро дид. Оливер паҳлавони тамоми шаҳр шудан метавонист, агар падараш ҳамроҳ намешуд.

Оҳ, ӯ аз падараш хашмгин буд! Ҳеҷ вақт ӯ ба хона барнамегадад!

Аммо ӯ бо вуҷуди ин ҳам ба хона баргашт. Ин тавр буд. Ӯ дар бораи аз хона гурехтан фикр кардан метавонист. Ӯ дар кӯчаҳо гаштан ва муштҳояшро нишон додан метавонист. Лекин ӯ бо вуҷуди ин ба хона ба хона меравад. Дар куҷо боз хӯроки бегоҳӣ гирифтан метавонӣ?

Ҳа, хулоса, Оливер ба хона баргашт, ҳам ӯ. Вале аввал ӯ дигар чизро кард, чизе, ки танҳо ҷосус фикр мекард. Ӯ пайҳоро дар барф дар пеши дарвозаи Франсен хуб мушоҳида намуд. Хеле хуб ва эҳтиёткорона ӯ онҳоро тафтиш кард. Ӯ пайҳои аспе ва аробаеро ёфт. Асп каме бояд истода бошад, зеро ӯ бо пойҳояш ба замин зада буд, ҳамон хеле, ки аспҳо мекарданд, агар онҳо интизор бояд мешуданд ё бекор буданд. Оливер ҳам пайҳои одамонро ёфт. Аммо ӯ аниқ донист, ки онҳо аз кӣ буданд. Онҳо аз Қасдгир ва падараш буданд. Ҳардуи онҳо аз ароба бояд баромада бошад, зеро паи пойҳояшон яке нест шуданд. Лекин паи ароба дар барф ду хати рост нишон медоданд. Мобайни онҳо пайҳои як аспе дар вақте давидан дидан мешуд.

Ин ҳамаашро Оливер бо чашмони ҷосусӣ дид.

Аммо ман намедонам, ки Оливер дар бораи он чизе, ки ӯ мекард, фикр кард. Ман фақат медонам, ки ӯ дар роҳ мегашт ва аз пушти пайҳои хатҳои рости ароба то ба кӯчаи Пфлауменстрассе рафт. Аввал ӯ оҳистатар шуд, гӯё ки ӯ ҳамту сайругашт мекард. Баъдтар ӯ давид.

## *ЗАНИ БЕЧОРАИ БЕГУНОҲ*

Дар шаҳри хурд бегоҳ буд. Он ҳамон бегоҳе буд, ки Франсен бо қатораи соати даҳ аз Кристианиа баргашт.

Франсен шод ва хубахт буд, то вақте ки ӯ ба Мобайнӣ расид ва хонаи торикро дид. Баъд ӯ фаҳмид, ки чизе нодуруст буд. ӯ ба меҳмонхона давид ва гӯгирдеро даргиронд, то ки чароғ нур диҳад. Яке ӯ овози даҳшатро баровард. Ӯ дар нури гӯгирд чизи воҳиманокро дид. Як зан дар замин хоб буд, тамоман хомӯш, гӯё ки мурда буд.

Аввал ӯ фикр кард, ки ин кас Элизе буд. Элизеи вай! Лекин вақте ки ӯ чароғро даргиронд, ӯ фаҳмид, ки ӯ дигар кас буд. Ӯ зане буд, ки ӯ ҳеҷ вақт надида буд. Як зани тамоман ба ӯ бегона баста дар меҳмонхонаи ӯ хоб буд! Не, аниқ ин зан бегона набуд. Ин бояд дугонаи Элизе бошад, ки дар ин ҷо хоб буд. Лекин барои чӣ ӯ дар хонаи Франсен буд ва барои чӣ ӯ баста шуд?

Ҳа, Розита ба ин саволҳо хеле ҷавоб додан хост. Вай тайёр буд, ки ҳамаашро нақл кунад. Ҳамон вақте ки Франсен рӯймолчаро аз даҳонаш гирифт, ӯ гап заданро сар кард. Вай гуфт, ки Себастиан, дузд, ӯро дошт ва ин хел сахт баст, ки ӯ дигар ҷунбидан натавонист. Вай ҳатто «ёрӣ диҳед» дод задан натавонист, зеро Себастиан ба даҳони ӯ ҳамон рӯймолчаро андохт. Ин тарз ӯ ин хел хобид, дар вақте ки Себастиан ҷевони пулро кушод. Ӯ ҳамаашро, ки дар он ҷо буд, гирифт, вай саги бераҳм. Баъд аз ин ӯ гурехт ва ӯро бо дардҳои зиёд танҳо монд.

«Лекин зани ман дар куҷост?» навмед фарёд зад Франсен.

«Элизеи ман канӣ? Комила канӣ?»

«Ман тамоман аз ин бехабар, - гуфт Розита, - онҳо ба сафар рафтанд».

«Чӣ гуфтӣ, занак? Онҳо ба сафар рафтанд?»

Розита сарашро бо розигӣ ҷунбонд.

«Яке?»

«Ҳа».

«Бе ин ки гӯянд, ки ба куҷо мераванд?»

Розита боз сарашро ҷунбонд. Тамоми гарданаш дар ҷунбиш буд.

Франсен инро нафаҳмид. «Барои чӣ онҳо ба сафар рафтанд? Ин бояд сабаб дошта бошад-ку! Онҳо ҳамту рафтан наметавонанд! Ягон чиз рӯ гашта буд? Онҳо ҳеҷ чиз нагуфтанд, як калима ҳам не?»

Розита сарашро ҷунбонд. Не, онҳо чизе нагуфтанд. Аммо вай як фикр дошт. Себастиан буд, ки онҳоро фиреб кард. Вай роҳзан! Ӯ ба Элизе

телеграммеро чун шӯхӣ фурсонд. Бо ин тарз ӯ ба мақсадаш расид, ки Элизе ва Комила аз хона баромаданд. Ӯ аниқ дар хонаро танҳо будан мехост, то он ки ҳамаашро бо ором дуздад. Лекин ин хел ором, чӣ хел ӯ фикр карда буд, нашуд. Зеро Розита ӯро дид, вақте ки ӯ сарашро ба ҷевони пул андохт. Баъд ӯ мисли гург худро ба болояш партофт. Франсен инро бояд медид. Ӯ тамоман ваҳшӣ буд! Дар як лаҳзаи хурд ӯ ӯро баст. Ин ҳамааш буд, ки ӯ ба Франсен нақл кардан метавонист.

Вале ба Франсен ин бас буд. Ӯ кӯлоҳ ва ҷомаро ба худ кашид, зеро акнун ӯ хеле хашмгин буд. Ӯ рост ба назди полис рафтан ва нақл кардан хост, ки чӣ вуқӯъ гашта буд. Себастиан тамоман бояд фикр накунад, ки ӯ гурехтан метавонад. Фарқ набуд, куҷо ӯ худро пинҳон мекард. Франсен ӯро ба пеши довар хоҳад бурд! Ин тарз ӯ дар зиндон шиштан ва дар бораи зиндагияш фикр кардан метавонад. Франен ӯро баъд аниқ халал расондан намехоҳад ва ба меҳмонӣ намеояд. Ӯ бо Себастиан тамом кард, барои ҳамавақт. БАРОИ ҲАМАВАҚТ!

Ки Себастиан медуздад, инро ӯ бахшидан метавонист. Ӯ ҳазор бор бахшидан метавонист. Лекин ӯ тоқат намекард, ки ӯ ба Элизе як хати шӯхӣ фурсонд, то ки ӯро аз хона пеш кунад. Ҳеҷ кас ба Элизе бояд даст намерасонд! Вагарна, ӯ хеле хашмгин мешуд! Дар ин бегоҳ ӯ хашмгин буд. Инро ҳам милисаҳо фаҳмиданд. Франсени хомӯши ором дар вақте ки дар полизхона расид, хомӯшу ором набуд. Ӯ муштҳояшро бардошт ва талаб кард, ки Себастиан дар ҳамаи рӯзномаҳои давлат ба чоп бароварда ва кофта шавад. Себастиан бояд ҷазояшро гирад! Фаҳмо? ҶАЗО!

Милисаҳо ҳа ва боз ҳа гуфтанд. Албатта онҳо дуздро кофтан мехостанд! Ҳа, онҳо ҳам хонум Франсен мекобанд, агар ин кор даркор бошад. Ҳа, албатта онҳо ҳозир бо Франсен мераванд. Албатта онҳо сурат мегиранд ва паи чилликро мекобанд! Ҳа, онҳо он зане, ки баста шуд, низ мепурсанд.

Аммо вақте ки ба хонаи Франсен расиданд, Розита Тсиммерро ёфтан натавонистанд. Вай дигар дар он ҷо набуд. Онҳо танҳо ду мактубро ёфтанд, ки дар болои мис буданд. Яктоаш барои милисаҳо буд, дигараш барои хонум Франсен. Ҳардуяш аз Розита буд. Ба милисаҳо тақрибан ҳамон чизро навишт, ки аллакай ба Франсен нақл карда буд. Онҳо чизи нав нашуниданд. Ҳеҷ чиз. Ба зани Франсен ӯ як хати хайрухушӣ навишта буд. Вай бо дугонаи ҷонияш хайрухуш кардан хост, пеш аз оне ки боз ба Италия баргардад. Ҳа, вай дигар дарозтар дар Норвегия зиндагӣ кардан нахост. Вай боз як бор баста шуда намехост, инро дилаш намеқапид. Ҳатто як рӯз ӯ дигар дар ин давлати даҳшатнок зиндагӣ кардан намехост! Аллакай пагоҳ ӯ бо дувоздаҳ ҷомадонаш ба сафар хоҳад баромад.

Лекин фикри аз якдигар ҷудо будан тоқатнопазир аст. Барои ҳамин ӯ ин қадар гиря кард, ки ашкҳо ҳам ба болои қоғаз афтиданд...

Ҳа, мактуб тар буд! милизаҳо як лаҳза ҳам шубҳа надоштанд, ки Розита хонум Франсенро дӯст медошт. Аниқ инро ӯ мехост. Ки онҳо ин тавр фикр мекарданд, ба ӯ хеле маъқул буд. Баъд онҳо аз ростии ӯ андеша намекунанд. Оҳ, чӣ хел Розита боақл буд! Вай донист, ки милисаҳо мактубро мехонанд. Ба ин ӯ фикр карда буд, дар муддате ки ӯ менавишт.

Ӯ каме ҳам ба хонум Франсен фикр карда буд?

Ашкҳои ҳақиқӣ буданд, ки ба қоғаз афтиданд, ё онҳо мисли бриллантҳояш нодуруст буданд?

Инро на ману на ту медонем.

Мумкин мо инро ҳеҷ вақт нахоҳем фаҳмид.

## *ҶАНОБ ФРАНСЕН ВА ХОНУМ ФРАНСЕН БА ЯКДИГАР СИР МЕГӮЯНД*

Дар рӯзи оянда Комила бо хонум Франсен баргаштанд. Ҳардуяшон хеле хашмгин буданд, зеро онҳо бо Софи вонахӯрданд. Ба Крилл сафар кардан даркор ҳам набуд. Ҳам Комила ва ҳам хонум Франсен қарор карданд, дигар ҳеҷ вақт ба Крилл нараванд. Ҳеҷ вақт онҳо ба «Айнҳорн» баргаштан намехоҳанд! Ҳеҷ вақт онҳо дар он ҷое хоб намераванд, ки дар катҳояшон хомӯшак буд! Онҳо тамоми шаб қариб хоб нарафтанд, аз сабабе ки хомӯшакон онҳоро ин хел мегазиданд. Лекин ин аз ҳама ганда набуд. Аз ҳама ганда буд, ки Софи наомад ва онҳоро фиреб карда буданд. Дар он рӯзе, ки онҳо дар Крилл буданд, бисёр соатҳо Софиро интизор шуданд, бе аз он ки вай инро донист. Бегоҳии дер барои хонум Франсен як телеграмм оварда шуд, ки дар он навишта шуда буд, ки Соффи ҳанӯз дар душанбе меояд. Аммо Софи ҳам дар душанбе наомад. Ба ҷои ин боз як телеграмм барои хонум Франсен омад. Комила пурсид, ки он аз Софи буд. Лекин хонум Франсен ба ин ҷавоб надод. Вай танҳо гуфт, ки онҳо ҳозир рост ба хона сафар мекунанд. Вай дарозтар интизор шудан намехост, аз сабабе ки ҳамаи телеграммҳо фақат шӯхӣ буданд.

Онҳо он вақте ба Мобайнӣ расиданд, ҳангоме ки ҷаноб Франсен оддатан дар заводи бозичабарорӣ буд. Аммо ӯ дар заводи бозичабарорӣ набуд. Ӯ дар зинапоя меистод ва онҳо пешвоз гирифт, ки ин хеле аҷоиб метофт. Худаш ҳам аҷоиб менамуд. Чашмҳои ӯ сурх буданд, гӯё ки ӯ тамоми шаб хоб нарафт ва аз хомӯшакҳо газида шуд.

Франсен зани худро ин қадар дароз оғӯш кард, ки гумон кардан метавонистӣ, ки вай як сол дар хона набуд. Ӯ ҳам Комиларо ба оғӯш гирифт ва гуфт, ки ӯ хушҳол ҳаст, ки ба онҳо ҳеҷ чиз нашуд. Аҷоиб! Аз кадом сабаб бо онҳо бояд чизе мешуд? Вайҳо танҳо ба Крилл сафар карданд-ку.

«Ман бояд бо ту гап занам, Елизе», гуфт Франсен. Овозаш меларзид. «Комила, ана бин! Ана барои ту як сомон. Ягон чизи зеборо бо ин хар. Ба мағоза рав, ҷонам шавӣ! Раҳмат!»

Баъд ӯ бо занаш якҷоя ба хона даромад ва дарро маҳкам кард.

Комила бо яксомонааш дар пеши зинапоя истод. Вай донист, ки аз барои чӣ Франсен ӯро ба мағоза фурсонд. Ӯ бояд гӯш намекард, ки вай бо занаш дар бораи чӣ гуфтугӯ мекарданд. «Раҳмат», Франсен гуфта буд. Ин маъно

дошт, ки Комила интихоб кардан наметавонист. Вай бояд ба мағоза равад, барои он ки Франсен ба ӯ пул дод.

Комила аз дарвоза ба кӯча баромад, ҳангоме ки ӯ фикр мекард, ки бо як сомон чиро харидан метавонист. Вай ин хел сахт дар бораи ин фикр кард, ки ба пеш нигоҳ накард. Яке сарашро ба рӯзномае зад. Пушти рӯзнома касе буд, ки низ ба пеш нигоҳ намекард. Ӯ Оливер Ҳансен буд. Ӯ аз пули худ як рӯзномаеро харид. Акнун ӯ дар бораи ҷиноят дар хонаи Франсен хонд. Шиками Оливер дард мекард, зеро ӯ ин қадар сахт барои он коре ки падараш карда буд, шарм мекард. Вақте бизёртар хонданаш ӯ бисёртар шарм кардан гирифт. Ҳам Оливер худро айбдор ҳис мекард. Ӯ дигар ҳеҷ гоз ба чашмони Комила нигоҳ кардан наметавонист.

Албатта, ҳангоми ки ӯ инро фикр мекард, ӯ бисёр тарсид, вақте ки дар рӯзнома яке шикофие пайдо шуд ва Комила сарашро ба даруни шикофӣ андохт.

Комила дид, ки Оливер ларзид. Чашмонаш пур аз тарс буданд, гӯё ки ӯ кадом гуноҳе кардааст. Тез мисли барқ ӯ рӯзномаро қад карда ба даруни кисаааш андохт. Чӣ хел аҷоиб ӯ рафтор мекард!

«Салом», гуфт Комила.

«Салом», гуфт ҳам Оливер. Аммо ӯ ба Комила нигоҳ накард.

«Акнун ман ҳам як сомон дорам», гуфт Комила бо овози муҳим.

«Якбор нишон деҳ». Вай аз дастпӯшакаш яксомонаро баровард ва ба Оливер нишон дод.

«Ту онро аз куҷо дорӣ?» пурсид Оливер.

«Ту чӣ мегуфтӣ?» гуфт Комила.

«Ту онро аз Қасдгир дорӣ?»

«Не».

«Ту онро аз Себастиан гирифтӣ?»

«Не, ман онро аз Франсен гирифтам!» Акнун ӯ сирашро пош кард.

«Барои чӣ? - пурсид Оливер. – Барои чӣ ӯ ба ту пул дод?»

«То ки ман ҳангоме ки Франсен бо занаш дар бораи сирҳо гап зананд, гӯш накунам».

«Ман медонам, ки онҳо оиди чӣ гап мезананд», гуфт Оливер. Дар асл ӯ инро гуфтан нахост. Лекин ин ҳамту аз даҳонаш баромад.

«Дар бораи чӣ гап мезананд?» пурсид Комила.

«Ту инро ҳеҷ гоҳ намефаҳмӣ», гуфт Оливер ва аз пешаш гузашта рафт.

Акнун Комила аз Оливер хафа шуд.

«Ман як чизро медонам, ки ту намедонӣ!», ӯ аз пушташ дод зад.

«Ту инро намекунӣ!» фарёд зада гуфт Оливер.

«Не, ман як чизро медонам. Ман як чизро оиди Қасдгир медонам».

«Инро ман ҳам мекунам. Ман ҳам як чизро дар бораи Қасдгир медонам, ки ту намедонӣ!»

«Ман як чизро ёфтам, ки Қасдгир гум кардааст!» фарёд зад Комила.

Оливер тоб хӯрда боз баргашт.

«Ту чиро ёфтӣ?» пурсид ӯ бо ҳаррос.

«Ту инро ҳееeҷ вақт намефаҳмӣ!» гуфт Комила.

Баъд ӯ биниашро ба шамол бардошта роҳашро давом дод.

## ТӮҲФА БАРОИ КОМИЛА

Вақте ки Комила аз мағоза боз ба хона рафт, Оливер дар зинапоя мешишт. Ӯ ором дигар набуд. Ӯ бояд медонист, ки Қасдгир чиро гум карда буд. Мумкин он бо ҷиноят ягон алоқамандӣ дошт. Мумкин ягон қоғазчае буд! Мумкин ҳатто номи падараш дар он навишта шуда буд! Тасаввур кун ... Оҳ, ӯ ин хел тарсид.

Оливер ба мобайни зинапоя шишт, ин тавр, ки Комила ӯро медид. Вай аниқ бо ӯ гап мезанад ва ӯро ба хона даъват мекунад. Баъд ӯ аниқ аз ӯ он чизе ки донистан мехост баровардан метавонист.

Аммо Комила бо Оливер гап назад. Вай ин хел рафтор кард, ки гӯё ӯ тамоман он ҷо набуд! Оливер чанде ки метавонист худро фарбеҳ кард. Вале Комила ҳамту аз пешаш гузашта ба хона даромад. Ӯ баъд ҳоло дароз болои зинапоя шишт, аммо ӯ дигар набаромад.

Оливер фаҳмид, ки бо Комила чӣ шуд, зеро ӯ дид, ки ӯ гиря мекард. Баъд ӯ донист, ки ӯ дар мағоза буд ва шунида буд, ки одамон чӣ гап мезаданд. Овоза ана ҳамин хел мегашт. Онҳо дар бораи ҷиноат гап мезаданд ва оиди Себастиан Кок гапҳои ганда мегуфтанд. Оливер инро ҳам шунид! Вайҳо гуфтанд, ки Себастиан ҳеҷ гоҳ беҳтар намешавад.  Онҳо панҷ дирам ҳам ба ин хел бача намедиҳанд, онҳо мегуфтанд. Аз Франсен дуздидан, ки ӯ ин хел хуб буд! Ин хел гап мезаданд. Онҳо гап мезаданд ва гап мезаданд ва ...

Комила низ аниқ аз рӯзнома хонда буд. Одамҳо мегаштанд-ку ва рӯзномаҳои худро таъриф медоданд. Қариб тоб хӯрдан намешуд, бе аз он ки рӯзномаро бинӣ.

Оливер оҳ кашид. Ӯ ҳам хост-ку, ки Комила боз хурсанд шавад. Лекин ӯ надонист, ки ӯ чӣ кунад. Мумкин ба ӯ тӯҳфа харидан метавонист? Ӯ бисёр пул дар дастпӯшакаш дошт! 90 дирам!

Оливер пулро ба зинапоя гузошт ва онро ҳисоб кард. Он аниқ 93 дирам буд. Аз ин пул як корчаи зӯр харидан мешуд! Аз ин Комила бояд хурсанд мешуд! Не, ӯ як лӯфтакро мехарад! Духтарҳо лӯфтакҳоро дӯст медоштанд. Инро ӯ ба ҳар ҳол шунида буд.

Оливер пулҳо боз андохт ва ба як мағозаи лӯфтакҳо давид. Ӯ пулро дар пешдӯкон холӣ кард ва гуфт, ки ӯ як лӯфтаки калони зебо бо мӯйҳои ҳақиқӣ харидан мехост.

Фурӯшанда, ки зан буд, як лӯфтаки хурди ширинро барои Оливер баровард. Вай мӯйҳои ҳақиқӣ дошт, аммо Оливер бо вуҷуди ин ҳам

дилхунук буд. Ӯ бовар карда буд, ки бо 93 дирам лӯфтаки калонтар харидан мешуд.

«Ин лӯфтаки зеборо кӣ хоҳад гирифт?» пурсид фӯрушанда, то ӯро каме хурсанд кунад.

«Ман мехоҳам онро ба Комила тӯҳфа диҳам, - гуфт Оливер. – Вай як духтарест, ки ман онро мешиносам», фаҳмонд ӯ.

«Ин хел бошад, вай хеле хурсанд мешавад!» табассум кард фурӯшанда.

«Вай ин хел ғамгин аст», гуфт Оливер.

Чашмони фурӯшанда меҳрубон шуданд. Вай гуфт, ки ӯ лӯфтакро ба қоғази тиллоӣ мепечонад, барои он ки духтарак ин хел ғамгин аст. Ин тарз Оливер андешид, ки агар ӯ чизеро нақл кунад, мумкин боз як банди тиллоӣ мегирад. Ӯ фурӯшандаро меҳрубон нигоҳ кард ва нақл кард, ки Комила ҷӯраи аз ҳама хубаашро гум карда буд.

«Оҳ, вай бечора? Ӯ маҳзун аст?» пурсид фурӯшанда.

«Ҳа», ҷавоб дод Оливер ҷиддӣ.

Ӯ надонист, ки маҳзун будан чист. Лекин ӯ ҳис кард, ки ин чизе буд, ки дард мекард.

«Вай хеле сахт маҳзун аст», ӯ давом дод.

Фурӯшанда як рӯймолчаеро бароварда биниашро пок кард. Оливер дидан тавонист, ки дар чашмҳояш ашк буданд.

Акнун ӯ меравад ва банди тиллоиро меорад.

Лекин фурӯшанда дигар чизро кард. Вай лӯфтакро боз бароварда ба ҷевон гузошт. Баъд ӯ як лӯфтакро баровард, ки калонтар ва зеботар аз якумаш дида буд.

Оливер аз хурсандӣ гиря кардан метавонист, аммо ӯ фикр кард, ки ин мумкин намеарзад. Барои ҳамин ӯ гиря накард. Ба ҷои ин ӯ болои пешдӯкон хам шуд ва гуфт, ки ӯ барои Комила хеле зиқ буд. Ӯ барои ҳамин боз ин хел зиқ буд, барои он ки Комила на падару на модар дошт.

«Оҳ, вай духтари бечора, фурӯшанда боз якбор гуфт, - кӯдаки бечора. Баъд ӯ аниқ ҳам хеле камбағал аст?»

Оливер бо розигӣ сарашро сахт ҷунбонд. Ба ӯ ин хел метофт, ки ӯ камтар дурӯғ мегуфт, агар ӯ сарашро меҷунбонд ва на ҳа мегуфт. Ғайр аз ин мумкин ӯ дар ҳақиқат камбағал буд, ва Оливер инро фақат намедонист.

«Вай сахт гиря мекунад! - давом дод Оливер. – Вай тамоми рӯз гиря мекунад!»

Чашмонаш хеле ғамгин ва кабуд буданд.

Зан ин хел хомӯш шуд, ки Оливер фикр кард, ки ӯ хатое кард. Акнун кони ӯ буд-ку, то ки «Оҳ, вай бечора» гӯяд. Акнун ӯ бояд банди тиллоиро биёрад.

Вале ӯ ҳамту истод ва фикр мекард.

Мумкин ӯ пушаймон шуд, ки лӯфтакҳоро иваз карда буд!

Мумкин ... мумкин ҳозир ӯ боз фикрашро дигар мекунад!

Ҳа! Ана ҳамин хел буд! Наход! Акнун ӯ лӯфтаки зеборо, ки барои Комила буд, бурд. Ҳозир ӯ бо як лӯфтаке бармегардад, як лӯфтаке, ки ба ӯ маъқул набуд.

Оливер чизеро гуфтан хост. Аммо ӯ ягон калимаро баровардан натавонист. Ӯ шах ва ором истод ва интизор шуд, ки чӣ мешавад.

Аммо фурӯшанда ҳозир чӣ мекард? Вай бо як қуттӣ баргашт! Оливер даруни қуттиро дидан натавонист. Болояш даҳонак буд. Фурӯшанда қуттиро болои пешдӯкон монд ва даҳонакашро кушод.

«Бин», гуфт ӯ ба Оливер.

Даруни қуттӣ зеботарин лӯфтак буд, ки Оливер дида буд. Ӯ тамоман надонист, ки ин хел лӯфтакҳо мавҷуд буданд.

Фурӯшанда гуфт, ки лӯфтак барои духтаракҳои бечораи беволидайн буд, ва он аниқ 93 дирам пул меистод.

Оливер баъдтар ба ёд овардан натавонист, ки оё ӯ раҳмат гуфта буд. Ӯ фақат донист, ки ӯ қуттиро бо эҳтиёт баровард, гӯё ки дар он як нинии ҳақиқи хоб буд.

Фурӯшанда дар чашмони Оливер нурро дид? Вай дид, ки чӣ хел ӯ хурсанд буд?

Ҳа, аниқ ӯ инро дид, зеро ӯ тамоми рӯзи мондагӣ хандид ва суруд хонд. Ҳеҷ кас нури ӯро шикастан натавонистанд, ҳатто харандаҳои ӯ не! Ҳам вақте ки харандаҳои ӯ дар бораи чизҳои безеб гап заданд, ӯ як ханда дар лаб дошт. Ҳама дар бораи ҷиноят дар хонаи Франсен гап заданд. Ҳар як харанда дар бораи дузди хатарноке, ки озод, ва номаш Себастиан Кок буд, нақл мекард. Онҳо гуфтанд, ки ӯ бояд мағозаашро хуб нигоҳ кунад. Агар вай эҳтиёт намекард, як шабе дузд меояд ва ҳамаи лӯфтакҳояшро медуздад. Ӯ як кӯдакеро бо худ дошт, ки ҳама ҷо даромадан метавонист.

Аммо фурӯшанда фақат табассум кард. Вай дар бораи дузд ва кӯдакаш фикр кардан нахост. Ин хел одамҳо ба ӯ фарқ буданд. Вай барои як духтараке, бо номи Комила чизи хубро кард. Барои ин ӯ хурсанд буд. Лекин ӯ ба худ гуфт, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ба кӯдаки дузд ёрӣ нахоҳад расонд.

Ман ба ту фаҳмондан наметавонам, ки чӣ хел хурсанд Комила буд, дар вақте ки ӯ лӯфтакро гирифт. Аммо вай хурсанд ва ғамгин якҷоя буд. Вай бо лӯфтакаш рақс кард ва аз хурсандӣ хандид. Дар ҳамон вақт ӯ низ зиқ буд барои Себастиан. Ин ҳиссиёт гум нашуд, ҳам агар ӯ мерақсид ва механдид. Он тамоми вақт ин ҷо буд.

Комила гуфт, ки номи лӯфтак Оливиа буд, барои хотири Оливер. Вай ҳеҷ вақт фаромӯш нахоҳад кард, ки чӣ ӯ барои вай кард.

Лекин Комила донист, ки вай бисёртар аз як лӯфтак дида гирифта буд. Зеро дар ин рӯз вай тамоман дигархел дугонаи Оливер шуд. Бо ин ман гуфтанӣ нестам, ки онҳо пештар дӯст набуданд. Комила ӯро аз ҳамон рӯзе, ки ӯ хунук хӯрда дар Шмалстрассе меистод, дӯст медошт. Аммо ҳозир ӯ наздиктар ва мисли бародар буд. Бо ин тарз Комила на танҳо лӯфтак, балки низ як бародари навро гирифт. Ду чизҳои зебо!

Комила нафаҳмид, чӣ хел Оливер ин хел лӯфтаки зеборо харидан тавонист. Ӯ камбағал буд-ку. Ӯ бояд бисёр дар пеши Қасдгир кор карда буд.

«Ту ҳоло ҳам барои Қасдгир кор мекунӣ?» яке ӯ пурсид.

«Не, зеро ӯ ҷинояткор аст», гуфт Оливер.

«Ӯ парикеро истифода мебарад, то он ки одамҳои дигарро фиреб диҳад, - гуфт Комила. – Бин, вай чӣ гум кард!»

Комила парики хокистаррангро баровард ва ба Оливер нишон дод.

«Ин ҳамин чиз буд, ки ту ба ман нақл накарданӣ будӣ?» пурсид Оливер.

«Ҳа, лекин  акнун ман нақл кардам. Ва ҳозир ту бояд нақл кунӣ, ки ҷаноб ва хонум Франсен чӣ хел сирҳо доранд!»

«Вайҳо ... вай дар бораи ... ҷиноят гап мезананд», гуфт Оливер ва ба дигар ҷо нигоҳ кард.

Ҳардуяшон хомӯш шуданд. Баъд Комила пурсид: «Ту ҳам бовар мекунӣ, ки Себастиан ин корро кард?»

Вай бисёр паст гап зад.

«Не», гуфт Оливер.

«Ман инро ҳам бовар намекунам, лекин Розита гуфт, ки ӯ буд».

«Вай дурӯғ гуфт. Вай худаш ҳам дар ин кор ҳамроҳ буд, барои ҳамин ӯ дурӯғ гуфт».

«Акнун ту шӯхӣ мекунӣ, - гуфт Комила, - Ба Розита дуздидан даркор нест. Вай бисёр бой аст-ку!»

«Вай ба ҳар ҳол дина дуздид, зеро он вақт ӯ ба Қасдгир ёрӣ расонд. Вай халтаро дошт, вақте ки Қасдгир ...»

Оливер дар гапашро бурид. Ӯ дид, ки Комила ӯро бо чашмҳои калон нигоҳ мекард. Оливер ба ёд овардан натавонист, ки ягонбор ин хел чашмони калонро дида буд.

«Қасдгир чӣ кард?» пурсид вай нафас накашида.

Оливер хап кард.

«Вай чӣ кард?»

Оливер қурт кард ва худро тоб дод, аммо ҳеҷ чиз нагуфт.

«Ман медонам, - гуфт Комила. – Ӯ он касе буд, ки аз ҷевони Франсен пул дуздид, дуруст? Ӯ буд? Себастиан набуд, Қасдгир буд! Гӯй, ки Қасдгир буд!»

Акнун Оливер ҳис кард, ки ӯ сирро дигар дарозтар дар худ нигоҳ доштан натавонист. Ӯ ҳамту аз мобайни дандонҳояш баромад.

«Қасдгир буд!»

Ҳозир ӯ инро гуфт, аммо акнун ӯ яке тарсид. Агар милисаҳо аз пушти ин кор мерафтанд, дере нагузашта дар пеши Иннсметтен 3 меистоданд. Баъд онҳо падари ӯро мегирифтанд.

«Инро ба ҳеҷ кас нагӯй, - илтимос кард ӯ. – Агар ту ба касе гӯӣ, баъд ...»

Фикрҳо дар каллаи Оливер мепариданд. Ӯ чӣ бояд мегуфт, то он ки Комила хап мекард? Ӯ бояд ягон чизи гандаро фикр кунад! Тез!

«Баъд ӯ маро мекушад!» фарёд зад Оливер.

Ӯ ҳақиқатан тарсон метофт. Гумон кардан мешуд, ки Қасдгир ҳанӯз омада буд, то ӯро бо худ гирад. Ин хел сафед ӯ буд.

Комила ба он гапе, ки Қасдгир он рӯзе, ки парикашро гум карда буд, гуфт: «Ту медонӣ, ки ман бо одамони хурд, ки гап мезананд, чӣ кардан метавонам ...»

«Ман ба ҳеҷ кас нақл намекунам», ваъда дод Комила.

«Ваъда?»

«Ваъда», гуфт Комила бо овози муҳим.

Баъд Оливер ҳам дигарашро нақл кард. Ӯ лекин дар бораи падараш ҳеҷ чиз нагуфт. Не! Ӯ танҳо гуфт, ки Қасдгир буд, ки Розитаро дастгир намуд, ва Қасдгир Себастианро дошт ва бо санкааш бурд.

«Себастиан аниқ хоҳад баргашт», гуфт Оливер, то ки Комиларо дилбардорӣ кунад.

«Ту инро аз куҷо медонӣ?» пурсид Комила, бо вуҷуди ин ки ӯ ҳам медонист. Як рӯз Себастиан бармегардад. Инро ӯ бояд мекард! Ва баъд ҳама хоҳанд фаҳмид, ки Себастиан дузд нест.

«Ҳа, зеро ... зеро фариштагон, - ҷавоб дод Оливер, - агар дар ҳама ҷо фариштагон мавҷуд бошанд, баъзеашон дар назди Себастиан ҳастанд».

Ин калимаҳои зебо ҳоло ҳам дар ҳаво буданд, ким-кай баъде ки Оливер рафт. Оҳ, чӣ хел ин калимаҳо нур пошиданд ва ялтрас заданд! ФАРИШТАГОН ...

Себсатиан якбор ҳамин чизро гуфта буд. Дар якум бегоҳ дар Мобайнӣ ӯ дар бораи Худо гап зада буд. Ӯ он вақт овози ором ва пурқувват дошт.

«Агар ту кӯдаки Худо бошӣ, ҳеҷ вақт бояд натарсӣ, - ӯ гуфта буд. – Ту дар ягон ҷо танҳо нестӣ. Худо ҳама вақт бо туст ва ба ту ёрӣ мерасонад. Дар хотир ёд дор, паррандаи хурдакак!»

«Ман дар хотир нигоҳ медорам», баланд гуфт Комила.

Вай бовар дошт, ки инро ба Оливиа мегуфт.

Лекин мумкин ӯ инро ба Худо гуфт.

## *ЗАН БО ЛИБОСИ СИЁҲ*

Дар шаҳр як баре бо номи «Сатили Сиёҳ» мавҷуд буд. Ном хеле хуб мувофиқӣ мекард, зеро даруни бар ҳеҷ вақт ҳақиқатан равшан намешуд. Тамоми рӯз пардаҳои дароз дар пеши тирезаҳо овезон буданд, то ки ҳеҷ кас ба он ҷо нигоҳ кардан натвонад. Фақат якчанд шамъҳо дар болои мизҳо нур медоданд. Мумкин меҳмонҳо инро ин хел мехостанд? Онҳо ҳангоми пиво нӯшидан дар соя нишастан мехостанд? Онҳо бо касе вохӯрдан мехостанд, ки бояд нашинохта истад? Ё онҳо худашон рӯйро пинҳон кардан мехостанд?

Ҳа, мумкин. Ба ҳар ҳол дар кунҷи ториктарини бар як зан мешишт. Вай рӯяшро бо як шарфи калони сиёҳ пӯшонда буд. Чӣ қадаре дидан мешуд, ду чашмон аз мобайни шарф ялтрас мезаданд. Зан бо пушт дар девол мешишт ва рӯйяш ба дар нишон медод. Ин хел менамуд, ки гӯё вай касеро интизор буд. Вай якто-якто тамоку кашидан гирифт ва вақт гузашт. Аммо акнун ин хел менамуд, ки китфҳояш каме ларзиданд. Вай дар вақти даромадани марде аз ҷояш хест. Мард ҷомаи хокистарранг, кӯлоҳи ҷигарӣ ва дастпӯшакҳои сиёҳи чармиро пӯшида буд. Мард на кӯлоҳро ва на дастпӯшакҳояшро кашид. Ӯ аз ҳуҷра гузашта рост ба пеши зани сиёҳпӯшида, ки дар назди девол мешишт, рафт. Барои лаҳзаи хурд онҳо сарашонро хам карданд.

«Акнун ту инро кардан метавонӣ», миш-миш кард мард.

«Марелиус дар куҷост?» пурсид зан.

«Пшт, номашро нагӯ! Ӯ дар истгоҳи қатораҳо аст ва боқимондаи тамокуҳоро мекобад».

«Ман чӣ кунам, агар ӯ меояд ва маро мебинад?»

«Ӯ намебиёяд. Ман нигоҳ мекунам, ки вай намебиёяд. Фақат тез кун!»

Зан аз ҷояш бархост.

«Ту пакетро дорӣ?»

«Ҳа», миш-миш кард зан.

«Дигар чизҳоро ҳам дорӣ?»

Зан ҷавоб надод, балки фақат бо як дасташ ба кисаҳояш зад.

«Хуб», гуфт мард. Бисёртар бо ҳамдигар гап назаданд. Вайҳо якҷоя ба барфӣ баромаданд ва дарро аз пушташон маҳкам карданд. Берун дар пеши хона онҳо ҷудо шуданд ва ба тарафҳои гунонун рафтанд. Мард ба сӯи истгоҳи қатораҳо рафт, ва зан ба як кӯчаи борик ғӯтид, ки дар Пфлауменстрассе тамом мешуд. Вақте ки ӯ дар кӯча мерафт, аз кисааш

айнакеро баровард ва болои бинияш гузошт. Баъд ӯ тез пиртар метофт. Пушташ хам шуд ва тамоми баданаш кӯҳансол шуд. Баъд ӯ гиребони палтояшро бардошт, шарфро каме ба пеш кашид ва кӯшиш кард, ки тезтар ба Пфлауменстрассе расад. Вай каме тезтар гашт, чунонки занони пир дар асл мегаштанд. Баъди панҷ дақиқа вай аллакай дур дар Шмалстрассе буд. Шмалстрассе як кӯчаи танге буд, ки шохаи Пфлауменстрассе буд ва дар роҳи кӯҳӣ тамом мешуд.

Зан дар пеши як хонаи хурди каҷу килеб, ки дар пояи кӯҳ буд, манъ кард. Ту тасаввур кардан наметавонӣ, ки чӣ қадар хона беафт шудан метавонад. Вай ба як рӯи ганда, ки чизҳои гандаро фикр мекард монанд буд. Вале зан дар умраш бисёр рӯйҳои гандаро дида буд, ки вай ба ин одат карда буд. Ҷасурона ӯ ба хона даромад ва ба зинапояи танг, ки ба болои бом мебурд баромад. Он ҷо ин хел торик буд, ки вай айнакро кашидан маҷбур шуд. Зеро вай бе айнак беҳтар медид. Вай ҳам шарфро аз рӯяш гирифт ва маҷбур шуд, як гӯгирдро даргиронад, то он ки он чизеро, ки мекофт, ёбад. Агар дар ин лаҳза касе дар он ҷо мебуд, ӯ дар нури гӯгирд ӯро дидан метавонист. Вай бинии тез, лабҳои борик ва қошҳои торики кӯтоҳ дошт. Ин хел намуди ӯ буд. Зан бо либоси сиёҳ рӯи Розита Тсиммер дошт! Ин рост будан метавонист? Ин ҳақиқатан Розита Тсиммер будан метавонист, ки бо либоси сиёҳи арзони ҷугиӣ мегашт? Розита зани миллионер-ку! Ҷевонаш пур аз либосҳои абрешимӣ ва мӯинаҳо буд! Инро ба ҳар ҳол ба хонум Франсен гуфта буд. Вай гуфта буд, ки ӯ соҳиби як қасри калони зебо дар Италия буд, ва ба дӯстони ӯ подшоҳ ва маликаҳои тамоми дунё дохил мешаванд.

Ҳа, инро гуфта буд, лекин ин ҳамааш як дурӯғ буд. Розита дар Италия тамоман ҳеҷ чиз надошт. Вай ҳам тамоман мӯинаҳо ва либосҳои абрешимӣ надошт, ба ғайр аз онҳое, ки ӯ аз одамони дигар дуздида буд. Ҳам номаш номи ҳақиқӣ набуд, зеро ӯ тамоман Розита Тсиммер ном надошт. Қасдгир ӯро Тикка меномид, лекин ин ҳам номи ҳақиқияш набуд. Номи ҳақиқияш ҳей кас намедонист. Ба ҳар ҳол ман ӯро намедонам. Барои ҳамин ман ӯро Розита гуфтан мегирам. Хайр, Розита бо либосҳои сиёҳи арзони ҷугиӣ мегашт. Вай буд, ки дар боми хонаи безебе як гӯгирдро даргиронд.

## *ШАМЪДОН*

Розита дар Шмалстрассе чӣ мекард? Барои чӣ вай дар пеши дари Марелиус Кок меистод? Вай ӯро тамоман намешинохт-ку! Вай хуб медонист, ки ӯ падари Себастиан буд ва аз машруботнӯшӣ девона мешуд. Лекин онҳо ҳамдигарро меҳмонӣ намекарданд. Танҳо як бор Розита пеши Марелиус омада буд. Ин буд, дар вақте ки Қасдгир ва вай дар «Сатили Сиёҳ» пиво дода буданд. Марелиус чанде ки хост гирифтан метавонист. Онҳо ба ӯ якто ва боз якто истакан пиво резонданд, барои он ки онҳо ӯро маст кардан мехостанд. Ва Марелиус маст шуд. Ӯ ин хел пур буд, ки дигар худаш гаштан наметавонист. Онҳо ӯро бояд ба хона пешвоз кунанд. Ин ҳам ин коре буд, ки онҳо мақсад доштанд. Бо ин тарз онҳо калиди хонаро гирифтан тавонистанд.

Ана ҳамин як бор Қасдгир номумкин меҳрубон буд. Ӯ куртка ва шимҳои Марелиусро кашид ва ӯро ба кат хобонд, ҳангоме ки ӯ тамоми вақт меҳрубон гап зад.

Вақте ки Қасдгир ин хел меҳрубон буд, ӯ калидро аз курткаи Марелиус гирифт. Ӯ ин хел беақл намуд, ки онро дуздад. Ӯ онро фақат барои як лаҳза гирифт ва онро ба як собуне пахш кард. Баъдтар ӯ аз ин шакли собун як калидро сохт. Ва он садфоиз ба қуфл медаромад.

Розита бо он дар ба хонаи Марелиус ҳамту кушодан тавонист. Вай дар хонааш гаштан ва нопадид гаштан метавонист, бе аз он ки касе гумон кунад, ки касе дар хона буд. Аниқ инро ӯ кард, вақте ки Марелиус дар истгоҳи қаторaҳо буд ва боқимондаи тасмокуҳоро меҷуст. Вай дар ба хонааш кушод. Вай якчанд чизҳоро, ки дар кисааш дошт дар он ҷо монд. Он чизҳо як дастмонаки хонум Франсен, як қуттичаи Франсен, ки ӯ аз они духтараш гирифта буд, ва як шашшохаи нуқрагин, ки дар пояаш як Ф дошт, буданд. Розита ҳамаи ин чизҳоро ба як ҷевон пинҳон кард, зеро Марелиус бояд онҳоро намеёфт. Марелиус бояд дигар чизро меёфт. Ӯ як пакети хокистарранги басташуда дар пеши дар бояд меёфт. Ин хел Қасдгир қарор карда буд.

Ту ҳанӯз фаҳмидӣ, ки Қасдгир буд, ки ин чизҳоро фикр кард, ки бояд Розита мекард. Ӯ мегашт ва дасти дастпӯшакдорашро мебардошт, қарор мекард ва фармон медод. Қасдгир фармон дода буд, ки дар болои пакети хокистарранги басташуда чизе навишта шавад. «Барои падар, аз писараш Себастиан» дар рӯяш бояд навишта шавад. Аммо Розита буд, ки инро бояд менавишт, ва ӯ бояд ҳам пакетро он ҷо монад.

Қасдгир ба Розита нақл кард, ки чӣ рӯй хоҳад дод. Ҳамон вақте ки Марелиус пакетро мебинад, ӯ онро мекушояд. Дарунаш ӯ як шамъдон кӯҳнаи хеле зеборо аз нуқра меёбад. Марелиус шамъдон дар хона лозим нест. Ӯ намешинад ва онро чун тӯҳфа аз Себастиан тасвир мекунад. Тамоман не! Ӯ шамъдонро бо худ ба «Сатили Сиёҳ» меорад ва онро он қадар тез кӣ метавонад ба машрубот иваз мекунад. Ҷаноб Паппилотти, соҳиби «Сатили Сиёҳ», шамъдонро дароз ва хуб аз назар хоҳад гузаронд. Баъд ӯ Марелиусро мепурсад, ки онро аз куҷо дорад. Ва Марелиус ҷавоб хоҳад дод, ки ӯ инро аз Себастиан гирифт. Баъд ҷаноб Паппилотти ба қафо меравад ва милисаҳоро фарёд мекунад. Ҳамааш баъд роҳи худ рафтан мегирад. Милисаҳо даррав хонаи Марелиусро кофтуков мекунанд. Онҳо як дастмонак, як қуттичаи қиматбаҳо ва як шашшохаи нуқрагин хоҳанд ёфт, ки ҳамааш аз ҷевони пулдори Франсен дуздида шуда буд. Ҳама баъд бовар хоҳанд кард, ки Себастиан дузд буд.

Ҳамин хел, чӣ хеле ки Қасдгир гуфта буд, шуд. Марелиус ба «Сатили Сиёҳ» бо шамъдон дар даст даромад, ҷаноб Паппилотти ба қафо рафт, ва милисаҳо омаданд ва Марелиус бо шамъдонро пешвоз гирифтанд.

Қасдгир ва Розит дар бар шиштанд ва ҳамааш, ки мешуд, ҷосусӣ мекарданд. Тамоми бегоҳ онҳо он ҷо шиштанд, зеро Қасдгир хост, ки ид кунад ва пиво нӯшад.

«Акнун мо ӯро дорем, - гуфт ӯ ба Розита. Чашмонаш аз поёни кӯлоҳаш ялтрас мезаданд. – Ӯ тамом аст, Тикка. Гӯш карда истодаӣ? Себастиан ба охираш расид! Ба мо исботҳои дигар даркор нестанд!»

Чашмони Қасдгир боз сахттар ялтрас заданд, ва ӯ як хандаи пасти даҳшатноке баровард.

Розита шарфи худро сахттар баст, зеро ӯро ларза гирифт. Чашмони Қасдгир ӯро тарсонд. Онҳо ин хел пур аз нафрат буданд! Розита инро ҳам пештар дида буд, лекин вай он вақт парво намекард. Вай набуд-ку, ки ӯ ганда медид. Ӯ Себастиан Кокро ганда медид. Қасдгир ҳеҷ вақт фаромӯш кардан наметавонист, ки ӯ бо айби Себастиан дар ҳабсхона шишта буд. Ӯ ҳам фаромӯш кардан нахост. Ӯ қасд мехост, ва инро ӯ ҳам гирифт. Барои ҳамин ӯ ба Розита пиво бепул резонд. Онҳо хостанд нӯшанд ва ид кунанд ва Қасдгири калонро таъриф диҳанд. Лекин Розита хурсанд набуд. Вай нафаҳмид, ки ба ӯ чӣ дар имшаб дар бар намерасид. Мумкин ӯ бисёри бад Себастианро фикр кард. Мумкин дилаш месӯхт, бе аз он ки инро аниқ мефаҳмид. Ӯ дар як таххона баста танҳо мешишт, ҳангоме ки вай бо Қасдгир ид мекарданд. Ғайр аз ин вай барои ид кардан хуш надошт. Ҳақиқатан чизеро қайд кардан мешуд? Қасдгириро? Оҳ, чӣ хел вай хунук мехӯрд! Вай бояд касал бошад!

Қасдгир боз зиёдтар пиво овард, аммо ӯ инро нафаҳмид. Вай ба чизе фикр кард, ки Себастиан дар таҳхона гуфта буд. Ӯ гуфта буд, ки Қасдгир ҳеҷ вақт дигар бар ӯ ҳукмронӣ кардан наметавонад. Ҳозир ӯ ҳукмрони нав дорад, ва ин Исои Масеҳ буд ...

«Нӯш, духтар!» гуфт Қасдгир.

Ба ӯ тамоман маъқул нашуд, ки Розита ин хел хомӯш мешишт ва фикр мекард.

Розита истакани пиворо бардошт ва рост аз болои миз Қасдгирро нигоҳ кард. Як ларза бар баданаш омад. Вай фаҳмид, ки вай ҳеҷ вақт ин хел рӯи гандаро надида буд.

## *РОЗҲО*

Ҷаноб Франсен ва хонум Франсен аҷоиб рафтор мекарданд. Яке онҳо ҳамаҳо рӯзномаҳоро ҷамъ карда пинҳон мекарданд! Пештар ҷаноб Франсен одат дошт, ки баъд аз хондани рӯзнома онро болои миз гузаронад. Аммо инро ӯ дигар намекард. Ӯ онро ба дарони кисааш меандохт, гӯё ки метарсид, ки касе онро мегирад. Ҳа, ӯ тарс дошт. Ӯ метарсид, ки Комила онро мехонад. Ҷаноб ва хонум Франсен фикр доштанд, ки ҳамаи ин чизҳои даҳшатнок, ки дар рӯзнома навишта шуда буд, барои Комила хуб набуд. Вай бояд надонад-ку, ки Себастиан аз милисаҳо кофта мешуд ва ӯ бояд ба зиндон равад. Ин ӯро хеле зиқ мекунад. Мумкин вай зиқ мешавад ва гиря мекунад, ва баъд онҳо чӣ кунанд? Онҳо надонистанд, ки чӣ тавр духтарони хурд, ки гиря мекарданд, тасаллӣ диҳанд ...

Ҷаноб ва хонум Франсен ҳеҷ вақт дар бораи ҷиноят гап намезаданд, ҳангоме ки Комила дар наздикӣ буд. Онҳо ин хел рафтор мекарданд, ки гӯё ҳеҷ гоҳ як ҷиноят нашуда буд. Ин хел тофт, ки гӯё дуруст буд, ки Себастиан гум шуд. Онҳо гуфтанд, ки ӯ фақат нест ва ба сафар рафтааст. Ӯ якҷоя бо Розита Тсиммер дар Италия, то ба ӯ бо ҷомадонҳояш ёрӣ расонад. Ин аз Себастиан меҳрубон буд-ку, ё не? Розита ин хел бисёр ҷомадонҳо дошт, ки ин воҳиманок буд. Нуздаҳ ҷомадон ӯ бо худ ба Италия гирифт. Якбор инро тасаввур кун! Нуздаҳ ҷомадон! Ин ҳамаашро танҳо бардоштан наметавонист-ку, ё не? Ин тавр ҷаноб ва хонум Франсен гап мезаданд. Онҳо Комиларо бо чашмони меҳрубон нигоҳ мекарданд ва дурӯғҳои хурди соддадил мегуфтанд, то ки Комила натарсад.

Ҷаноб ва хонум Франсен гумон ҳам надоштанд, ки Комила дар тамоми рӯз чӣ мекард. Вай рӯзнома мехонд! Вай худро дар бом пинҳон карда калимаҳои воҳиманоктарин ва хатарноктарин мехонд, ки оиди ҷиноят дар хонаи Франсен хондан мешуд.

Ту мумкин дар хотир дорӣ, ки Комила аз Франсен пул гирифта буд. Аз ин пул ӯ рӯзномаҳо мехарид. Комила ҳатто ба мағоза бояд намерафт. Оливер барои ӯ харид мекард. Оливер чизе, ки Комила аз ӯ илтимос мекард, кард. Ӯ мисли як ғулом рафтор мекард, танҳо то он ки Комила бинад, ки ӯ чӣ хел нағз будан метавонад. Баъд Комила ҳам бо ӯ бояд нағз бошад. Агар ӯ барои Комила чизе мекард, ӯ аниқ ба пеши милисаҳо намеравад ва розҳоро гап мезанад. Ин намешуд-ку!

Ҳа, ин хел ӯ кӯшиш мекард. Ҳар рӯз ӯ бо рӯзнома барои Комила меомад, ва ҳар рӯз ӯ Комиларо хотиррасон мекунад, ки ӯ ваъда дода буд, ки хап мекунад. Оливер гуфт, ки ин ваъдаи муҳим буд. Агар ӯ ваъдаро шиканад ва чизе дар бораи дастгир шудани Себастиан нақл кунад, чизи даҳшатноке рӯй хоҳад дод.

Ин ҳамин чиз буд, ки барои чӣ Комила хап мекард. Вай намехост, ки бо Оливер чизи даҳшатнок рӯй диҳад. Оливер бояд зиндагӣ мекард ва хушҳол бошад!

Зиндагӣ ӯ мекард, аммо хушҳол ӯ набуд. Ӯ аниқ фаромӯш кард, ки хандиданд чӣ буд. Баъзе вақт ӯ ин хел чашмони тарсон дошт, гӯё ки ӯ дар бораи чизи даҳшатноке фикр мекард. Лекин ӯ ба Комила нақл кардан намехост, ки ӯ аз чӣ метарсид. Чӣ хел ӯ ҳам инро метавонист? Чӣ хел ӯ ба чашмони Комила нигоҳ кардан ва гуфтан метавонист, ки ӯ метарсид, ки ҳақ оиди ҷиноят фаҳмида шавад?

Оливер қариб ҳамавақт шикамдард буд. Ӯ донист, ки Себастиан ҳама вақт нест будан наметавонист. Як рӯз ӯ ба ҳақи худ мерасад, ва баъд ...

Тасаввур кун, ки Себастиан гурехтан метавонад! Баъд ӯ чанде тез кӣ тавонад ба назди милисаҳо меравад ва нақл мекунад, ки чӣ рӯй дода буд. Ҳама хоҳанд фаҳмид, ки кӣ ӯро дастгир карда буд, ва кӣ дуздони ҳақиқиянд.

Баъд милисаҳо ба кӯчаи Иннсметтен 3 меоянд. Онҳо бо қадамҳои вазнин ба зинапоя мебароянд ва падарашро дастгир менамоянд. Оливер кликро ҳанӯз шунидан метавонист, ин клики тоқатнопазири дастқапакҳо, ки маҳкам карда мешаванд. Ӯ дар наздаш як ҷинояткори ғамгинро медид, ки бо даст дар пушт бурда мешуд. Ҷинояткор бо сари хам мерафт ва ҳамавақт, ҳамавақт рӯи падараш хоҳад дошт.

Вақте Оливер ин хел ба фикрҳояш роҳ медод, мефаҳмид, ки дилаш ба падараш месӯхт. Дар хаёлоташ ӯ задани милисаҳоро сар мекард. Ӯ мисли буққа боқувват буд, ин тарз, ки ҳамаи милисаҳо бояд мегурехтанд. Падараш ҳоло ҳам танҳо бо дастқапакҳо меистод. Оливер бо дастҳои худ дастқапакҳоро ба қисмҳои хурд мешикаст, ин хел боқувват ӯ буд.

Падараш дастҳояшро ба ӯ дароз карда ӯро ба худ кашида ба оғӯш гирифт.

«Оливер, писарам, ту маро наҷот додӣ, - гуфт ӯ ва гиря кард. Ашкҳо ба сари Оливер мерехтанд, зеро ин хел сахт ӯ гиря мекард. – Ман далерӣ ва ҷасурии туро ҳеҷ вақт фаромӯш нахоҳам кард!»

Баъд ӯ сари Оливерро сила мекард, чуноне ки ӯ инро ким-кай накарда буд, барои он ки ӯ ин хел бисёр кӯдакон дошт, ки аз сар сила карда шудан мехостанд ва ин хел кам вақт буд.

Баъд Оливер ҷурт кард ва табассум кард, зеро ин хел фикр кардан на фақат дард мекард. Ин ҳам каме нағз буд.

## *ЯК ПАЙ ДАР БАРФ*

Чӣ хел ту медонӣ, Оливер ҷосуси хуб буд. Ӯ далер буд, ва ғайр аз ин ӯ кунҷков буд. Барои ҳамин ӯ чизҳоро фаҳмид, ки ӯ бояд тамоман намедонист.

Дар он рӯзе, ки Себастиан дастгир карда шуд, Оливер аз пушти пайҳои ароба ва асп, куҷое ки ӯ бурда шуд, рафта буд. Пайҳои ароба ду хати ростро дар барф нигоҳ доштанд. Мобайни хатҳо асп дар вақти рафтан дидан мешуд.

Оливер донист, ки дар ароба се мардон шиштанд, ва яке аз онҳо дар даруни халта буд. Мард дар даруни халта Себастиан Кок буд. Марди дигар Қасдгир буд, ки дар асл Ёахим Дженсен ном дошт. Сеюми ... сеюми онҳо падари Оливер буд. Ин хел даҳшатнок! Падари худ ёрӣ дод, ки касеро баранд, ки Оливер ба ӯ ғамхорӣ мекард! Оливер хунук мехӯрд, агар фақат ба ин фикр мекард. Аҷоиб буд, ки ӯ ин хел ашкҳои гарм гиря кардан метавонист, ҳангоме ки дар дарунаш ин хел хунук буд, лекин ӯ тавонист. Ашкҳо аз чашмонаш мерехт дар вақте ки ӯ аз пушти пайҳои ароба мерафт. Ин хел буд, ки гӯё падарашро гум кард, гӯё ки ӯ барои ҳамавақт мерафт. Чизе мобайни онҳо шикаста шуд ва ҳеҷ вақт дигар соз нахоҳад шуд. Ҳеҷ вақт! Ҳеҷ вақт!

«Ту дигар падари ман нестӣ! – ӯ аз пушти ароба фарёд зад. – Ту ... дигар ... падари ман ... нестӣ!»

Оливер аз пушти ароба то ба як кӯчаи хурде, ки номаш Кӯчаи Тӯпфер буд, рафт. Баъд ароба ба як хонаи хурде бо дарвозаи сурх тоб хӯрд. Оливер аз паи онҳо рафт. Хеле эҳтиёткорона ӯ рафт, зеро донистан намешуд-ку, ки дар пушти кунҷ чӣ ёфтан мешуд.

Оливер на асп ва на аробаро ёфт. Ин ноумедӣ буд! Акнун ӯ пеши як деволи баланди чӯбин меистод. Он хеле мӯътадил метофт ва тамоман шавқовар набуд. Ҳоло не ...

Лекин ана бин! Ин чӣ буд? Оливер ба поён ба барф нигоҳ кард. Ҳа, албатта! Ароба дар пеши девол манъ карда буд! Аниқ дидан мешуд, ки он ҷо як асп истода буд ва бекор бо пойҳояш ба замин зада буд. Оливер ҳам пайҳои одамонро дид. Ду мардон рост ба пеши девол рафтанд. Ин хел метофт, ки гӯё онҳо як халтаро аз пушт кашола карданд, зеро мобайни пайҳо паи кашола гирии чизе буд. Оливер дид, ки танҳо як кас ба ароба баргашта буд. Марди дигар дар куҷо монд? Ӯ аз ягон дарвоза даромадан наметавонист-ку. Зеро ягон дарвоза набуд, ки аз он даромадан метавонистӣ. Чӯбҳои бемех ҳам мавҷуд набуданд. Оливер дар пеши девол гашта ҳар як чӯбро тафтиш намуд, лекин ҳамааш сахт мех зада буд.

Ҷосуси хурд дароз дар назди деволи чӯбин истод ва ҳайрон мешуд. Бояд ҳале мавҷуд бошад. Ҳеҷ кас болои деволҳои рост баромадан метавонист! Оливер сарашро хорид ва фикр кард, аммо ҳеҷ чиз ёрдам накард. Ӯ ҳал барои ин роз наёфт. Баъд ӯ қарор кард, ки дар назди деволи чӯбин ҷосусӣ кунад. Агар он мард бо ин роҳ даромада буд, ӯ бояд баъдтар ё тезтар боз аз он ҷо барояд. Дар ин вақт Оливер он ҷо будан ва дидан мехост, ки чӣ мешавад.

Аз ҳамон вақт ӯ кай ки метавонист дар наздикии девол буд. Бисёр вақт, вақте ки бегоҳ торик мешуд. Ӯ андешид, ки дуздон равшании рӯзонаро нағз намебинанд ва дар бегоҳ аз ҷои пинҳонияшон мебуроянд. Ва дар ҳақиқат ӯ рост гуфт, вай ҷосуси хурд!

Як бегоҳе чизи шавқоваре рӯй дод, ҳангоме ки ӯ дар поёни зинапояе мешишт ва ҷосусӣ мекард. Аввал ӯ овози аҷибе шунид. Як тарах-парахи номуайян. Ин хел шунидан мешуд, ки гӯё як дари кӯҳна кушода мешуд. Яке ӯ дид, ки деволи чӯбин тақсим шуда дар мобайни он як шикофӣ пайдо шуд. Аз ин шикофи ду одамон, як мард ва як зан баромаданд. Аз пушти онҳо девол боз маҳкам шуд ва чун ҳарвақте метофт. Васеъ ва баланд ӯ он ҷо меистод. Ӯ розҳои худро пинҳон мекард. Лекин ин Оливерро дигар фиреб хӯрондан наметавонист. Ӯ донист, ки ӯ чиро дид. Ягон рӯз ӯ ҳамон чизе, ки мард ва зан карда буд, низ хоҳад кард. Ӯ деволи чӯбинро кушодан метавонад! Бояд як кнопка ё паре мавҷуд бошад, ки аз болояш пахш кардан мешуд, ва швупс девол тақсим мешуд. Оливер шубҳа надошт, ки онро кушодан тавонад. Ӯ ҷосуси бетарс ва ихтироъкунандаи ҳаматарафа буд. Ин ҷо, дар поёни як зинапоя бачае хоб буд, ки роз оиди деволи чӯбинро ҳал кардан метавонист!

Дар шикамиОливер хириш мекард. Ӯ хуш дошт, ки роз оиди деволи чӯбин ҳозир кушояд, аммо дар ин лаҳза ӯ аз пушти мард ва зан ҷосусӣ кардан наметавонист. Ва инро ӯ бояд мекард. Ӯ бояд медонист, ки аз кадом сабаб онҳо мерафтанд ва ба куҷо мерафтанд. Оливер онҳоро мобайни зинаҳо дидан метавонист. Ӯ рӯйҳои онҳоро мушоҳида кардан наметавонист. Барои ин торики бад буд. Лекин ӯ дид, ки мард рише дошт, ва ӯ қариб аниқ гуфтан метавонист, ки зан айнак пӯшида буд. Мард ва зан бисёр наздик аз ҷои пинҳонии Оливер гузаштанд. Онҳо паст гап заданд.

«Мо ба ӯ ҳамаашро намедиҳем», гуфт мард.

Оливер гӯшҳои дароз гирифт, зеро ӯ овозро шинохт. Он касе ки гап мезад, Қасдгир буд.

«Албатта не», ҷавоб дод зан.

Баъд онҳо дигар гап назаданд. Онҳо дар назди ҳамдигар мерафтанд ва хомӯш буданд.

Оливер то даме ки қадамҳои онҳоро дигар намешунид, дар поёни зинапоя истод. Баъд ӯ аз ҷои пинҳонаш баромад ва аз пушти сояҳо дар пешаш рафт.

## *ДАР «САТИЛИ СИЁҲ»*

Ҳа, дуруст! Онҳо ба «Сатили Сиёҳ» рафтан хостанд! Инро ҳанӯз Оливер фаҳмидан метавонист. Мард ва зан, ҳардуяшон ба бар даромаданд. Оливер хост дарров аз пушташон равад. Лекин баъд нақшаашро иваз кард, зеро боз дигар кас дар кӯча омада истода буд. Оливер дид, ки вай мард буд. Ин хел мисли ... яке ӯ бо набошад ...? Ҳа, падараш буд! Ӯ ба бар даромад. Барои чӣ ӯ инро кард? Ӯ ягон бор ба «Сатили Сиёҳ» надаромада буд. Ӯ гуфта буд, ки ин ҷои хатарнок будааст. Зеро он ҷо ҷинояткорон мешинанд, ки нақшаҳо мекашанд, ва дуздон, ки музди дуздидагияшонро тақсим мекунанд. Он ҷо пиво ва вино равон мерезад, ва ҳақоратҳо мисли кӯршабпаракҳои сиёҳ дар ҳуҷра мепаранд. Оливер ҳеҷ гоҳ ба ин хел бари безеб надарояд, гуфта буд ӯ. Аммо акнун падари худаш ба он ҷо медаромад, ва ин тарз Оливер фикр кард, ки ӯ инро ҳам кардан метавонад.

Оливер ба бар надаромад. Ӯ дар долон истод ва аз қуфли дар ба дарун нигоҳ кард. Падараш дар пеши мизи хурд, якҷоя бо Қасдгир ва Розита Тсиммер шишта буд. Розита худро бо як айнак дигар кард ва Қасдгир ба худ як риши калони сурхеро баста буд, то ки ҳеҷ кас ӯро нашиносад. Вале Оливер бо вуҷуди ин ҳам ӯро шинохт. Ӯ донист, ки мард бо риши сурх дар поёни кӯлоҳаш мӯи сиёҳ ва аз поёни дастпӯшакаш тетовирунг дошт.

Оливер ба чиллики дастпӯшакпӯшондаи Қасдгир нигоҳ кард. Онҳо пул ҳисоб карданд! Қоғазҳои пулӣ ҳаминхел аз чилликҳояш мепариданд. Яке Оливер донист, ки пул аз куҷо буд. Ин пули дуздидагӣ аз хонаи Франсен буд! Падараш ба «Сатили Сиёҳ» омада буд, то ки пули дуздидагии худро гирад! Ана ҳамин хел ин будаст!

Акнун Қасдгир як қуттичаи кабудро аз кисаи ҷомааш баромад. Ӯ оҳиста ва идона онро кушод, гӯё ки дар он ҷо чизи қиматбаҳо буд. Қуттича аз дарун бо матои абрешимӣ буд, ва дар болои абрешим як ҳалқаи хеле зебо хоб буд. Қасдгир як лаҳза онро ба пеши равшанӣ монд. Риши ӯ меҷунбид, гӯё ки ӯ гап мезад. Инро ӯ аниқ мекард. Ӯ аниқ мешишт ва мегуфт, ки ин ҳалқаи ҳақиқӣ буд. Лекин Оливер инро беҳтар медонист! Қасдгир ба Розита, ҳангоми рафтан дар кӯча чӣ гуфта буд? «Ӯ он ҳалқаи дурӯғро гирифтан метавонад», гуфта буд Қасдгир. Ва Розита ҷавоб дода буд: «Мо ин хел рафтор мекунем, ки гӯё он ҳақиқӣ аст».

Ин ҳамон чизе буд, ки онҳо ҳозир дар бар карда истода буданд. Онҳо дар машғулияти фиреб додани падараш буданд! Ва Лудвиг Ҳансен худро фиреб

додан мемонд. Ӯ пул ва ҳалқаро тез ба кисааш андохт. Як табассум дар рӯяш дидан мешуд. Як табассуми калони розӣ.

Баъд онҳо тамом буданд. Ҳамаашон хестанд ва ба сӯи дар рафтанд. Дар ҳамин лаҳза чашм дар қуфли дар гум шуд. Яке бача дар долон дигар дидан намешуд. Аммо ӯ дар пеши хона хуб дар поёни зинапоя пинҳон шуда, буд ва нафас мекашид. Ҳамон вақте ки ӯ пойҳояшро ба поёни зинапоя кашида буд, дар дар даҳонаш овоз мебаровард. Ӯ қадамҳо аз зинапоя фаромадан мешунид. Ҳамон вақт ӯ ҳам овози падарашро мешунид.

«Вай чӣ хел?» пурсид овоз.

«Ӯ нағз аст. – Акнун Қасдгир буд, ки гап мезад. – Ӯ дар як таҳхонаи хурди зебо мешинад. Ӯ мисли малик хуб нигоҳ карда мешавад!»

«Ӯ охир ... хӯрок ... мегирад?»

«Оҳ ҳа, Тикка қариб ҳар рӯз ба ӯ хӯрок медиҳад. Вай аллакай тамоман ҳалок шудааст. Ӯ ҳоло тамоми хонаро холӣ мехӯрад! Лекин ба қарибӣ мо ӯро ба истироҳат мефурсонем. Мо аз ин ҳам зиёд исботҳо дорем. Баъди якчанд рӯз ...»

Оливер давомашро нафаҳмид. Ин тарз ӯ нафаҳмид, ки баъд аз чанд рӯз чӣ мешавад. Лекин ӯ бо вуҷуди ин ҳам розӣ буд. Ба ӯ бисёр дигар чиз маълум гардид. Ба ҳар ҳол ӯ донист, ки Себастиан ҳоло зинда буд. Ҳа, ӯ аниқ медонист, ки онҳо дар бораи Себастиан гап мезаданд, ҳам агар онҳо фақат аз «ӯ» гап мезаданд. Боз кӣ дар таҳхонаи хурди зебо шиштан метавонист?

Оливер аллакай фикр карда буд, ки таҳхонаи зиндонӣ дар хонаи аҷоиб бо деволи чӯбин хобидан метавонист. Он ҷо онҳо ҳам халтаро оварда буданд-ку!

Оливер андешид, ки агар ӯ деволи чӯбинро кушодан метавонист, ба ӯ ба хона рафтан ва ба тирезаи таҳхона нигоҳ кардан осон меғалтид. Мумкин ӯ Себастиан ва пули дуздидагиро меёфт? Аммо ӯ бояд тез меҷунбид. Ӯ дигар бисёр вақт надошт-ку. Чӣ буд, ки бо Себастиан бояд мешуд? Онҳо ӯро ба дигар ҷо бурдан мехостанд?

Оливер андешид, ки агар онҳо Себастианро ба дигар ҷо бурдан мехостанд, онҳо инро аз деволи чӯбин мекарданд. Онҳо ҳеҷ вақт инро аз дарвозае, ки рост ба Кӯчаи Тӯпфер мебурд, намекарданд. Он ҷо доим одамон мегузаштанд. Касе, чизе ки онҳо мекарданд,  дидан метавонист ва ба ӯ ин тамоман маъқул нахоҳад шуд. Ҳа! Онҳо гумон надоштанд-ку, ки онҳо ҳанӯз ёфта шуданд! Агар Қасдгир шикоф дар девол пайдо мекард ва ҳабскардаи худро аз он ҷо мегузаронд як ҷосуси хурд дар мобайни буттаҳо хоб хоҳад буд. Як ҷосуси хурди зираке дар он ҷо хоб хоҳад буд ва ҳамаашро мушоҳида хоҳад кард, ки чӣ рӯ медиҳад. Ва номи ин ҷосус Оливер Ҳансен буд!

Лекин чӣ хеле ки Оливер фикр мекард, рӯ нагашт! Тамоман, тамоман дигар хел шуд. Аввал ӯ деволи чӯбинро кушодан натавонист. Фикр накун, ки ба ӯ идея ва тафтишот намерасид. Ҷосуси хурд бо ин то сараш тоб мехӯрд, машғул буд. Лекин деволи чӯбин як миллиметр ҷунбидан нахост. Оливер аз тарафи беруна ҷосусӣ кард. Ӯ деволи чӯбинро соатҳо нигоҳ кард, лекин ту бевор мекунӣ, ки чизе шуд? Не, ҳеҷ чиз нашуд.

Вақте ки деволи чӯбин ҷунбиданро сар кард, ҷосусе дигар набуд, ки дар мобайни буттаҳо хоб буд. Оливер он ҷо набуд. Ӯ ба зодрӯзи Комила рафт.

## *ЗОДРӮЗ*

Бистуми январ Комила нӯҳсола шуд. Хонум Франсен идеро ташкил кард. Вай гуфт, ки вай торти беҳтарин пухтан хост. Бояд як ид мешуд, ки Комила ҳеҷ вақт фаромӯш намекард. Ҳақиқатан ин хел буд, ки Комила зодрӯзи нӯҳумашро ҳеҷ вақт фаромӯш накард. Лекин ин ба торт таалуқ надошт.

Комила ҳама кӯдакони Ҳансенро даъват кард. Вай гумон дошт, ки ин аз ӯ меҳрубон буд. Аммо мумкин вай дидан хуш надошт, ки онҳо чӣ қадар торт кӣ метавонанд мехӯранд.

Хайр ин хел буд, ки ҳамаашон наомаданд. Калонӣ кор ёфта буд. Вай ин тавр дар хона набуд. Ду кӯдакони хурдтарин рафтан натавонистанд, зеро хонум Ҳансен фикр кард, ки онҳо хурди бад ҳастанд, то худро хуб интизом кунанд. Лекин дигарон омаданд. Онҳо Инге, ки навакак сенздаҳсола шуда буд, Оливер, ки тақрибан ёздаҳсола буд, Лизаи нӯздаҳсола, Петери ҳаштсола ва Пиа-Пиа, ки шаш сола буд, буданд. Ҳама бо худ тӯҳфа гирифтанд, бо вуҷуди ин ҳам ки Комила гуфта буд, ки онҳо бояд ҳеҷ чиз набиёранд. Вай хост чизи меҳрубон кунад-ку, на меҳмонҳои ӯ!

Инге бо худ ҷӯробҳои сурх барои лӯфак овард. Вай худаш онҳоро бофта буд, ва онҳо садфоиз ба Оливия чен буданд. Оливер ба Комила як қутичаи гӯгирд тӯҳфа кард, ки дар як ҳашароти мурда буд. Ӯ гуфт, ки номаш Карабус Неморалис буд, ва ӯ мумкин ягон вақт қиматбаҳо мешавад, агар ин намуд дар ҷаҳон нест шавад.

Лиза ба ӯ як картаи иди милодии истифодабурда, ки дар рӯяш паррандаҳо буданд, Петер ба ӯ як дандони ширӣ, ки мумкин ягон рӯз ба даҳдирама табдил меёбад, агар онро ба як истакан об мегузаронад, тӯҳфа карданд. Пиа-Пиа ба ӯ чор мавиз тӯҳфа кард, ки ӯ аз пухтупазии иди милодӣ дуздида буд. Вале тӯҳфаи зеботарин Комила аз ҷаноб ва хонум Франсен гирифт.

Хонум Франсен гуфта буд, ки Комила дар зодрӯзаш чизи ҳайратоваре мегирад. Ва инро ӯ даре ҳақиқат гирифт. Комила ягон бор ин хел қуттии калон надида набуд, чунонеки он қуттӣ, ки дар меҳмонхона истода буд, ҳангоме ки ӯ саҳарӣ аз зинапоя мефуромад. «Барои Комила аз Элизе, Фридолф ва Софи», дар рӯяш навишта шуда буд. Ва дар ҳамаи тарафҳо навиштагӣ буд: «Зодрӯз муборак!»

Комила аз қуттӣ овозҳоро шунидан гумон мекард, гӯё ки дар дарунаш чизи зинда буд. Даҳони қуттӣ кушода мешуд, пеш аз он ки Комила онро расидан тавонад. Чизи калони сабз аз қуттӣ парид. Ӯ... Софи буд! Вай куртаи идонаи

сабз пӯшида буд, ки онро қариб намепӯшид. Лекин ҳозир ӯ онро пӯшида буд, то ки Комила боз зиёдтар хурсанд шавад.

Оё апаи хоҳар ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд?

Оҳ ҳа! Оё онҳо аз хурсандӣ хандиданд?

Ҳа, албатта онҳо инро карданд!

Ҷаноб ва хонум Франсен дар наздашон истоданд ва ҳам хандиданд. Онҳо гуфтанд, ки Софи тамоми рӯз дар Мобайнӣ меистад. Ин тӯҳфаи зодрӯзӣ барои Комила буд.

Комила хост, аз ҳамон вақте, ки бо Софи танҳо буд дар бораи Себастиан нақл кунад. Софи бояд медонист, ки ӯ бегуноҳ буд. Вай фикр бояд намекард, ки ӯ дузд буд. Дигарон бовар кардан метавонистанд, агар мехостанд. Лекин Софи не!

Аммо онҳо ҳеҷ вақт танҳо набуданд.

Софи бояд ба хонум Франсен дар молидани нонҳо ва ороиш додани тортҳо ёрӣ медод. Хонум Франсен гуфт, ки онҳо бисёр хӯрокворӣ бояд медоштанд, азбаски кӯдакони Ҳансен аз кӯдакони муқаррарӣ бисёртар мехӯрданд. Акнун Комила пушаймон шуд, ки кӯдакони Ҳансенро даъват намуд. Вай бисёртар бо Софи якҷоя будан хост. Лекин фоида накард. Кӯдакони Ҳансен албатта омаданд. Расо соати се онҳо омаданд. Ҳама ба ғайр аз Оливер либоси нав доштанд. Ӯ бо шими дарбеҳкардашуда ва куртаи сӯроxдор омад.

«Чӣ хел зебо шумо пӯшида шудаед», гуфт хонум Франсен, ҳангоме онҳо ба назди миз нишастанд.

«Падарамон ба мо либоси нав харид, - фаҳмонд Пиа-Пиа, - ӯ яке хеле бой шуд».

«Ин ӯ нашуд!» гуфт Оливер.

«Не, ӯ шуд. Ӯ бисёр пул дар лоттерия бурид».

«Ту беақлӣ мегӯӣ, - Ӯ фақат кам бурид».

«Ӯ як галла бурид! Ман инро шунидам, вақте ӯ ба модарам гуфт. Лекин мо инро ба ҳеҷ кас нагӯем, то ки бисёр мактубҳои гадоӣ нагирем».

«Вай фақат дедвонагарӣ дорад», гуфт Оливер ба Франсен.

«Ман девонагарӣ надорам, - фарёд зад Пиа-Пиа. – Падарам барои модарам ҳалқаи қиматбаҳо бо сангҳои ҳақиқӣ харид! Ин хел бой ӯ аст!»

«Онҳо ҳақиқӣ нестанд», гуфт Оливер.

«Не, онҳо ҳастанд. Мо боз як дивани нав гирифтем. – Вай ғолибона ба гирду атроф нигоҳ кард. – Инро шумо надоред!»

Акнун Оливер хоҳари хурдро бо худ ба долон гирифт.

«Он аз матои сабз аст!» фарёд зад Пиа-Пиа, вақте ки Оливер ӯро аз меҳмонхона баровард. Пенг!

Дар ба долон маҳкам шуд. Лекин дар лаҳзаи дигар вай боз кушода шуд ва Пиа-Пиа аз шикофии он сарашро даровард.

«Он ҳам тродделн дорад!» фарёд зад ӯ.

Баъд ӯ бо сарашро гирифт ва дигар онро ба шикофии дар наандохт. Лекин инро ӯ фақат накард, барои он ки Оливер дастаи дарро дошт.

Оливер ва Пиа-Пиа хеле дароз дар долон истоданд. Вақте онҳо боз омаданд, Пиа-Пиа чашмҳои сурх дошт, гӯё ки ӯ гиря карда буд.

«Дуруст нест, ки мо дивани нав дорем, - вай бо овози паст гуфт. – Он ҳам аз матои сабз нест ва тродделн ҳам надорад».

Баъд ӯ хомӯш шуд. Ягон калима аз даҳони хурдаш набаромад, то он ки Оливер хӯрокро таъриф додан сар кард.

«Бисёр хӯроки бомаза!» гуфт ӯ ва ба сӯи хонум Франсен сарашро розӣ ҷунбонд.

Инга, Лиза ва Петер ҳеҷ чиз нагуфтанд. Вайҳо ҳатто ба боло нигоҳ накарданд, зеро онҳо фақат бо хоидан машғул буданд.

«Мо дар хона ҳам хӯроки бомаза дорем, - Пиа- Пиа баровард. –Дина падарам як торти калон харид, ва ман як қисми калонро гирифтам ...» Вай яке хап кард, зеро рӯи Оливер суп-сурх шуд. Ӯ Пиа-Пиаро бо чашмони хашмгин нигоҳ кард.

«Не, ин хел набуд, - гуфт Пиа-Пиа ва сарашро ҷунбнд, - ин ҳам гапи рост нест. Падарам торт нахарид, ва ман қисми калон нагирифтам».

Ин хел менамуд, ки ҷаноб Франсен шӯхӣ мекард.

«Ин кадм қисм буд, ки ту нагирифтӣ?» пурсид ӯ доно. «Аввалаш буд ё охираш?»

«Аввалаш, - гуфт Пиа-Пиа, - охиронаш бояд Оливер мегирифт. Аммо ӯ нахост. Ӯ ин хел беақл аст, ки ...! Ӯ чизе ки аз лоттерия меояд, намехоҳад!»

Акнун рӯи Оливер то гӯшҳояш сурх буданд. Ин хел метофт, ки гӯё ӯ боз Пиа-Пиаро ба долон баровардан мехост. Лекин ба мақсадаш нарасид, зеро акнун чизе рӯй дод.

«Зодрӯз муборак, Комила!», фарёд зад овозе хурсандона. Ҳама худро ба он овоз тоб хӯрданд. Хонум Франсен кофе ба дастархон резонд ва кӯдакони Ҳансен хоиданро бас карданд, зеро он ҷо, мобайни меҳмонхона, Себастиан Кок буд. Ӯ риш дошт ва чиркин буд, ва хуб бӯй намекард, лекин Себастиан буд, ки он ҷо меистод.

Комила ҳеҷ чиз нагуфт, балки аз курсияш парид ва ба оғӯши Себастиан давид. Мумкин ӯ гиря кард. Мумкин ӯ хандид. Ман инро намедонам. Вай худаш ҳам инро намедонист. Вай фақат донист, ки ӯ, Себастиани вай, омада буд, ва ӯ вайро дигар ҳеҷ вақт рафтан намемонад.

«Ту дар куҷо будӣ?» миш-миш кард ӯ ба даруни джемпираш.

«Оиди ин мо баътар гап хоҳем зад, - мулоим гуфт Себастиан. – Ҳозир мо зодрӯзатро қайд мекунем ва хурсанд мебошем. Барои ман ҳам як қисми хурд аз торт дорӣ, Элизе?»

Дастҳои хонум Франсен ҳангоми ҷустани як табақ ва як пиёла ва як ҷой тайёр кардан дар зери миз барои Себастиан меларзиданд. Вай Себастианро нигоҳ накард, ва ҳам бо ӯ гап назад. Қариб фақат Себастиан буд, ки гап мезад: «Ман як суруд барои ту кардам, - гуфт ӯ ба Комила, - ту мехоҳӣ, ки ман инро ҳозир хонам?» Ҳа, инро Комила хост. Ва ин тавр Себастиан суруд хонд:

«Комила, Комила, ту имрӯз зодрӯз дорӣ,
хон фаддери фаддера.
Ҳай сунг фаддери,
ҳай сунг фаддера,
ва сайту, райту, фаддераддера,
ва мо дастархонро бо бисёр торт пур кардем,
хон фаддери фаддера.

Комила, Комила, ту дӯсти беҳтаринам,
хон фаддери, ҳай фаддераддера,
ва агар ман аз наздат равам, ман боз меоям,
хон ...»

«Ту аз ман намеравӣ, - гапашро шикаста гуфт Комила, - ин тавр не?»

«Оиди ин мо дигар бор гап мезанем» гуфт Себастиан. Баъд ӯ давомашро суруд хонд: «Хон фаддери ...»

«Мо кай дар бораи ин гап мезанем?» пурсид Комила.

«Ин бегоҳ, агар мо дуои бегоҳиро гап зада бошем».

Комила аз хурсандӣ табассум кард. «Ту ҳақиқатан бо ман дуои бегоҳӣ мегӯӣ?» пурсид ӯ бо кӯшиш.

«Ҳа, - гуфт Себастиан. – Агар Элизе ва Фридолф розӣ бошанд».

«Албатта онҳо розӣ ҳастанд! - фарёд зад Комила. – Ин тавр не, амал Фридолф?»

Ҳама Фридолфро нигоҳ карданд. Ӯ сарашро бо розигии хурди эҳтиёркорона ҷунбонд. «Эҳ ... ҳа ....ҳм ... албатта, - миш-миш кард ӯ ва бо чашмонаш чашмакӣ зад. Ӯ Себастианро нигоҳ кардан нахост. Иа аҷоиб буд!

Хонум Франсен сарашро наҷунбонд. Вай дигар дар ҷояш намешишт. Хонум Франсен оҳиста ба долон баромада рафт, ҳангоме ки Себастиан суруд хонд. Он ҷо телефон буд. Телефони Франсенҳо дар девол кашол буд. Он акнопкаҳо надошт. Он танҳо як гирде доштанд, ки тоб мехӯрд. Ин хел дар вақтҳои пеш буд.

Хонум Франсен ба назди телефон рафт ва гирдро тоб дод. Вай дастаи телефонро гирифт ва интизор шуд. Агар ӯ ҷавоб аз Сентрал мегирад, ӯ бо милиса гап задан хоҳиш мекунад. Вай хоҳад гуфт, ки Себастиан дар Мобайнӣ 11 буд, ва онҳо боянд биёянд ва ӯро дастгир кунанд, пеш аз он ки ӯ гурехтан тавонад.

Хонум Франсен ҳиссиёти нафратангез дошт, барои он ки дилаш ҳам ба Себастиан месӯхт. Лекин ӯ ба худ гуфт, ки ин танҳо ҷавоб барои он коре, ки ӯ карда буд. Бас набуд, ки ӯ бо пул гум шуд. Ҳозир ӯ омад ва ҳам торт мехоҳад! Кӣ ӯ аз рафтораш шарм намекард!

«Ин ҷо Сентрал аст», гуфт як овоз ба даста.

Ана ҳамин лаҳза хонум Франсен фаҳмид, ки дасте ба дасташ монд. Касе дастаи телефонро аз дасташ гирифт ва онро боз ба шоха гузошт. Себастиан Кок буд. Ӯ ба долон омада буд, б е аз он ки ӯ инро фаҳмид. Оҳ, чӣ хел беовоз ӯ роҳ гаштан метавонист!

Себастиан ба ӯ бо чашмҳои аҷоиб назар андохт. Хонум Франсен инро нағз надид. Ин хел буд, ки гӯё ӯ медонист, ки ӯ ба кӣ занг заданӣ буд.

«Каме ҳоло исто, - илтимос кард ӯ, - илтимос! То хоб бурдани Комила дар бегоҳ исто! Ба вай мон, ки вай зодрӯзи зеборо қайд кунад!»

Хонум Франсен ҷавоб надод. Вай танҳо лабҳоро сахт ба ҳамдигар пахш кард.

Себастиан ӯро дар китҳояш дошт. «Комила дӯсти беҳтарини ман, - ӯ оромона гуфт, - агар ту ба милисаҳо занг занӣ, вай бовар хоҳад кард, ки ту

гандай. Ту инро намефаҳмӣ? Вай сахт гиря хоҳад кард, ва вай ба ту ҳеҷ вақт дигар бовар нахоҳад кард. Беҳтараш, ман худам ба милисаҳо занг мезанам».

«Ту инро ким-кай кардан метавонистӣ», гуфт хонум Франсен. Вай надонист-ку, ки ӯ аз Қасдгир дошта шуда буд!

Акнун Себастиан гуфтан метавонист-ку. Ӯ гуфтан метавонист, ки Қасдгир ӯро ба таҳхона андохта бу ва дастҳояшро баста буд. Ӯ остинҳои джемпирро бардоштан ва ба ӯ оринҷҳояшро нишон додан метавонист. Баъд ӯ дидан метавонист, ки онҳо сурх ва захмдор буданд. Баъд ӯ фаҳмидан метавонист, ки онҳо баста шуда буданд. Аммо ӯ инро накард. Ба ҷои ин ӯ дастҳояшро даруни джемпир пинҳон карда хап кард.

Хонум Франсен ҳисс кард, ки ӯ мулоим мешуд. Вай Себастианро даррав мебахшид, агар ӯ бахшиш мепурсид. Барои чӣ ӯ инро накард? Барои чӣ ӯ иқрор шудан намехост? Чизе гӯй, Себастиан, орзу мекард ӯ. Гӯй, ки ту бахшиш мепурсӣ барои он коре, ки карда будӣ ва инро ҳеҷ вақт дигар намекунӣ!

Лекин Себастиан ба ҳеҷ чиз иқрор нашуд, ва ӯ ҳам бахшиш напурсид. Ӯ ба меҳмонхона баргашт ва хонум Франсенро бо телефон танҳо дар долон монд.

Не, вап телефон накард. Вай ба зинапоя, дастҳо ба сар монда шишт. Ин хел ӯ то каме ором шуда истод. Баъд ӯ боз ба меҳмонхона даромад.

Ҷаноб Франсен, Софи ва Комила бо хӯрокхӯрӣ тамом буданд. Лекин кӯдакони Ҳансен ҳоло не. Онҳо ҳоло ҳам мехоиданд. Ва Себастиан. Ӯ ҳам хоид. Ӯ тортро хӯрд, чунонеки чизе рӯй надода буд. Ҳангоме, ки хонум Франсен ба меҳмонхона даромад, ӯ ба боло нигоҳ карда табассум кард. Чӣ хел аҷоиб! Ӯ табассуми пештараи хушҳолро кард, ки ӯро ин хел меҳрубон мекард.

Ман намедонам, ки дар даруни хонум Франсен чӣ ҳодиса рӯй дод. Мумкин ӯ худашро фаромӯш кард. Ба ҳар ҳол вай ҳам табассум, як табассуми гарми модарӣ хандид.

Гӯё ки ҳеҷ чиз рӯй надода буд.

## *ХОНАИ АСРОРОМЕЗ*

Соати ҳафти бегоҳӣ буд, ҳангоме ки Софи ба Баккетун баргашта сафар кард. Ин вақт ҳам кӯдакони Ҳансен, сер ва пури хӯрок ба хона рафтанд. Вайҳо ба хона ба сӯи падарашон давид ва гуфтанд: «Падар, падар, Себастиан Кок баргашт!»

«Чӣ шуд?», пурсид Ҳансен. Ӯ дар болои дивани наваш шишта буд ва «Ватандӯстон» мехонд, зеро акнун ӯ фикр кард, ки пулаш барои рӯзномахарӣ мерасид.

«Себастиан ҳам бо мо идро қайд кард!» фарёд зад Оливер.

«Ӯ дар пеши миз шишт ва торт хӯрд!» фарёд зад Петер.

«Хонум Франсен ба сӯи ӯ табассум кард!» фарёд зад Лиза.

«Себастиан бо Комила имрӯз дуои бегоҳӣ мегӯяд!» фарёд зад Инга.

«Франсен мисли мо дивани зебо надоранд!» фарёд зад Пиа-Пиа.

«Падари худатонро дурӯғ нагӯед», гуфт Ҳансен.

«Мо дурӯғ намегӯем! - фарёд заданд ҳама кӯдакони Ҳансен аз як даҳон. - Ин дар ҳақиқатан рост аст!»

«Рост аст, ки Себастиан ҳам идро қайд кард?» пурсид Ҳансен.

«Ҳа, ҳа!» фарёд заданд ҳама кӯдакони Ҳансен.

«Ҳеҷ кас полисро фарёд накард? Ягон милиса наомад ва ӯро дастгир накард?»

«Не, не!» фарёд заданд кӯдакони Ҳансен.

Ҳансен яке аз ҷояш бархест, ин тавр ки рӯзнома ба замин афтид. Ӯ гуфт, ки Инга кӯдакҳоро нигоҳбин кунанд, зеро ӯ бояд ба берун бараяд ва ҳавои тоза хӯрад.

«Мумкин ман бо ту равам?» пурсид Оливер.

«Не», сахтгирона гуфт Ҳансен. Ӯ ҷомаашро аз овезак кашид ва аз дар давида баромад, бе аз он ки ҷомаро маҳкам кунад. Акнун Оливер гумон дошт, ки падараш аниқ дигар чиз кардан хост, ва барои ҳавои тозаро хӯрдан набаромад. Меарзад, агар ӯ ин корро каме тафтиш кунад. Барои ҳамин ӯ ба дигарон гуфт, ки ӯ ҳам ҳавои тоза хӯрданӣ буд. Пеш аз он ки касе зиддият баён кунад, ӯ аллакай рафт.

Оливер дилпур буд, ки падараш ба хонаи Франсен дар Мобайнӣ мерафт. Лекин инро ӯ хато фикр кард. Ҳансен бо қадамҳои тези мустаҳкам аз Мобайнӣ гузашт. Ӯ аз полисхона ва аз «Сатили Сиёҳ» гузашт, кӯҷое ки ӯ аниқ рафтан намехост. Ҳансен фақат ҳамон вақт истод, ҳангоме ки ӯ дар хонаи асроромез дар Кӯчаи Тӯпфер расид. Одамон дар шаҳр фикр

мекарданд, ки он ҷо ҳеҷ кас зиндагӣ намекард. Аммо Ҳансен инро беҳтар медонист! Ӯ донист, ки Қасдгир ва Розита он ҷо буданд. Онҳо гуфта буданд, ки ӯ ҳеҷ вақт дар наздикии ин хона набошад. Барои ҳамин ӯ то ҳол ӯ ба наздикии хона наомад. Лекин имрӯз ӯ бояд ин ҷо дарояд! Ӯ бояд ба Розита ва Қасдгир нақл кунад, ки бо нақшаашон чӣ шуд. Онҳо гуфта буданд, ки Ҳансен бояд натарсад. Себастиан ба ҳабс даровардa мешавад, аз он вақте ки ӯ бинияшро аз таҳхона мебаровард. Пуҳ! Дасгиршуда! Ҳеҷ кас Себастианро дастгир накард. Ба ҷои ин ӯ дар хонаи Франсен буд ва торт мехӯрд!

Ҳансен сахт ва аниқ ба дарвоза тақ-тақ кард. Лекин ҳеҷ кас накушод. Ӯ боз баландтар тақ-тақ кард. Ӯ дарвозаро ҷунбонд, то тамоми дарвоза меларзид. Лекин ҳеҷ чиз нашуд. Не, як чиз рӯй дод! Дарвоза аз худ кушода шуд. Ин хел осон! Он тамоман қуфл набуд. Ҳам дари берунаи хона маҳкам набуд. Ҳансен ҳамту ба хонаи асроромез даромадан метавонист. Хулоса ӯ фаҳмид, ки ягон дар хона қуфл набуд. Ӯ аз як ҳуҷра ба дигараш рафт ва фарёд зад: «Салом! Сало-ом! Як кас дар хона аст? Ёахим? Розита? Сало-ом!»

Ҳеҷ кас ҷавоб надод. Ҳансен ба таҳхона давид, аммо дар он ҷо ҳам ҳеҷ кас набуд. Ягона овозе ки ӯ мешунид, қадамҳои худаш буданд. Ӯ овози тарсон, ки фарёд мекард ва қадамҳои танҳо, ки медавиданд мешунид. Ғайр аз ин хомӯшии том буд.

## ***ФИРЕБХӮРДА***

Ҳансен барои он чизе, ки ҳозир хоҳад дид, тайёр набуд. Ӯ як дари мӯътадили таҳхонаро кушод ва яке ӯ дар ҳуҷраи хурде буд, куҷое ки Себастиан дошта шуда буд. Як ларзаи хунук ӯро гирифт, зеро он ҳуҷраи дилкушо набуд. Он ба ҳуҷраи зиндонӣ монанд буд. Хеле боло дар девол як тирезаи хурди таҳхона буд. Дар рӯи фарш як миз ва як курсӣ, ва дар ин кунҷ як матраси сӯроҳдор мехобид. Чӣ чиз буд, ки дар назди матрас дар болои замин хоб буд?

Ҳансен наздиктар рафт, то онро аз назар гузаронад. Лекин ӯ баъд аз ин пушаймон шуд, зеро он ҷо дар болои фарши сангини хокистарранги хунук ду қисмҳои банде мехобид. Ҷои буридагӣ нав буд, гӯё ки онро навакак касе бурида буд.

Ҳансен тоб хӯрд. Ӯ дидан нахост, ки чӣ дар он ҷо буд. Не, не! Нигоҳ накун! Фикр накун! Лекин ӯ онро дид ва ҳам фикр кард, зеро ӯ инро чун сурат дар худ забт карда буд. Инро ӯ фаромӯш кардан натавонист. Ӯ дастҳои Қасдгирро дидан метавонист. Онҳо дастпӯшакҳои сиёҳ пӯшида буданд. Қасдгир фақат дастпӯшакҳои сиёҳ мепӯшид. Дастпӯшакҳои сиёҳи Қасдгир дастҳои Себастианро бо банд мебаст ва гиреҳҳои сахт мекард, ки ҳеҷ кас кушодан наметавонист. Ҳансен ба дастҳои худ нигарист. Ду дастҳои кало ни мӯйдор. Онҳо дастҳои буданд, ки Себастианро дошта буданд, ҳангоме ки Қасдгир ҷиноятҳои худро карда буд.

Ҳансен боз ларзид. Ӯ донист, ки ӯ ҳам чизи ганда карда буд. Лекин ӯ ба худ тасаллӣ дод, ки ӯ ба ҳеҷ кас зарар нарасонд. Ӯ Себастианро танҳо як ё ду лаҳза дошта буд. Наход ин чизи бад буд! Баъд ӯ ба Қасдгир бо бардоштани як халта кӯмак расонд. Ё мумкин халтабардорӣ манъ буд? Ғайр аз ин Себастиан донистан наметавонист, ки ӯ дар дастгирии ӯ ёрӣ расонда буд. Ҳансен худро хуб пинҳон карда буд. Ӯ сарпӯше аз болои сараш кашида буд, то ки рӯяшро пинҳон кунад. Фақат чашмҳояш метофтанд. Ва дастҳояш ... ДАСТҲОЯШ!

Яке ба ёди Ҳансен як фикри даҳшатноке омад: Себастиан дастҳои ӯро бозшинохтан тавонист! Ӯ дар яке аз чилликаш хол дошт. Он хеле калон буд ва рост дар назди чаллаи нико ... Оҳ не! Чаллаи никоҳ! Ин онро мумкин фурӯхта буд. Чаллаи никоҳи Ҳансен аз ҳамаи дигарҳо фарқ дошт. Ӯ онро худаш карда буд. Фақат занаш ранги ҳамон дошт.

Тасаввур кун, Себастиан хол ва чаллаашро мушоҳида карда буд! Агар ӯ ҳозир дар хонаи полис мешишт ва чизе ки ӯ дида буд, нақл мекард! Агар

милисаҳо ба ӯ бовар карданд! Баъд ҳамааш бо ӯ, Лудвиг Ҳансен, Қасдгир ва Розита нодуруст мешуд ...

Оҳ, ӯ бояд Қасдгирро меёфт! Танҳо ӯ нақшаи наҷот ёфтан метавонист. Ӯ ин хел доно ва ӯҳдабаро буд-ку!

Ҳа, ин ӯ буд, Ёахим Дженсен, ва ӯ ҳам нақшаи наҷот фикр карда буд. Ҳа, инро ӯ кард. Лекин на барои Ҳансен. Фақат барои худ ва Розита. Баъдтар инро Ҳансен фаҳмид. Пеш аз оне ки ӯ хонаро тарк кард, ӯ фаҳмид, ки чӣ рӯй дод. Қасдгир ва Розита гурехта буданд! Онҳо тамоми пулҳои дуздидагиро бо худ гирифта ва ба Ҳансен ҳеҷ чиз нагуфта буданд. Аз кадом сабаб онҳо ҳам оиди ӯ фикр сарф кунанд? Ба онҳо халал намерасид, агар ӯ ба зиндон меғалтид. Акнун ӯ дигар ба онҳо даркор набуд. Онҳо ӯро истифода бурданд. Акнун ӯ ҷазояшро гирифт, ки ӯ худро ин хел тез фиреб хӯрдан мемонд! Акнун Ҳансен фаҳмид, чӣ хел онҳо фикр карданд. Ба ӯ фаҳмо буд, ки онҳо ӯро фиреб доданд. Аммо акнун дер шуда буд. Ҳозир ӯ чӣ кунад? Ӯ ба хона гурехтан наметавонист, ӯ ҳашт фарзанд дошт-ку!

Бо сари поён ӯ ба кӯча берун баромад. Ӯ на ба рост ва на ба чап нигоҳ кард. Ӯ танҳо ба поён нигоҳ кард. Барои ҳамин ӯ нафаҳмид, ки касе ба дарвозаи сурх даромад, ки онро ӯ навакак маҳкам карда буд. «Касе» як ҷосуси хурде бо сарпӯши чармӣ дар болои сар ва пойафзоли чӯбин дар пойяш буд. «Касе» Оливер Ҳансен буд.

Оливер оҳиста сарашро аз болои дарвоза монд. Ӯ падарашро дид ва ҳайрон шуд. Ӯ боқувват ва ... буд, вақте ки ӯ ба хонаи махфӣ даромада буд. Акнун ӯ ғамгин буд. Не, ӯ аз ғамгин боз ғамгинтар буд. Ӯ мисли дар хоб мегашт. Дар хона бояд чизе рӯй дода бошад. Чизи даҳшатноке! Оливер фаҳмидан мехост, ки ин чӣ буд.

Оливер тарсид. Ӯ мумкин бо касе вохӯрдан метавонист, ки хатарнок буд. Касе, ки ӯро чун падараш тамом кардан метавонист. Лекин кунҷковиаш аз тарсаш дида сахттар буд. Барои ҳамин ба ӯ халал нарасонд, ки шикамаш дард мекард ва пойҳояш ларзиданд. Ӯ ба дарун даромад.

Мо медонем-ку, ки Оливер сабаб барои тарсидан надошт. Ӯ ҳеҷ чизеро хатарбоктар надид, ки падараш дида буд. Ӯ ҳуҷраҳои холиро дид, куҷое ки ҳеҷ кас дар онҳо зиндагӣ намекард. Ӯ бутулкаҳои холӣ ва хӯрокҳои боқимондаро дид, ки нишон медоданд, ки касе он ҷо зиндагӣ карда буд. Ӯ ҳам таҳхонаи зиндонӣ ва бандҳое, ки дар болои фарши сангинӣ буданд дид. Ӯ думҳои бандҳоро ин хел хуб тафтиш кард, чуноне ки ҷосус бояд мекард.

«Фаҳмо», гуфт ӯ ва бо розигӣ сарашро ҷунбонд, зеро акнун ӯ чизи муҳимеро ёфт: Ин ҷо, дар таҳхона, Себастиан дошта ва баста шуда буд! Қасдгир ва Розита ӯро дошта буданд, вақте онҳо исботҳо зидди ӯ ҷамъ

карданд. Вақте онҳо гумон карданд, ки исботҳо расиданд, ӯро боз сар доданд. Онҳо аниқ фикр карданд, ки ӯ даррав дастгир карда мешавад. Лекин садфоиз дилпур будан наметавонистанд. Аз ин сабаб онҳо гурехтанд. Агар милиса онҳоро мекобад, ҳеҷ касро намеёбад ва дастгир кардан наметавонад. Онҳо дар бехатарӣ буданд-ку! Лекин берун дар кӯча як боайб мегашт, ки тамоман дар ҳолати бехатар набуд. Ҳар кас ӯро ёфтан метавонист, Лудвиг Ҳансен! Агар ӯ аз милисаҳо ҷуста шавад ...

Ҳа албатта! Яке Оливер фаҳмид, ки бо падараш чӣ буд. Падараш барои он коре, ки карда буд, тарси калон дошт. Ӯ донист, ки ӯ ба зиндон меафтад. Барои ӯ мисли дар хоб гашта рафт ...

Оливер ҳис кард, ки дилаш месӯхт. Ба падараш дароз дилаш намесӯхт. Лекин акнун ҳама норозигӣ, ҳама қаҳр ва талхӣ аз ӯ фаромад. Ҳамааш дар таҳхона монд.

«Ту бо вуҷуди ин ҳам падарам ҳастӣ», гуфт ӯ ба ҳаво.

«ТУ ПАДАРИ МАН ҲАСТӢ!»

# *КОМИЛА ВА СЕБАСТИАН*

Дар ин бегоҳ Комила дуои бегоҳиро тез тамом кард. Ман бовар дорам, ки ӯ ҳангоме дуо якбор ҳам Худоро фикр накард, зеро ӯ тамоми вақт себастианро нигоҳ кард.

«Омин, - фарёд зад ӯ розӣ. – Акнун ту ба ман бояд нақл кунӣ, куҷо ту тамоми вақт будӣ!»

«Ман дар хонаи махфӣ дар Кӯчаи Тӯпфер будам», гуфт Себастиан.

«Он бо дарвозаи сурх?»

«Ҳа, дар таҳхона поёни хона. Он ҷо ман будам».

«Онҳо туро қуфл карда буданд?» пурсид Комила.

Себастиан бо розигӣ сарашро ҷунбонд. Лекин ӯ ҳеҷ чиз оиди он нагуфт, ки онҳо ӯро баста буданд. Ӯ ҳам он яраҳоеро, ки дар дастҳояш дошт, нишон надод. Комила бояд надонад, ки чӣ қадар ин дард кард. Ин вайро фақат зиқ мекунад.

«Ман донистам, ки онҳо туро дастгир карданд! – фарёд зад ӯ. – Оливер инро ба ман нақл кар. Ӯ аз тиреза нигоҳ кард ва дид, ки кӣ дуздҳои ҳақиқӣ буданд. Онҳо Қас ... Оҳ, акнун ман қариб мегуфтам!»

«Ин роз аст?» пурсид Себастиан.

Комила сарашро бо ризо ҷунбонд. Баъд ӯ гуфт, ки ӯ номҳои ҳақиқии дуздонро медонад. Аммо Оливер намехост, ки ӯ ба ягон кас инро нақл кунад. Вай инро ба ӯ ваъда дода буд.

«Фикр мекунӣ, ки ман инро ҳам бо вуҷуди ин нақл кунам?» пурсид ӯ.

«Не, - гуфт Себастиан, - инро накун!»

«Ҳам ба ту не?»

«Не, паррандаи хурдакак, ту инро набояд кунӣ. Ман медонам, ки кӣ буд».

«Ту онҳоро дидӣ?» пурсид Комила.

«Ҳа», гуфт Себастиан.

«Ҳардуяшонро?»

«Ҳа, ҳардуяшон. Онҳо омаданд ва маро доштанд-ку!»

«Онҳо рӯяшонро напӯшонданд?»

«Не, Ёахим не. Ӯ хост-ку, ки ман ӯро бозшиносам. Ман бояд донам, ки ӯ, Ёахим Дженсен аз ман қасд гирифтан мехост. Лекин Ҳансен як рӯпӯш дошт. Ӯ сарпӯши сиёҳеро аз болои сараш пӯшонда буд. Ду шикофи дарунаш буд, ки аз он ӯ ба берун нигоҳ кардан метавонист. Ҳансен аниқ бовар накард, ки ман ӯро боз мешиносам. Лекин ман ӯро бозшинохтам. Ман дасту либосҳояшро шинохтам ва ... Комила, бо ту чӣ шуд?»

Комила дар кат худро шинонд. Вай Себастианро бо чашмҳои калони кулӯла нигоҳ кард. Даҳонаш кушода буд.

«Ту дилпурӣ, ки он кас Ҳансен буд?» пурсид ӯ.

«Хеле дилпур», гуфт Себастиан.

«Ту дилпурӣ, ки он кас Розита набуд, ки худро дигар пӯшонид?»

«Ҳа», гуфт Себастиан. Аз ин ӯ дилпур буд.

Комила худро боз ба кат партофт. Вай тасаввур кард, ки Ҳансен дар ҷиноят ба хонаи Франсен иштирок карда буд. Ӯ ёрдамчии Қасдгир буд, ва Оливер тамоми вақт инро донист! Ана ҳамин сири ӯ буд. Сири ҳақиқияш. Ва аз ин сабаб ин хел метарсид ...

«Бовар дорӣ, ки Ҳансен ба зиндон меафтад?» пурсид Комила ногаҳон.

Себастиан сарашро ҷунбонд ва гуфт, ки агар вай ин розро дар худ нигоҳ доштан метавонад, ӯ набояд аниқ ба зиндон равад. Баъд ӯ озод будан ва барои кӯдакони худ нигоҳ кардан метавонад.

«Лекин Ёахим? Ӯ ба зиндон меғалтад?»

Себастиан боз сарашро ҷунбонд.

«Не, - ӯ бо овози паст гуфт. – Ман ба зиндон меравам».

Инро Комила нафаҳмид. Ӯ нафаҳмид, ки барои чӣ Себастиан ба зиндон меравад, бе аз он ки ӯ ягон кори ганда кард.

Себастиан дасташро дароз кард ва мӯйҳои Комиларо сила дод, чуноне ки як бародар ё падар инро мекунад. Баъд ӯ гуфт, ки ӯ як афсона нақл кардан мехоҳад.

«Буд набуд, як дузд буд, ва номаш Себба буд, - сар кард ӯ. – Ӯ чашмҳои кабуд ва мӯйҳои сурх дошт. Ӯ қариб ҳамавақт медуздид, зеро ин он коре буд, ки дуздон аз ҳама бисёр мекарданд. Як рӯз ӯ пул аз марди камбағале дуздид, ки ҳашт фарзанд дошт. Баъдтар ӯ аз кори кардагияш пушаймон шуд ва ҳамаашро боз баргардондан хост. Ӯ пул ва торт гирифт ва назди он мард рафт. Лекин мард қабул кардан нахост. Ӯ табақи тортро сӯи дузд Себба партофт ва хеле хашмгин буд. Дузди бечора дигар хуб кардан натавонист. Ва ин ӯро хеле  хле зиқ мекард ...»

«Акнун ман медонам! – фарёд зад Комила. – Ту фикр мекунӣ, ки агар ту ба зиндон равӣ, ту он корро боз хуб кардан метавонӣ!»

«Дуруст», гуфт Себастиан.

«Лекин барои чӣ ту барои Ёахим Дженсен ба зиндон рафтан мехоҳӣ?» пурсид Комила.

«Ҳа, якбор Ёахим барои айби ман дар зиндон шишта буд, - фаҳмонд Себастиан. – Баъд ин танҳо рост мешавад, агар ман ҳам кам-кам барои ӯ дар зиндон мешинам, ту чӣ фикр мекунӣ?»

Комила нагуфт, ки вай чӣ фикр мекард. Вай ором дар каташ дароз кашида буд ва ба болои ... нигоҳ кард. Ҳозир ӯ донист, ки Себастиан чӣ кардан мехост. Агар милисаҳо ӯро пурсанд, ӯ хомӯш меистад. Ӯ ҳеҷ вақт нақл нахоҳад кард, ки ӯ беайб буд. Лекин агар ӯ худро муҳофизат накунад, ҳама бовар хоҳанд кард, ки ӯ пули Франсенро дуздидааст. Ҳам Франсен бовар хоҳад кард, ки ӯ дузд буд. Ӯ ба дигар кас кор дар заводи бозичабарорӣ медиҳад, ва Себастиан ҳеҷ вақт дигар дар он ҷо кор кардан наметавонад. Ин тавр Комила инро ба Себастиан гуфт. Вай гуфт, ки ӯ ҷои корашро гум мекунад, агар ӯ ба зиндон меравад. Ҳеҷ кас баздро ба кор намегирад.

Лекин Себастиан фақат табассум кард. Ӯ пурсид, ки Комила фаромӯш кардааст, ки ӯ кӯдаки Худост. ӯ дилпур буд-ку, ки Худо фарзандҳои худро нигоҳ мекунад. Ӯ падараш буд-ку. Вайҳо бояд наметарсиданд!

Комила ба хотир овард, ки Себастиан инро аллакай якбор гуфта буд. Ӯ гуфта буд, ки кӯдакони Худо бояд наметарсиданд. Аммо Ҳансен ва Қасдгир бо вуҷуди ин ҳам ӯро дастгир карданд. Вайҳо ӯро ба таҳхонаи безебе андохтанд ва танҳо монданд. Ёрдам накард, ки ӯ фарзанди Худо буд.

«Худо куҷо буд, ҳангоме ки туро дастгир карданд?» пурсид Комила.

«Ӯ дар ман буд».

«Барои чӣ ӯ ба ту ёрӣ нарасонд?»

«Ӯ ба ман ёрӣ расонд, Комила. Ӯ тарси маро гирифт ва маро дилбардорӣ кард. Баъд фикрҳои ман дигар шуданд, ин хел, ки ман дигар хашмгин набудам аз ононе, ки ба ман кори ганда мекарданд».

«Ӯ ҳам он вақте ки онҳо туро ба таҳхона қуфл карданд, дар наздат буд?»

«Ҳа, паррандаи хурдакак, ӯ тамоми вақт дар наздам буд. Ӯ ҳам он вақт дар наздам хоҳад буд, ки ман дар зиндон мешинам ва боз мебароям. ӯ ҳар рӯз дар наздам истодан мехоҳад».

«Ва ... дар ... назди ман» гуфт Комила хоболуд.

«Ҳа, паррандаи хурдакак, - ҷавоб дод Себастиан, - махсусан дар назди ту!»

Лекин инро Комила нашунид.

Вай аллакай хоб рафт.

Оливиа наздаш бо ҷӯробҳои сурх дар пойҳояш хоб буд. Дар болои мизча як истакан об бо як дандони ширӣ дарунаш буд. Як картаи иди милодии зебо дар он такя мекард. Пеши картаи иди милодӣ як қуттичаи гӯгирди нимкушода бо ҳашароти мурда хоб буд. Зиёда аз ин бо чо ... Не, дигар чор мавиз набуданд.

Комила онҳоро хӯрд.

## *ХОНУМ ВА ҶАНОБИ ФРАНСЕН*

Дар вақте ки Себастиан бо Комила барои дуои бегоҳӣ дар боло буд, хонум ва ҷаноби Франсен дар меҳмонхона шиштанд ва гап заданд. Хонум Франсен аз ҳама бисёр гап зад. Лекин ин хел ҳам ҳарвақта буд.

«Ман як чизеро дидам», гуфт хонум Франсен махфиёна. Вай дар курсии паҳлӯдораш шишта буд ва ҷӯроберо мебофт. Нури чароғ спитстҳои оҳаниро, ки дар мобайни дастҳояш меҷунбиданд, дурахшон мекарданд.

Франсен зани худро нигоҳ кард, аммо ҳеҷ чиз нагуфт. Ӯ чубуқашро мекашид ва хомӯш монд.

«Якбор гӯш кун, - давом дод хонум Франсен, - ман дар ҳамон вақт косаю табақ аз ид шуштам. Ва медонӣ, ки кӣ ба ошхона даромад? Себастиан Кок!»

Франсен чубуқашро аз даҳонаш гирифт.

«Ӯ чӣ хост?» пурсид ӯ.

«Ман инро аниқ намедонам».

Хонум Франсен пурфикр ба ҳаво нигарист.

«Мумкин ӯ ҳамту нишон додан хост, ки ӯ ин ҷо буд, ки ӯ гурехтан намехоҳад. Ман ӯро бояд тамоми вақт бинам ...»

«Ӯ ҳеҷ чиз нагуфт?»

«Не, ӯ як сачоқро гирифт ва табақҳоро қоқ кард, чуноне ки ӯ инро пештар мекард, пеш аз оне ки ... ин ҷинояти даҳшатнок шуд».

«Оҳ?» гуфт Франсен.

«Ҳа, ва баъд ӯ як кӯзаро ба ҷевони боло гузошт, ва яке ...»

«Ва яке?» пурсид Франсен.

«Яке остини джемпираш ба поён фаромад ва мам дастҳояшро дидам ... Оҳ, Фридолф, онҳо тамоман сурх буданд! Гӯё ки касе ӯро баста буд!»

«Ин аҷоиб аст», гуфт Фридолф.

Як муддат онҳо ҳеҷ чиз нагуфтанд. Франсен фикр кард ва хонум Франсен фикр кард.

«Ман бовар дорам, ки ӯ бегуноҳ аст, - гуфт хонум Франсен баъди якчанд лаҳзаҳо. – Ӯ ҳеҷ вақт ин ҷо намеомад, агар ӯ пулро дуздида бошад. Баъд ӯ ба ман дар косаю табақшӯи ҳеҷ вақт ёрӣ намерасонд. Ту чӣ фикр мекунӣ?»

Франсен табассум кард. Мулоим ва хомӯшина ӯ ба занаш табассум кард. Баъд ӯ ба пешаш рафт ва рухсорашро сила кард. Ӯ гуфт, ки ин меҳрубон аз ӯ аст, ки ӯ аз дигарон фикри хуб дорад. Лекин ӯ бояд мефаҳмид, ки агар

Себастиан бегуноҳ мебуд, ӯ худаш инро мегуфт. Ӯ худро муҳофизат мекард. Инро ӯ бояд мефаҳмид. Ӯ ин ҷо намегашт ва хомӯш намебуд.

«Мумкин ба ӯ хавф карданд, то ӯ хомӯш истад, - гуфт хонум Франсен пур аз фикр. – ё... ё мумкин ӯ касеро мепӯшонад».

«Киро дар ин дунё ӯ пӯшондан метавонад?»

«Мумкин Ҳансен. Ҳансен аз лагер. Ту нашунидӣ, ки Пиа-Пиа чӣ гуфт? Вай гуфт, ки падараш яке хеле бой шуд. Ӯ дар лоттерия буридааст, гуфт ӯ. Ту ҳақиқатан бовар дорӣ, ки Ҳансен варақҳо аз лоттерия мехарад?»

Не, инро Франсен бовар накард. Ӯ гуфт, ки варақҳои лоттерия хеле қимат ҳастанд. Танҳо як варақ даҳ сомон меистад. Ҳансен ин хел бисёр пул барои лоттерия истифода бурдан наметавонад. Ин номумкин буд.

Хонум ва ҷаноби Франсен дароз дар бораи Ҳансен аз лагер ва Себастиан Кок гуфтугӯ карданд. Вайҳо ҳайрон шуданд, ки Ҳансен яке ин хел бой шуд. Онҳо фикр ва мунозира карданд, ки аз кадом сабаб дастҳои Себастиан сурх буданд. Охир онҳо хулоса баровper карданд, ки бо Себастиан гап зананд. Ҳамон вақте ки ӯ ба поён меояд, онҳо кофе ҷӯшондан ва ба ӯ боҳаловат кардан мехостанд. Вақте ӯ худро гуворо ҳисс мекунад, онҳо ба ӯ саволҳо додан мехостанд. Ӯ ҳоло нақл мекунад! Агар онҳо ягон чиз меҳрубона мепурсанд, ӯ аниқ нақл мекунад. Ин хел хонум ва ҷаноби Франсен фикр мекарданд. Аммо дигар шуд.

Пеш аз он ки кофе тамом ҷӯшид, милисаҳо давида даромаданд, то он ки ӯро ҳабс кунанд. Франсен ва занаш дигар ҳеҷ чиз нафаҳмиданд. Онҳо гумон намекарданд-ку, ки Себастиан худро дар пеши полис нишон дода буд. Ин хел ӯ карда буд. Ӯ хомӯшона ба поён фаромад, пеш аз он ки касе ӯро намонад  ва ба полис занг зад, ки ӯ дар Миттелсртассе ҳаст.

Ман намедонам, ки хонум ва ҷаноби Франсен дар ин бегоҳ кофе нӯшиданд, лекин ман медонам, ки онҳо барои саволҳои худ ҷавоб наёфтанд. Онҳо мунозира кардан гирифтанд, ки аз кадом сабаб Себастиан ин хел дастҳои сурх дошт. Онҳо баҳс карданд, ки мумкин касе ӯро дастгир карда буд ва ҳайрон шуданд, ки Ҳансен аз лагер яке ин хел бой шуд.

«Рӯзнома харед! – фарёд зад рӯзномафурӯше. – Навигариҳо аз Себастиан Кок! Рӯзнома! Рӯзнома харед! Навигариҳо аз ...»

Ва одамҳо рӯзномаҳоро хариданд. Хусусан Ҳансен. Ҳеҷ кас чун Ҳансен рӯзномаро боаҳамият намехонд. Барои ҳамин ӯ донист, ки Себастиан худро ба полис нишон дод. Ин хел дар рӯзнома навишта шуда буд. Себастиан дар як маракае дар хонаи Франсен буд ва бегоҳии дер ӯ ба милисаҳо занг зад ва гуфт, ки ӯ куҷо буд. Милисаҳо даррав пурсупос карданд, аммо дузд ҳеҷ чиз гуфтан нахост. Ягон калима аз даҳонаш баровардан натавонистанд. Ин бояд маъно медошт, ки ӯ гуноҳкор буд. Ин хел дар рӯзнома гуфта шуд. Лекин Ҳансен донист, ки ин дигар маъно дошт. Ӯ дилпур буд, ки Себастиан чизеро фикр мекард. Мумкин ӯ фақат интизор шудан мехост, то ӯ ба назди ... биёяд. Баъд, вақте ки зал пур буд, ӯ ба Ҳансен нишон хоҳад дод ва мегӯяд: «Ана он ҷо поён он марде меистад, ки маро дастгир карда буд. Ӯро ҳабс кунед!»

Ҳама дар зал тоб мехӯранд ва ба ӯ нигоҳ мекунанд. Ӯ аллакай ҳозир чашмҳои онҳоро дидан метавонист. Ҳама дӯстонаш. Коргарон дар заводи бозичабарорӣ. Франсен ...

Ҳа, Франсен. Франсен аз бисту дуюми январ дигаргун шуда буд. Ин хел метофт, ки гӯё ӯ ба Ҳансен хеле шавқ пайдо карда буд. Чашмонаш ин хел намуд доштанд, ки гӯё ӯ ягон чиз медонист ...

Дар як рӯз ӯ Ҳансенро барои буридани лоттерия табрик кард. Ӯ шунида буд, ки Ҳансен яке бой шуд. Ӯ инро аз куҷо донистан метавонист? Ҳансен инро ба ҳеҷ кас нақл накарда буд. Ӯ инро фақат ба занаш ва кӯдаконаш гуфта буд. Лекин онҳо намегаштанд ва ҳамаашро нақл намекарданд-ку!

Нофорам буд, ки ин навигарӣ ин хел тез паҳн мешуд. Як бегоҳӣ як мард аз рӯзнома омад. Ӯ мехост, навиштаҷоте нависад, ки чӣ тавр Ҳансен қоғазии ғалабаро аз лоттерия бурида буд. Ӯ гуфт, ки ин чизе ҳаст, ки ба рӯзнома омадан меарзид. Тасаввур кун, ин хел одами камбағал чун Ҳансен яке барои занаш ҳалқа аз мӯҳраҳои ҳақиқӣ тӯҳфа кардан, ва ғайр аз ин дивани сабз харидан тавонист!

Ҳансен дарро аз пеши бинии рӯзноманигор бо тарахи баланд пӯшид. Ӯ гуфт, ки навиштаҷот намешавад ва ӯ бо оилааш дар сулҳ зиндагӣ кардан мехост.

Рӯзноманигор дигар барнагашт, лекин ту фикр мекунӣ, ки аз ин сабаб Ҳансен ором шуд? Не, ӯ нашуд, зеро мушкилӣ аз дарунаш меомад. Фикрҳои ӯ буданд, ки ӯро ин хел воҳиманок медоштанд. Ӯ ҳиссиёте дошт, ки онҳо дар

дарунаш сӯрох мекофтанд. Шабу рӯз онҳо ӯро мехӯрданд. Мехӯрданд ва мехӯрданд. Онҳо баланд дод мезаданд, ки ӯ ҷинояткор аст ва ҳар вақт дастгир карда мешавад. Тамоми шаҳр фаҳмидан метавонист, ки ӯ кист ва чӣ кор карда буд. Ӯ дигар ба ягон чашм нигоҳ кардан наметавонист. Ҳеҷ вақт!

Ҳансен фикр кард ва фикр кард, то ӯ бовар кард, ки ӯ девона мешавад. Ӯ аз як тараф дида девона шуд, зеро ӯ яке мурда буданро орзу мекард. Ӯ грипи испанӣ ва дигар касалиҳои хатарнокро орзу кард. Ҳа, ӯ хост, ки ӯ ба задамае дучор гардад. Аммо ӯ касал нашуд ва ҳам ба ӯ задамае дучор нагашт. Ӯ фақат мегашт ва худро гадоёна ҳисс кард.

Дар хулоса ӯ як ҷавоби ваҳшиёнаро ёфт. Ман қариб оиди ин навистан эътимол надорам. Вале ман бояд, зеро ман ҳамту бо ҳикояи Ҳансен бас кардан наметавонам. Ман бояд гӯям, ки дар сари Ҳансен як фикри хатарноке пайдо шуд: Ӯ, Лудвид Ҳансен, худро ба задамае дучор мегардонад!

Ин қадар бисёртар ӯ дар бораи ин фикр кард, он қадар осонтар ба ӯ метофт. Ӯ ҳамту як киштиро қарз мегирад ва ин хел мекунад, ки гӯё ӯ барои моҳигирӣ мебарояд. Баъд ӯ киштияшро ин хел дур ба баҳр меорад, куҷое ки мавҷҳо чун деволҳо калон буданд. Мавҷҳои калон киштиро бо об пур мекунад. Ва баъд ӯро ҳеҷ вақт дигар касе намебинад ...

Вале ӯ дар ин фикрҳо занашро фикр кард? Ӯ фикр кард, ки чӣ хел барои ӯ мешавад, агар ӯ бева мешавад? Ва кӯдаконаш? Ӯ фикр накард, ки ба онҳо падар даркор буд?

Не, ӯ инро фикр накард. Ӯ фақат фикр кард, ки онҳо гурусна набошанд ва онҳо хунук нахӯранд.

Аз ҳамон вақте, ки Ҳансен мурданро ба мақсад гирифт, ӯ барои он чизе ки бояд мешуд тайёрӣ медид. Дар аввал ӯ ба он рӯз дар календар салибе гузаронд. Аммо ӯ ба касе нагуфт, ки ин салиб чӣ маъно дошт. Баъд ӯ киштие ва асбобҳои моҳигирӣ тайёр кард. Ӯ як суроғаи калонро кард, то он ки баъди набуданаш, оилааш азоб накашад.

Ҳансен орзу дошт, ки аз зану кӯдаконаш хеле хайрухуши хуб шавад. Лекин инро ӯ наметавонист-ку, агар задама бояд мешуд. Ӯ бояд хайрухуши пинҳонӣ шавад, ин хел ки ҳеҷ кас нафаҳмад.

Дар рӯзи пеш аз задамааш ӯ хеле нағз буд. Ӯ барои занаш либоси нав ва бозича барои фарзандонаш харид. Ӯ бисёр чизҳои зебо харид, ки онҳоро хурсанд бояд мекарданд, ва тамоми рӯз ӯ як гапи ганда ҳам нагуфт. Вақте ки бегоҳӣ ба хоб рафтанд, ӯ ин хел меҳрубон ба занаш буд, ки хонум Ҳансен ҳайрон шуд. Вай ӯро тамоман дигар боз нашинохт. Дар ҳамин вақтҳо ӯ ин хел нафратангез буд, ки қариб тоқат кардан намешуд. Ӯ мумкин бой будан нағз намедид, зеро ӯ аз ҳамон рӯзе, ки ӯ пул бурид, ба ӯ як якбор ҳам

лабханд накард. Ин хел буд, ки гӯё ӯ тамоман ӯро намедид. Гӯё ки ӯ тамоман мавҷуд набуд!

Лекин дар ин бегоҳ ҳамааш дигархел буд. Имрӯз ӯ вайро ба оғӯш гирифт, ва ба ӯ шукр гуфт, ки ӯ ин хел зани хуб буд. Ӯ паст ва зебо дар бораи рӯзи тӯйяшон гап мезад. Ки вай чун гул хушрӯй буд. Ҳа, вай ҳоло ҳам хушрӯй буд, Беати вай. Вай ҳаргиз барои ӯ хушрӯй мондан мехост ...

Хонум Ҳансен табассум кард, зеро акнун ӯ боз Ҳансени худро гирифт.

Пагоҳ ..., фикр кард ӯ хушбахт, пагоҳ рӯзи нави хуш мешавад!

Бо ин Беат Ҳансен хобаш бурд. Вай, сар дар оғӯши шавҳараш, Лудвиги нави меҳрубони ӯ, такякунон хоб рафт. Табассум ҳоло ҳам дар рӯяш буд. Ҳам дар хоб он дароз истод.

Аммо Ҳансен хеста буд.

Танҳо ӯ.

Дар мобайни шаб ӯ як шамъеро гирифта пеши кӯдакони хоб рафт. Ӯ ҳар як рӯйро пурнур кард. Ӯ мӯйҳоро аз пеши рӯяшон гирифт, то он ки рӯи зеборо бинад. Кӯдакони меҳрубони ӯ! Барои ҳар як кӯдак ӯ дуо гуфт. Худо онҳоро паноҳ кунад ва аз ҳама гандагӣ дур гирад! Агар Худо ҳам ин хел кардан метавонист, ки онҳо аз падарашон фикри ганда надошта бошанд, ӯ дигар ҳеҷ орзуи дигар надошт.

Ин хел ӯ хайрухуш кард, як ба як.

Ҳансен рост ба каташ барнагашт. Аз кадом сабаб бояд ӯ инро мекард? Ӯ бо вуҷуди ин ҳам хоб рафтан наметавонист! Аз ба ҷои ин ӯ пардаро аз тиреза кашид ва ба шаби зимистон берун нигоҳ кард. Берун чи хеле ки ӯ фикр карда буд, торик набуд. Осмон пури ситораҳо буданд. Аммо онҳо дар масофаи дур, хеле дур буданд.

## *САЛИБ ДАР КАЛЕНДАР*

Баъд рӯз бо салиб дар календар омад. Кӯдакҳои Ҳансен пурсиданд, ки ин салиб чӣ маъно дорад. Ҳансен ҷавоб дода буд, ки ин маъно дорад, ки ӯ ба сайди моҳигирӣ меравад. Ӯ нагуфта буд, ки ин бисёртар маъно дошт. Барои ҳамин ҳеҷ кас надонист, ки ӯ аз сайди моҳигирӣ ҳеҷ вақт барнамегардад. Вайҳо хандиданд ва бо дастҳо ҷунбонданд, ҳангоме ки ӯ рафт. Ҳансен ҳам хандид ва дасташро ҷунбонд. Ӯ ба сӯи тиреза бӯсаҳои дастӣ фурсонд, куҷое ки кӯдаконаш меистоданд ва аз пушташ нигоҳ мекарданд. Ҳансен нахост, ки дар хотирашон ӯ чун падари ганда истад. Хурсанд ва боқувват онҳо ӯро охирин маротиба бинанд. Лекин аз он вақте ки ӯ каме аз хона дур шуд, табассум аз лабаш гурехт, ва ӯ китфҳояшро ба поён фуровард. Акнун ӯ бояд дигар хурсанд набошад. Акнун ӯ ин оҳи калоне, ки ин қадар вақт дар дарунаш буд, баровардан тавонист. Инро ҳам дар кӯчаи Соҳил, ки аз Иннсметтен хеле дур воқеъ буд, кард.

Он киштие, ки ӯ гирифтанӣ буд, ёфтанаш осон буд. Ҳансен интизор буд, ки киштиро дар соҳил истода бинад. Ин хел низ буд. Лекин ӯ интизор набуд, ки касе дар он мешинад. Ҳақиқатан як мард дар он киштие, ки ӯ қарз гирифта буд, шишт. Мард ӯро аниқ ба ӯ аҳамият надод. Ӯ пушташро нишон дод ва ба баҳр нигоҳ мекард. Бар бадани Ҳансен як ларза омад, зеро он мард ба Себастиан хеле монанд буд. Ӯ он либосҳоро пӯшонда буд, ки Себастиан дар асл мепӯшид. Ӯ ҳатто мӯйҳои сурх дошт! Ин ба ӯ хеле нофорам буд!

Ҳансен овоз баровард. «Эҳ-ҳем!»

Бегона яке тоб хӯрд. Вале ӯ тамоман бегона набуд. Ӯ Себастиан Кок буд.

«Ту!» талхакаф шуда фарёд зад Ҳансен. «Ту дар ин ҷой? Ту дар зиндон будӣ-ку!»

Себастиан сарашро ҷунбонд. «Франсен барои ман пул дод», гуфт ӯ ва табассум кард. «Ман акнун то гуфтушунид озод ҳастам».

Гуфтушунид! Ин як калимае буд, ки Ҳансен дигар шунидан наметавонист. Ӯ бо ин тамоман ваҳшӣ мешуд.

«Дав шав!» гуфт ӯ сахтгир. «Ман ба киштӣ мехоҳам».

«Ту бо он чӣ кардан мехоҳӣ?» пурсид Себастиан асабиёна.

Ӯ дар рӯи Ҳансен як чизро дид, ки баданашро ларзонд. Ӯ фикр кард, ки Ҳансен бо ин хел рӯй танҳо ба баҳр набарояд.

«Ман берун ба баҳр барои моҳигирӣ мебароям», гуфт Ҳансен. «Дав шав!»

«Мумкин ман бо ту равам?» пурсид Себастиан.

«Не!» гуфт Ҳансен.

Инро ӯ аввал гуфт. Аммо баъд ба ӯ як фикри хатарнок омад: Ӯ Себастианро бо худ ба пеши мавҷҳои даҳшатноки бузургҷусса мебарад. Онҳо ҳардуяшон дигар ба хона банамегарданд. Баъд ҳеҷ кас дигар набуд, ки дар гуфтушунид нақл кардан тавонад, ки чӣ Ҳансен карда буд. Кӯдаконаш калон шудан метавонистанд, бе аз оне ки онҳо барои ӯ шарм доранд.

Мумкин ӯ баъдтар пушаймон мешавад. Ҳа, албатта. Лекин баъд ӯ аллакай берун дар бахр аст ва роҳи баргашт надорад.

Ҳансен киштиро роҳбарӣ кард. Ин хел ӯ инро хост. Себастиан банди моҳиқапиро посбонӣ мекард, вале бисёртар ӯ Ҳансенро посбонӣ мекард. Ӯ тамоми вақт оромона мешишт ва ба оҳкашиҳои вазнин, ки аз Ҳансен меомаданд, гӯш мекард.

«Ман медонам, ки аҳволат бад аст», яке ӯ гуфт.

«Оҳ, ҳа!»

Калимаҳо базӯр аз гардани Ҳансен баромаданд. Дар асл ӯ инро тамоман гуфтан нахост.

«Ман тамомам ...»

Баъд ӯ боз оҳ кашид. Он ҳақиқатан аз як чуқурии калон бояд меомад, зеро ин хел даҳшатнок онро шунидан мешуд.

«Не, - гуфт Себастиан. - Не, Лудвиг, ин хел нест, чунон ту фикр мекунӣ. Ту сабаб барои тарсидан сабаб надорӣ. Ман ҳеҷ чиз намегӯям. Ман худам фикр кардам ... Ман фикр кардам барои ту, Лудвиг, ба зиндон равам, то ки ... то ки ман корамро боз хуб кунам. Ту медонӣ-ку, ки ман ...

Ҳа, Ҳансен донист! Ӯ он рӯзеро, ки кӯдаконаш бе хӯрок хоб карданд, барои он ки Себастиан маошро дуздида буд, фаромӯш накард! Ҳеҷ вақт ӯ ба Себастиан намебахшад! Агар Себастиан ҳам сад сол дар зиндон шинад, нафрати ӯ нест намешавад!

«Фаҳмо, - ғуррос зад ӯ. – Ин ҳамон чизе буд, ки ту фикр кардӣ. Ту барои ман ба зиндон рафтан мехоҳӣ? Ту кори кардагиятро боз хуб кардан мехоҳӣ? Баъд ман ба наздат оям ва гӯям: Раҳмат, Себастиани меҳрубон, акнун мо барои ҳамавақт дӯст мемонем?»

Себастиан хомӯш монд, зеро ана ҳамин тавр ӯ инро тасаввур карда буд.

«Не, раҳмат! - гуфт Ҳансен ва ба бахр туф кард. – Инро ту фаромӯш кун! Ту инро ҳеҷ вақт дигар хуб кардан наметавонӣ, агар ин ҳамон аст, ки ту бовар дорӣ. Мо дигар ба хона барнамегардем. Фаҳмидӣ? Мо ин ҷо берун мемонем. Ҳардуямон!»

«Ту маро .... ин хел ... сахт ганда мебинӣ?» Ин қадар аз даҳони Себастиан баромад. Лабҳояш вазнин буданд. Ин хел онҳо ҳисс мекарданд, ки гӯё ҳеҷ вақт дигар ҷунбидан намехостанд.

Ҳансен ҷавоб надод. Лекин, баданаш ҷавоб дод.

Ӯ яке қуввати зиёд дошт. Ӯ ин қадар тез киштиро ба ҳаракат даровард, ки об дар пеши кишти парид.

«Ман ҳам якбор ин хел нафрат доштам», гуфт Себастиан.

«Ман падарамро ганда медидам».

Ҳансен Себастианро нигоҳ накард. Ӯ фақат ба пеш нигоҳ кард.

Аммо Себастиан ҳисс кард, ки ӯ гӯш мекард.

«Айби вай буд, ки модарам мурд. Аз ин сабаб ман ӯро ганда медидам, - давом дод Себастиан, - Нафрат бадани маро мехӯрд. Лекин ман бо касе вохӯрдам, ки нафратамро гирифтан тавонист ...»

Ҳансен рудерашро монд. Ӯ донистан хост, ки Себастиан бо кӣ вохӯрд, лекин ӯ напурсид. Ӯ фақат интизор шуд.

«Ман бо Масеҳ вохӯрдам, - гуфт Себастиан. – Ӯ хост, ки ман нафратамро нисбати падарам партоям».

«Ту инро кардӣ?» пурсид Ҳансен.

«Ман кардам. Ва худо нафратамро гирифт ва бурд».

Себастиан як лаҳза хомӯш истод. Баъд ӯ гуфт: «Исои Масеҳ нафрататро гирифтан метавонад, агар ту хоҳӣ».

Ҳансен боз киштиро ба ҳаракат даровард. Киштии хурд тезтар шуд ва ба шаст даромад.

«Ман намехоҳам!» ӯ боз якбор фарёд зад.

Ӯ бо Себастиан гап назад. Ӯ бо фикрҳояш гап зад, гӯё ки онҳо зидданд. Аз афти рӯяш дидан мешуд, ки чӣ хел фикрҳояш ҷанг мекарданд.

«Ман гуфтам, намехоҳам».

Акнун ӯ ин хел тез киштиро ба ҳаракат даровард, ки гӯё барои зиндагияш мекард. Як лаҳзаи дароз ӯ фақат киштиро меҷунбонд. Меҷунбонд ва хомӯш буд. Ягон чизе, ки шунидан мешуд, ғиҷиррос задани чӯб ва шилдири об буд. Аммо баъд ин хел буд, ки гӯё ӯ тамоми қавваташро гум кард. Гӯё баданаш шикаст ва ӯ хеле майда шуд.

«Ҳа ... ман ... мехоҳам, - лакнати забон кард ӯ, - Ба ман ёрӣ деҳ, Себастиан!»

Торик шудан сар шуд. Рӯйҳоро дигар дидан намешуд. Одамон дар осмони бегоҳӣ чун сояҳо метофтанд. Ин хел сояи одам дар пеши соҳил буд ва ба беруни бахр нигоҳ мекард. Ӯ зани Ҳансен буд. Вай мардашро интизор буд ва намефаҳмид, ки чаро ӯ ин қадар дер мекард. Оё ягон чиз бо ӯ нашуда бошад? Зани Ҳансен мекард, ки чӣ хел тарс ба болояш меомад. Ӯ дар шикамаш чун гиреҳи сахт худро баст.

Вай аллакай шунида буд, ки одамон дар баҳр монданд. Онҳо ба берун барои моҳигирӣ шино карданд ва ҳеҷ вақт дигар барнагаштанд. Танҳо киштӣ баъдтар ёфт мешуд. Киштии холӣ ...

Хонум Ҳансен ларзид. Вай бисёр нақлҳоро шунида буд, ки киштиҳо дар баҳр шикаста шуданд. Ин нақлҳоро ӯро ҳозир сар надоданд.

«Оҳ, Худо!» фарёд зад ӯ ба сӯи осмони торик.

«Мон, кӣ ӯ боз ба хона баргардад! Худои меҳрубон, намон, ки ӯ ...»

Ин киштие набуд, ки он ҷо ба соҳил мерафт?

Ҳа, ин киштие буд! Ана омад, Лудвиги ӯ! Ӯ бо дастҳои боқувват киштиро ба соҳил овард. Худо аниқ ӯро шунид, вақте ки ӯ дуо кард! Пеш аз оне ки ӯ тамом дуо кард, Лудвиг омад!

Лекин ... Лекин ин тамоман Лудвиг набуд! Не, он кас ӯ набуд, ки омад! Касе буд, ки ӯ ҳеҷ вақт надида буд.

Бегона киштиро ба соҳил кашид ва аз пешаш ӯ, дар даст корча барои моҳиҳо, гузашт.

Хонум Франсен сулфа зад, то ки вай ба ӯ аҳамият диҳад. Баъд ӯ пурсид, ки оё дар берун ҳоло киштиҳо ҳастанд. Чашмонаш илтимос карданд, ки ӯ ҳа гӯяд. Вале ӯ не гуфт. Ӯ охироне буд, ки дар ин бегоҳ баргашт.

Оё ӯ пештар ягон киштиро дида буд? Дигаркасон, ки барои моҳигирӣ баромаданд?

«Ҳм, ҳа!» Ӯ ба ҳар ҳол як киштиро дид. Вай аллакай чанд вақт пеш баргашта буд. Ӯ ду одамро дар он дида буд.

«Шумо онҳоро мешинохтед?»

«Ҳа! Якеашон Себастиан Кок буд. Ӯро ба фикрам ҳама мешиносанд!»

«Ва дигарияш?»

«Ӯро ман нашинохтам».

Хонум Ҳансен джемпири мардро расид, ин хел асабонӣ ӯ буд.

«Намудаш чӣ хел буд?» пурсид ӯ нафас накашида.

«Ӯ дар сараш сарпӯши чармӣ дошт? ӯ джемпири хокистарранг пӯшида буд? Ӯ шарфи бофташуда дар гарданаш дошт?»

Лекин мард гуфт, ки ӯ ба баҳр баромад, то ки моҳӣ қапад, на барои нигоҳ кардан, ки одамон чӣ мепӯшанд.

Баъд ӯ рафт. Ӯ дигар ҳеҷ чиз гуфтан нахост.

Лекин ӯ бо вуҷуди ин ҳам ба ӯ ёрӣ расонд, зеро ӯ як номеро гуфт: Себастиан Кок.

Яке хонум Ҳансен ноором шуд. Вай давиданро сар кард. Вай мисли зоғ аз болои сангҳо парид. Вай аз кӯчаи Соҳил ва ба Мобайнӣ рафт. Вай назди хонаи Франсен истод. Он ҷо ӯ рафтан хост. Вай бо Себастиан Кок гап задан хост. Мумкин ӯ дар бораи шавҳараш ягон чиз медонист, ё мумкин ӯ ... Оҳ, вай як умеди хомӯше дар худ дошт! Мумкин Лудвиг буд, ки бо Себастиан якҷоя ба соҳил рафтанд! Мумкин ӯ дар меҳмонхонаи Франсен мешишт, кофе менӯшид ва зинда буд!

Ин фикр ӯро далер мекард.

Вай сарашро ба қафо партофт, қоматашро рост кард ва ба хона даромад.

## ***МАОШИ ДУЗДӢ***

Хонум Ҳансен фақат то долон расид. Вай худро бояд кам тайёр кунад, пеш аз оне ки ба меҳмонхона дарояд. Вай ҳоло бояд фикр мекард, ки ӯ ба Себастиан ва дигарон чӣ гуфтан мехост.

Вақте ки он ҷо меистод ва худашро ҷамъ мекард, ӯ шунид, ки касе гап мезад. Вай наздиктар омад ва гӯш кард. Албатта тамоман бегуноҳ, зеро ӯ асосан пушти дарҳо гӯш намекард. Барои ин кор кардан ӯ худашро хуби бад мегирифт. Лекин ӯ гӯшҳояшро маҳкам кардан наметавонист. Агар ӯ аллакай ин хел наздик дар дар буд, ӯ дигар илоҷ надошт ва маҷбур буд, гӯш кунад.

Ҳозир ҷаноби Франсен гап мезад. Вай овозро бозшинохт. Он қоқ ва каме тез буд.

«Ман ба ту шукр мегӯям, ки ту омадӣ, Ҳансен», гуфт ӯ баланд ва фаҳмо.

Ҳансен! Ӯ Ҳансен гуфт! Хурсандӣ дилашро пур ва онро калону гарм кард. Шавҳараш зинда буд! Ӯ дар баҳр ғарқ нашуд! Ӯ дар меҳмонхонаи Франсен мешишт! Акнун ӯ ҳам овози ӯро шунид.

Ҳа, ӯ буд!

Ӯ гуфт, ки ӯ пулиituдидагияшро баргардондан мехоҳад. Бо ин ӯ чӣ гуфтан хост? Ӯ аз як қисми пул диван харид, гуфт ӯ. Онро чӣ хел тез ки тавонад ба Мобайнӣ овардан мехост. Ҳа, баъд ӯ боз як ҳалқаи мӯҳрадор дорад, ки аз хонум Ҳансен буд. Онро ӯ ба вай тӯҳфа карда буд ...

Хонум Ҳансен бояд худро дар даҳони дар қапад. Ин хел буд, ки гӯё пойҳояш аз поёнаш афтидан мехост. Акнун ӯ фаҳмид, ки Ҳансен пулро аз куҷо дошт. Ӯ онро аз лоттерия набуред. Не! Ин пули дуздӣ буд! Ва ҳам ҳалқаи мӯҳрадор!

«Ҳалқаро ӯ бояд надиҳад», гуфт хонум Франсен меҳрубона.

Ҳеҷ вақт! Ҳеҷ кас ӯро маҷбур кардан наметавонист, ки вай бо чизи дуздидагӣ дар гардан гардад. Ҳалқаро ӯ ба рӯяш мепартояд, барои он ки ӯ ӯро фиреб дода буд. Вай хашми бисёри бад дар шикамаш дошт. Дурӯя! Ӯ барои ӯ як ҳалқа харидааст, ӯ гуфта буд! Ту барои ҳалқа бо мӯҳраи ҳақиқӣ меарзӣ, ӯ гуфта буд ва баъд ӯ ба гарданаш ҳалқаро кашол кард. Оҳиста ва идона ӯ инро кард. Чашмони ӯ ялтрас заданд, азбаски ӯ ба вай ин хел чизи қиматбаҳо харид.

Лекин онро ӯ фақат дуздид!

Хонум Ҳансен фассас кард. Акнун ӯ рафтан хост. Вай боз бисёртар шунидан намехост. Вай пеши кӯдаконаш, он кӯдакони хурди бегуноҳ, ки ҷинояткор чун падар доштанд, рафтан хост!

Лекин вай бо вуҷуди ин ҳам дгӯш карданро давом дод. Вай талхакаф шуд, вақте ки Ҳансен нақл кард. Ӯ гуфт, ки ӯ дар ин рӯз худро куштан хост, аммо баъд Исои Масеҳ ба зиндагияш даромад ва ба ӯ сулҳ дод ...

Хонум Франсен ҳайрон шуд. Ҳансен дар асл оиди Исои Масеҳ гап намезад. Албатта ӯ дар вақти сахт хашмгин буданаш «Э Худо!» фарёд задан метавонист. Лекин Исои Масеҳ? Ин номе буд, ки ҳеҷ вақт дар Иннсметтен се нагуфта шуда буд.

Акнун ӯ ҳам шунид, ки ӯ дар бораи Худо гап мезад, бе аз он ки ӯ хашмгин буд. Ӯ гуфт, ки Худо ӯро бахшид. Бо одамон душвортар аст, ки онҳо ӯро мебахшанд ...

Акнун хонум Ҳансен гиря кард. Вай гиря кард, азбаски ӯ фикрҳои ганда дошт, ва барои он ки ӯ ба Ҳансен бахшидан нахост. Ӯ чиро ҳозирак фикр кард? Вай ба рӯяш ҳалқаро партофтан хост. Ба ӯ, ки қариб мемурд! Вай қариб шавҳарашро барои доим гум мекард! Аллакай ҳозир ӯ бева будан метавонист ва барои ин ӯ гиря мекард. Вай ҳозир ба меҳмонхона даромадан намехост. Не! Мумкин рӯзи дигар. Ҳа, дар рӯзи дигар, ҳангоме ки чашмаш сурх нест, ӯ ба пеши хонум Франсен меравад ва барои ҳалқа шукр мегӯяд. Лекин ин бегоҳ не. Ин бегоҳ ӯ дигар чиз бояд кунад. Вай шавҳарашро пешвоз гирифтан хост. Вай ӯро ин хел пешвоз гирифтан мехост, чуноне ки ӯ инро орзу мекард. Баъд ӯ фаҳмидан метавонист, ки ӯ ӯро бахшид. Ҳа, инро ӯ кард. Вақте ки ӯ фаҳмид, ки ба ӯ ҳам бахшиш даркор буд, душвор набуд, ӯро ҳам бахшад.

Вақте ки хонум Франсен ба хона расид, ӯ хонаро ҷамъ кардан сар кард. Вай ба кӯдаконаш гуфт, ки онҳо худашонро шӯянд ва мӯйҳояшонро шона кунанд, зеро ба зудӣ падар меояд ва ба онҳо чизи муҳимро мегӯяд. Агар ӯ аз онҳо бахшиш пурсад, онҳо ба ёд бояд оранд, ки онҳо ҳам чизҳои ганда мекарданд. Онҳо фаришта набуданд-ку, ягон кас аз онҳо ин набуд. Ва агар ӯ бо гап задан тамом бошад, онҳо бояд гӯянд: «Мо бо вуҷуди ин ҳам туро дӯст медорам!» Оё онҳо инро дар хотир гирифтан метавонанд?

«Ҳа, ҳа, ҳа?» ҷавоб доданд ҳамаи кӯдакони Ҳансен. Инро онҳо дар хотир доштан мехоҳанд.

«Шумо баъд чӣ гуфтан мехоҳед?»

«Мо бо вуҷуди ин ҳам туро дӯст медорам!» ҳама кӯдакони Ҳансен бо як овоз фарёд заданд.

«Дуруст», гуфт хонум Ҳансен.

## КӮЧАИ МОБАЙН 11 ВА КӮЧАИ ИННСМЕТТЕН 3

Комила дар хотир надошт, ягон бор ин  хел хурсанд бошад. Хонум ва ҷаноби Франсен ҳам дар хотир надоштанд. Себастиан ҳам хурсанд буд. Рӯяш медурахшид. Ту инро тасаввур кардан метавонӣ? Онҳо ба Софи як мактуб навистанд. Вай ҳам бояд медонист, ки ӯ бегуноҳ буд.

Хонум Франсен гуфт, ки Комила чӣ қадаре ки хоҳад хеста монад, зеро ин рӯзи идонаи калон аст. Лекин ин беақл! Комила чашмонашро кушода мондан хост, лекин онҳо ба поён фаромаданд, ва дар қурсӣ хобаш бурд. Себастиан оҳиста ӯро ба боло овард ва эҳтиёткорона ба кат гузошт. Ӯ кӯрпаро аз болояш паҳн кард ва хуб пӯшонид. Баъд ӯ ба Комила хам шуд ва гуфт: «Хоби хуш!». Лекин инро Комила аллакай намешунид ...

Лекин акнун мо кӯчаи Мобайнро тарк мекунем, ва мебинем, ки дар кӯчаи Иннсметтен чӣ рӯй дод. Мо Оливер ва дигаронро дидан мехоҳем, ва бо Ҳансен дар роҳ ба хонааш ҳамроҳ мешавем.

Ҳансен ҳангоми хона рафтан шикамдард буд. Ӯ аз он гапе, ки бояд ба зану кӯдакҳояш мегуфт, метарсид. Онҳо чӣ мекунанд, агар фаҳманд, ки ӯ ҷинояткор буд? Онҳо ба ӯ нафрат мекунанд? Онҳо ба ӯ мебахшанд?

Ӯ инро надонист.

Ҳансен ҳеҷ вақт аҳамият надод, чӣ хел кӯтоҳ роҳ аз кӯчаи Мобайн 3 ва кӯчаи Иннсметтен 11 буд. Яке ин хел метофт, ки хонаи хокистарранг ба сӯяш меояд. Баъди якчанд дақиқа ӯ ҳамаи одамонро, ки аз ҳама нағз медид, ҷамъ мекунад ва калимаҳои душвортарини зиндагияш мегӯяд. Оё ӯ бо каме интизор шавед? Фақат то пагоҳ? Не, ӯ бояд инро имрӯз иҷро кунад!

Бо як амал ӯ калидро ба куфл андохт ва онро тоб дод. Баъд ӯ даромад.

Ҳансен пеш он ки ӯ ягон калима гуфтан тавонист, занаш давида омад. Номумкин буд, лекин ӯ ба гарданаш парид, ӯро бӯса ва оғӯш кард, гӯё ки ӯ аз Амрико меомад! Чӣ хел ширин вай буд! Вай рухсори сурх дошт ва суст бӯи собуни атр мекард.

Аз пушти ӯ ҳама кӯдакон меистоданд. Ҳамаи онҳо тоза ва нав шона карда буданд ва ӯро бо рӯйҳои интизорӣ нигоҳ карданд. Бояд моҳӣ бошад, ки онҳо интизор буданд. Ӯ ҳеҷ вақт надониста буд, ки онҳо ин қадар аз моҳӣ хурсанд мешуданд!

Ҳансен ҳайрон ба ҳар тараф нигоҳ кард. Тоза ва ботартиб хона буд. Дар болои мис як дастархони навдарзмолкарда паҳн карда шуда буд, ва дар

мобайни миз ягона шамъмонаки нуқрагине, ки онҳо доштанд, меистод. Хонум Ҳансен онро топ-тоза кард. Ӯ мисли ҳазор ситораҳо медурахшид.

Оҳ, ин хел зебо буд! Ӯ ин табъи хубро шикастан наметавонист, агар ӯ оиди чизҳои ганда нақл мекард. Ё мумкин метавонист? Ӯ ба кӯдаконаш нақл кардан метавонист, ки онҳо пагоҳ диванро бояд супоранд? Ки онҳо падаре доранд, ки бояд аслӣ дар зиндон бошад? Ки ...?

Не, ӯ инро наметавонист. Ӯ ҳоло каме интизор шудан метавонист. Мумкин пагоҳ беҳтар мувофиқ мешуд? Ҳа, албатта! Ба ҳар ҳол имрӯз тамоман номумкин буд, ин хел тӯфонро бардорад. Ин бегоҳ ӯ бо зану кӯдаконаш хуб будан мехост. Онҳо бегоҳии идона дар кӯчаи Иннсметтен доштан мехостанд!

Ӯ ба ин ҳақ надошт? Ӯ ҳам якбор худро хуб ҳисс кардан наметавонист?

Ҳа, ӯ ба худ ҷавоб дод.

Лекин баъд чизе рӯй дод. Яке овози хурде гап зад. Овози Пиа-Пиа буд.

«Ту ба мо чӣ гуфтан хостӣ?» пурсид ӯ.

Ҳансен тамоман ҳайрон шуд. Аз куҷо ин духтар донистан тавонист, ки ӯ чизе гуфтан хост? Вай инро донистан наметавонист-ку!

Фариштаҳои Худованд бояд бошанд, ки бо воситаи кӯдак гап мезаданд. Онҳо ба ӯ хабар расонданд, ки ӯ онро ба пагоҳ намонад. Ӯ бояд инро ҳозир кунад.

Ҳа, ва ин тавр ӯ инро кард.

Афти Ҳансен ин қадар нағз набуд, вақте ки ӯ инро гуфт. Рӯяш қариб сафед буд ва ӯ бисёр дар вақти гап задан меистод. Ӯ нагуфт, ки ӯ худкушӣ кардан хост. Инро кӯдакон бояд надонанд. Лекин ӯ оиди он корҳои гандае, ки ӯ карда буд, гап зад ва бахшиш пурсид. Калимаҳо ин хел сахт дар дарунаш буданд, ки қариб баромадан нахостанд. Лекин ӯ баъд дар охир тавонист!

Вақте ки ӯ чашмонашро бардошт, ӯ дид, ки ҳама рӯйҳо гирди ӯ меҳрубон буданд.

«Мо бо вуҷуди ин ҳам туро дӯст медорем!» фарёд заданд ҳама кӯдакони Ҳансен.

Ин тамоман номумкин буд! Ҳамаашон як чизро гуфтанд!

Не, ҳама не. Оливер не. Ӯ даҳонашро накушод. Бо рӯи маҳкам ӯ ба берун рафт ва ба ҳуҷрааш даромад. Барои як лаҳзаи хурд пушташро дар даҳони дар дидан мешуд.

Баъд дар маҳкам шуд.

## *ЯК ПАДАР ВА ЯК ПИСАР*

Оливер як нақша дошт. Ӯ падарашро як лаҳза барои худ доштан мехост. Барои ҳамин ӯ ин хел рӯй кард ва аз ҳуҷра баромад. Чӣ хел ӯ дигархел кардан метавонист? Ҳама ҷо пур аз бародарону хоҳарон буд.

Лекин ҳозир ӯ тавонист. Баъди якчанд сония Ҳансен ба ҳуҷрааш хоҳад дарояд, то ки бо Оливер гап занад. Ӯ танҳо меояд. Хонум Ҳансен дар пеши дар қаравул меистад, то ҳеҷ кас надарояд. Инро Оливер донист. Барои ҳамин ӯ оромона нишаста буд ва интизор шуд.

Ана! Дар кушода шуд! Ҳа, падараш буд, ки даромад! Оливер ба замин нигоҳ кард. Ин ҳам ба нақшааш дохил мешуд. Барои ҳамин ӯ фақат пойҳо ва як қисми шимро медид. Пойҳо наздиктар омадан, Оливер фаҳмид, чӣ хел чизи вазнин худро ба кат шинонд. Онҳо ин хел наздик буданд, ки Оливер ӯро нафас кашидан мешунид.

Маро ба оғӯш гир! орзу кард Оливер.

Лекин Ҳансен аз ҷояш наҷунбид. Ӯ аз ба оғӯш гирифтани писараш метарсид.

«Ту маро бахшидан наметавонӣ, ин хел нест?» пурсид Ҳансен бо овози паст.

«Не, - гуфт Оливер, - ин нест!»

«Барои ту ин тези бад омад?»

«Не, ман инро аллакай ким-кай медонистам».

Чашмони Ҳансен калон шуданд.

«Ту инро аллакай кими кай медонистӣ, ту гуфтӣ? Инро ба ту кӣ нақл кард?»

«Ҳеҷ кас, - гуфт Оливер, - ман худам инро дидам. Ту ва Қасдгир Себастианро бо як халта баровардед».

Ҳансен хеле сафед шуд, лекин инро Оливер надид. Ӯ бисёри бад бо гап задан машғул буд. Акнун ҳамааш баромад, ҳамааш, ки ӯ ин қадар вақтдар худ нигоҳ дошта буд. Ӯ на фақат дар бораи ҷиноят дар хонаи Франсен нақл кард. Не, ӯ ҳам дар бораи шикоф дар девол ва ҳалқа бо мӯҳраҳои нодуруст ва ҳама чизе, ки ӯ дид, вақте ӯ дар берун буд, нақл кард.

Оливер бисёртар нақл кард, аз оне ки ӯ дар аввал нақша карда буд. Як калима ягон хел ба дигараш часпида буд. Ӯ тамом кардан наметавонист. Бе аз оне ки ӯ фаҳмид, ӯ ҳамаи фикрҳояшро паҳн кард. Бо чашмони дурахшон ӯ аз хобаш нақл кард. Ҳамоне, ки ӯ падарашро аз милисаҳо наҷот медод. Ва баъди ин ...

Як табассум дар рӯи Оливер пайдо шуд, вақте ӯ нақл кард, ки чӣ бояд рӯй медод. Баъд падараш ӯро ба оғӯш мегирад, ӯро писари худ меномад ва ба мӯйҳояш гиря мекунад ...

Ҳансен хомӯш шишт ва гӯш кард. Ӯ яке ҳиссиёти аибе дошт. Дар овози Оливер ӯ каме ёдкуниро намешунид? Мумкин писараш падаршро ёд мекунад, ҳам агар ӯ ин қадар наздик буд?

Ҳансен пештар ягон бор оиди ин фикр накарда буд. Ӯ фақат кор мекард, то ки либос ва хӯрок барои кӯдаконаш харидан тавонад. Ӯ худашро камбағал ҳисс мекард, аз барои он ки ба кӯдакони худ он чизҳое, ки дигар кӯдакон доштанд, харидан натавонист. Акнун ин хел буд, ки гӯё ӯ хест. Ӯ худро дигар камбағал ҳисс накард. Ӯ як чизеро додан метавонист-ку! ӯ ба кӯдаконаш як падар додан метавонист, ки ба онҳо наздик буд ...

Аз ин Оливер аллакай кими кай хоб медид. Падараш аз ҷояш хест ва дасташро дароз кард.

«Биё, писарам!» ӯ бо овози шикаста гуфт.

Ва Оивер омад. Ӯ ба оғӯши падар парид ва рӯяшро дар джемпири хокистарранги ӯ пинҳон кард. Як дасти калон пушташро расид ва ӯро ба тарафи худ кашид. Ин ин хел хуб ҳисс мекард!

Оливер даруни джемпир табассум кард. Бинияш бӯи араќи бадан ва бӯи баҳрро ва боз як чизи дигарро нафас  кашид. Ӯ надонист, ки номаш чӣ буд. Ӯ фақат донист, ки он бӯи падар дошт.

«Писарам», гуфт Ҳансен. Ӯ дар чашмонаш ашк дошт. Дасти калон поён ва болои пушташ мегашт.

«Писарам», боз ӯ гуфт.

«Писарам...»